Мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурӣро роҳандозӣ карда истодаем.

**Эмомалӣ РАҲМОН**


## МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



### ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Зулҳия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Мадина НАБИЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Суғд
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Раҳмоналӣ МИРЗОЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

### САРМУҲАРРИР
**НАБИЗОДА САИДА ФАЗЛ**

### ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ
**Саидамир АМИНОВ** - узви вобастаи АТТ, номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши методӣ
**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ
**Абдурауф МУРОДӢ** - муҳаррири бахши филологӣ
**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ
**Номвар ҚУРБОНОВ** - номзади илми техникӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ
**Санҷар АМРИЕВ** - муҳаррир

### МУҲАРРИРОНИ ТЕХНИКӢ:

Шаҳнозаи МИРЗО
Рамазон НУРОВ
Нурулло ҒАФУРИЁН



**Маорифи Тоҷикистон**



**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj



**Индекс:** 77500
Маҷаллаи аз 22. 11. 2021 таҳти №221/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Табъу нашр» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 6306 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№7**

**№7 (231), 2024**

# МУНДАРИЧА

**МАОРИФ ВА ИҚТИСОД**
Д. САФАРЗОДА. Ҳар монеа роҳи ҳал дорад..........3
**ДОВТАЛАБ**
М.ШОДИЕВ. Қадами нахустин ва муҳим барои донишҷӯ шудан..........5
**АХЛОҚ ВА ҶОМЕА**
С. ШОДИЕВА. Алҳазар аз ифротгароӣ ва бегонапарастӣ..........10
**ҲАМБАСТАГӢ**
М.АШӮРОВА. Нақши падару модар, мактаб ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд..........12
**МУСОҲИБА**
Н.ОХУНЗОДА. Адабиёт тарбияти ахлоқ аст..........14
**ДАҲСОЛАИ АМАЛ**
А. ЗАРИФӢ. Об қудрат аст!..........17
**БА ИСТИҚБОЛИ МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ**
**ПЕДАГОГИКА**
М. ЭМОМОВА. Чаро наврасон душвортарбия мешаванд?..........20
**ТАҲСИЛОТ ВА ЗАМОН**
М. ҶУМЪАХОНОВА. Моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим..........23
**ЗАБОН ВА ТАЪЛИМ**
З. ҚОСИМОВА. Хусусиятҳои ташдид дар забони тоҷикӣ..........26
**ЗАБОНОМӮЗӢ**
Н.АСРОРОВА. Бозиҳои дидактикӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ..........29
**ТАЪРИХ**
Ю.ШОДИПУР, М. БАБАЕВА. Ҷараёни маорифпарварии тоҷикон: пайдоиш, вусъат ва аҳамияти афкори иқтисодӣ..........31
**АНДЕША**
А. МУҲАММАДИЕВ. Эрод талош барои ҳақиқат аст..........34
**АХЛОҚ ВА АДАБИЁТ**
З.АҲАДОВ. Кишти худ сероб кун аз ҷӯйбори тарбият..........37
**ПАЙВАНДИ ЗАБОНҲО**
А. БОРОНОВ. Робитаи халқҳо ва таърихи миллат..........39
**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**
**МЕТОДИКА**
Ф. НАЗАРОВА. Дарс-ҳикоя дар дарси биология..........41
**РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ**
Р.РАҲИМОВ. Математика ва иқтисодиёт дар омӯзиши функсияҳои элементарӣ..........43
**САНАД**
Меъёри баҳогузории 10-хола ба дониш, малака, маҳорат ва рафтори хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........47

# ҲАР МОНЕА РОҲИ ҲАЛ ДОРАД



**Дилшод САФАРЗОДА – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Аз омилҳои муҳиме, ки ба пешрафти мактабу маориф мусоидат мекунад, таъмини шароити фаъолият ва дастгирии молиявӣ ба шумор меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба соҳаи маориф таваҷҷуҳ зоҳир карда, масъалаҳои ҳалталабро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.**

Сабабҳое, ки моро барои ислоҳи мушкилоти мавҷуда дар ин росто таҳрик мебахшанд, рӯй додани ҳодисаҳои табиӣ, ба ҳолати садамавӣ мувоҷеҳ шудани биноҳои соҳа, маҳдуд будани имконоти молӣ барои масъулин дар музофот рабт доранд. Фаразан, бар асари боришоти зиёд омадани селу ярч дар кишвар ташвишҳои зиёдро ба бор меорад. Албатта, аз ин хатар биноҳои муассисаҳои таълимӣ наметавонанд дур бошанд. Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим баҳори имсола сербориш омад ва тибқи гузоришҳои мақомоти дахлдору расонаҳои иттилоотӣ, дар бархе аз деҳаҳои кишвар омадани селу ярч ба қайд гирифта шуд. Вобаста ба ин, тибқи дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвонии тамоми сардорону мудирони сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи вилояту шаҳру ноҳияҳо мактуби дастурӣ ирсол гардида, аз ҳисоби шахсони роҳбарикунанда гурӯҳи корӣ таъсис ёфт. Гурӯҳи корӣ дар ҳолатҳои фавқулода, хусусан, зимни шамоли сахту боришоти зиёд ва хавфи омадани селу ярч дар маҳалли муассисаи таълимӣ ҷойгирбуда вазъиятро зери назорат қарор дода, ҳамарӯза ба Вазорати маориф ва илм гузориш пешниҳод менамояд. Хушбахтона, то имрӯз ягон ҳолати ҷиддие, ки боиси зарар дидани муассисаҳои таълимӣ ва ё осеб ба хонандагон гардида бошад, ба қайд гирифта нашудааст.

Дар назди Вазорати маориф ва илм ва тамоми муассисаҳои соҳавӣ ситоди фаврӣ таъсис дода шудааст, ки ҳамарӯза вазъи муассисаҳои таълимиро зери назорат қарор дода, аз натиҷаи корҳои анҷомёфта ба вазорат гузориш пешниҳод мекунанд. Дар баробари ин, бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи ба низом даровардани соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таълимӣ таҳия гардида, ҳамасола як қатор корҳо анҷом дода мешаванд.



Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ фармоиши директорони таълимгоҳҳо оид ба татбиқи барномаҳои таълимии омӯзиши қоидаҳои назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор тавассути дарсҳои иловагӣ дар ҳамаи синфҳо бо нишондоди масъулони (омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо) иҷрои он ба тасвиб расонидаву назорати он ба зиммаи роҳбарияти таълимгоҳҳо гузошта шуд. Дар маҷмуъ, ба таълими мудофиаи шаҳрвандӣ дар синфҳо 6 соат ҷудо шудааст, ки ба шумори ин соатҳо омӯзиши муҳофизат аз заминларза, сӯхтор ва сел ворид гардидааст. Инчунин, дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ барои огоҳии хонандагон аз роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз сӯхтор, заминларза ва ғайра баргузории Рӯзи мудофиаи гражданӣ ба нақша гирифта шудааст. Зимни баргузории ин гуна чорабиниҳо хонандагони муассисаҳои таълимӣ дониш, маҳорат ва малакаи амалии худро, ки дар натиҷаи омӯзиш ба даст овардаанд, намоиш медиҳанд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои

фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №192 тасдиқ шудааст, корҳои назаррасро анҷом дод. Аз ҷумла, бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.04.2024, №412 Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 тасдиқ ва инчунин, дар назди вазорат ситоди махсус таъсис дода шудааст. Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорону мудирони сарраёсат, раёсат, шуъба, бахшҳои маорифи вилояту шаҳру ноҳияҳо, ректорону директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта уҳдадор шудаанд, ки нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, аз натиҷаи корҳои иҷрошуда то 25-уми ҳар моҳ ба Вазорати маориф ва илм маълумот пешниҳод намоянд.

Бояд қайд намуд, ки талаботи муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025, дар маҷмуъ, ба 55690,2 тонна ангишт, 54176,1 $м^3$ ҳезум ва 116810 литр сӯзишвории дизелӣ буда, ба ҳолати 8 июли соли 2024 – 13730 тонна ангишт (25%), 9462 $м^3$ ҳезум (17%) ва 7404 литр сӯзишвории дизелӣ (6%) иҷро гардидааст. Ҳамзамон, дар муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ 1177 адад дегхонаи хурду бузург, 21541 адад гармкунаки барқӣ ва 44421 адад печи половӣ барои гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 омода гардидааст. Барои гузарондани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025, дар маҷмуъ, 36419 метри мураббаъ шишабандии дару тирезаҳо ба нақша гирифта шуда, иҷрои он зери назорат қарор дорад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, интернатҳо, литсейҳо ва мактабҳои Президентӣ барои гузарондани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 (моҳҳои сентябр-феврал) талаботи асосии маводи ғизоӣ, аз ҷумла, орд 903 тонна, равған 225 тонна, биринҷ 299 тонна, шакар 297 тонна, картошка 1001 тонна, пиёз 475 тонна, сабзӣ 439 тонна ва 71033 қуттии консерва ба нақша гирифта шудааст, ки иҷрои он аз моҳи сентябр оғоз мегардад.

Пӯшида нест, ки ҳамасола баробари анҷом ёфтани соли таҳсил дар расонаҳо, хусусан, шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба мавзуи мазкур ҳар гуна баҳсу мунозираҳо сурат мегиранд. Аммо як нуктаро бояд таъкид кард, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ шуруъ аз соли 2007 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №505 ба низоми маблағгузории меъёрии сарикасӣ гузаронда шудаанд. Айни замон меъёрҳои сарикасии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ индексатсия (афзоиш) дода мешаванд, ки ин, дар маҷмуъ, ба ғайр аз таъмири фарогир (капиталӣ) ва хароҷоти сафархарҷии такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳамаи хароҷоти муассисаро дар бар мегирад. Яъне, аз ин бармеояд, ки тибқи сметаи хароҷотии муассиса, маблағ барои таъмири ҷорӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» хароҷот ва азхудкунии маблағҳои дар сметаи муассиса пешбинигардида, аз ҷумла, барои таъмири ҷории муассиса ба зиммаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда шудааст. Агар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия маблағи пешбинишударо ба муассисаи таълимӣ ҷудо намояд ва роҳбари муассисаи таълимӣ маблағҳои мазкурро самаранок истифода намоянд, гумон мекунам, ҳоҷат ба ҷамъоварии зиёдатии маблағ аз падару модарон ва ё хонандагон намемонад.

Бояд ҳар узви ҷомеа дониста бошад, ки бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва таъмини хонандагон ба ҷойи нишаст дар шаҳру ноҳияҳо тибқи сархати 5, моддаи 35-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ уҳдадор буда, бояд шароити мусоидро барои инкишофи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф таъмин намояд. Новобаста аз ин, Вазорати маориф ва илм дар доираи маблағҳои пешбинигардида ҳамасола аз 10 то 15 ҳазор ҷойи нишасти муассисаҳои таълимиро таъмин менамояд. Агар ба маълумоти оморӣ таваҷҷуҳ намоем, соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 370 бино ва синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 76 532 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин шумора дар се моҳи аввали соли ҷорӣ 18 бино ва синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 2276 ҷойи нишаст сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Инчунин, айни замон дар ҷумҳурӣ 313 биноӣ муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 350 биноӣ муассисаи таълимӣ ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта вобаста ба сохтмону азнавсозии иншооти соҳаи маориф ва норасоии ҷойи нишаст бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин, бо дастгирии соҳибкорон ва шахсони саховатпеша ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар ин самт пайваста тадбирҳои судманд амалӣ менамояд.

# ҚАДАМИ НАХУСТИН ВА МУҲИМ БАРОИ ДОНИШҶӮ ШУДАН



**Мирзошариф ШОДИЕВ – мушовири Маъмурияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон**

**Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир роҳнамо ва амаликунандаи орзуи довталабон барои соҳиб шудан ба унвони донишҷӯйӣ ва таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гардидааст. Ин ҳама шароит ва имконотеро, ки марказ дар ин ҷода фароҳам овардааст, даҳ сол қабл касе, ҳатто орзу намекард: интихоби то 12 ихтисос, интихоби вақти мувофиқ барои бақайдгирӣ, имкониятҳои такрорӣ барои бақайдгирӣ ва имтиҳонсупорӣ (дар нуқта ва марказҳои имтиҳонии ба ҷой (макон)-и зист наздик), арзёбии объективӣ ва шаффофи дониш, тақсимоти одилона ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо ёрии техникаву технологияи муосир тибқи интихоби довталаб (пас аз дастёбӣ ба хол ва бали гузариш) ва амсоли инҳо.**

Низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар муддати ин солҳо чун низоми мукаммали миллии тестӣ ва абзори арзёбиаш ҳамчун воситаи муътамади санҷиши донишу маҳорати довталабон эътироф гаштааст. Барои интихоби ихтисосҳо Марказ барномаи махсус таҳия намуд, ки онро дар компютер ё телефони мобилӣ истифода кардан мумкин аст. Рӯйхати ихтисосҳо дар сомонаи Марказ гузошта мешавад ва хоҳишмандон метавонанд онро ба телефон ё компютер боргирӣ карда, ихтисосҳои дилхоҳашонро барои қайд бо мақсади иштирок дар ИМД осон интихоб кунанд. Ин барнома аз ҳар лиҳоз дар интихоби ихтисосҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои довталабон муносибтару беҳтар аст. Таҷрибаи даҳсола нишон дод, ки яке аз мушкилиҳо дар низом саҳван интихоб намудани ихтисосҳо ҳангоми бақайдгирӣ аз ҷониби довталабон аст. Ҳарчанд Марказ имконият медиҳад, ки довталабон ихтисосҳо, муассисаҳои таълимӣ, шаклу намуд ва забони таҳсили қаблан интихобкардаашонро тағйир диҳанд, лек пас аз тақсимот низ гоҳ-гоҳ изҳори пушаймонии довталабон аз интихоби ихтисосҳо мушоҳида мешавад. Бояд тазаккур диҳем, ки ҳар кас бояд ихтисосеро интихоб кунад, ки ба табиату донишу қобилияташ мувофиқ бошад. Довталаб бояд, пеш аз ҳама, олами маънавии худ − шавқу ҳавас, меҳру садоқат ба касбу ихтисос, тафаккур ва қобилияту истеъдодашро ба назар гирад. Сипас, бо ихтисосҳои мавҷудае, ки майли интихоби онҳоро дорад, шинос шуда, хусусияту талаботи онҳоро фаҳмида, лаёқату донишу тавону имкони худро ба эътибор гирифта, онҳоро ихтиёр кунад. Танҳо дар ҳамин сурат интихоби касбу ихтисос дурусту дақиқ ва бошуурона буда метавонад. Марказ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор ва муассисаҳои ба низом воридгашта, ки мутахассисони касбӣ тайёр мекунанд, бо дарназардошти ба ҳам монанд ва наздик будани фанҳои имтиҳон ихтисосҳои дар нақшаи қабул воридгаштаро дар панҷ гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) муттаҳид кардааст:



1. Табиӣ ва техникӣ; 2. Иқтисод ва география; 3. Филология, педагогика ва санъат; 4. Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ; 5. Тиб, биология ва варзиш.

Бояд эътироф намуд, ки мутаассифона, баъзе ихтисосҳое ба назар мерасанд, ки мазмуну муҳтавои онро довталабон, танҳо бо шиносоӣ бо номашон дарк карда наметавонанд ва натиҷа ҳамин аст, ки онҳоро таваккалан интихоб менамоянд ва намедонанд, ки баъди хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ дорои кадом касб мегарданд, дар куҷо ва дар кадом соҳа фаъолият карда метавонанд. Бо назардошти муроҷиати довталабон номгӯйи як қатор чунин ихтисосҳоеро пешниҳод месозем, ки ҳангоми интихоб довталабон, баъзе аз падару модарон ва бақайдгирандагон низ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, дар шарҳи он оҷизӣ мекашанд ва охиран аз интихоби ихтисосҳои мазкур даст ҳам мекашанд. Масалан, дар шарҳи ихтисосҳои зерин: 137020201 - Вагонҳо, 1400301 - Зеҳни сунъӣ, 125011027 - Иқтисоди сабз, 126020323 - Логистика, 103030201 - Дефектология, 1030304 - Олигофрено-педагогика, 1030306 - Сурдопедагогика, 12301080203 - WEB-журналистика, 123011302 - Бойгонии аудиовизуалӣ, 1560102 - Кадастри замин, 175020103 - Дендрология, 2790135 - Кори тиббӣ-офиятӣ, 2790135 - Реабилитатсияи тиббӣ-иҷтимоӣ ва ғайра.

Вобаста ба имконият кӯшиш менамоем, ки ин ҷо доир ба баъзе аз ин ихтисосҳо маълумот диҳем, то ин ки довталабон бо дили пур ихтисосҳояшонро интихоб карда тавонанд.

*Ихтисоси «Вагонҳо.»* Мутахассиси ин соҳа фаъолияти ҳайати ҳаракати роҳи оҳанро ташкил мекунад, истифодаи бехатарии онро амалӣ менамояд, ҳуҷҷатҳои технологиро барои истеҳсол ва таъмири ҳайати ҳаракат таҳия мекунад. Инчунин, ба салоҳияти ӯ дохил мешавад: таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳакашии истеҳсол ва таъмиру навсозӣ ва тағйир додани ҳайати ҳаракаткунанда; назорати техникӣ ва идоракунии сифат.

*«Зеҳни сунъӣ»* равияи илмиест, ки объекти он низомҳои интеллектуалии қарорқабулкунандаи равандҳо ва моделҳои расмии ин равандҳо мебошад. Мавзуи асосии равияи мазкур тартиб додан ва тадқиқоти моделҳо, воситаҳо ва усулҳои тарроҳии низомҳои зеҳнӣ мебошад. Тайёр кардани мутахассис аз рӯи ин ихтисос ташаккули салоҳиятҳои муайяни касбӣ, аз ҷумла, дониш ва малакаҳо дар соҳаи низомҳои таҳлилӣ ва гузоштани масъалаҳо; мушаххасоти алгоритм; ба расмият даровардани иттилоот ва дониш; манбаи додаҳо, барномарезӣ ва тарҳрезии барномаҳо ҳамчун ҷузъи низоми мураккаб; ташкили равандҳои таҳлилии истеҳсолот ва пешгӯии он, истифода ва коркарди низомҳои зеҳнӣ бо мақсадҳои гуногун; тадқиқоти таҷрибавӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва ғ. мебошад. Доираи фаъолияти касбии мутахассис инҳоянд: низомҳои компютерӣ ва иттилоотӣ; комплексҳои барномавӣ; технологияҳо барои коркарди низомҳои иттилоотии таҳлилӣ ва пешгӯӣ бо мақсадҳои гуногун; низомҳои интеллектуалӣ. Шахси соҳиби ин ихтисос ҳамчун таҳлилгари додаҳо, барномасози равандҳои иқтисодӣ, барномасоз дар муҳити коркарди зеҳни сунъӣ, менеҷер-таҳлилгари захираҳои иттилоотӣ (бизнес-аналитик), идоракунандаи маълумотҳои зиёд, маъмури пойгаҳи додаҳо, мутахассис–таҳлилгари соҳаи бонк, телекоммуникатсия, ширкатҳои мобилӣ ва дигар соҳаҳое, ки манбаи маълумоти зиёд барои коркард доранд, фаъолият карда метавонад. Мо дар ҷаҳони интеллектуалӣ зиндагӣ мекунем, ки дар он мо метавонем мошин созем, бо алгоритм ҷаз эҷод кунем ё CRM-ро ба паёмрасонҳои дастгоҳҳои электрониамон пайваст карда, ба паёмҳои муҳимтарин авлавият диҳем. Зеҳни сунъӣ муҳимтарин инқилоб дар технология аз замони ихтирои мошинҳои ҳисоббарорӣ маҳсуб мешавад ва ҳама чизро тағйир хоҳад дод, зеро он метавонад бо истифода аз робот ё нармафзор ба зеҳни инсон тақлид кунад.

*«Кадастри замин»* маҷмуи маълумот оид ба замин мебошад. Мутахассисони кадастри замин дар Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак бо дар назардошти КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», Институти лоиҳакашию тадқиқотӣ, Институти давлатии лоиҳакашӣ оид ба заминсозӣ «Тоҷикзаминсоз», инчунин, дар соҳаҳои гуногуни сохтмон фаъолият карда метавонанд. Дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати кадастри замин таъсис дода шудааст, ки доираи фаъолияташ қабули маълумотҳо оид ба тағийрёбии ҳолати заминҳо буда, ҳар сол фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистонро тартиб дода, барои истифода ба мақомоти дахлдор равона менамояд. Ҳамасола мутахассисони раёсати кадастри замин дар ченаки кишти зироатҳои кишоварзӣ иштирок карда, маълумот тартиб дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Тибқи бандҳои 27, 28 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи тасдиқ намудани қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» арзёбии иқтисодии заминҳо бо мақсади асоснок гардидани истифодаи самаранокии заминҳо, муқаррар ва фарқгузорӣ намудани андозаи меъёрҳои пардохти андози замин бо назардошти қудрати истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ, мавқеи ҷойгиршавӣ ва дигар хусусиятҳояшон арзёбӣ карда мешаванд. Кадастри замин аз ҷониби Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зертобеъҳои он дар маҳалҳо гузаронда мешавад.

*«Логистика»* яке аз ихтисосҳои муосир ва ояндадори асри ХХ1 ба шумор меравад. Баъди хатми донишгоҳ аз рӯи ихтисоси номбаршуда, ҳамчунин, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ба тахассуси дусоҳавии «Маркетолог-иқтисодчӣ» соҳиб мегарданд. Инҳо мутахассисони дорои таҳсилоти бакалавр мебошанд, ки дар соҳаи информатика, математика ва иқтисодиёт дониши ҳаматарафаи фундаменталиро соҳиб мешаванд. Бартарии ин ихтисос аз дигар ихтисосҳои мактабҳои олии мухталифи ҷумҳурӣ дар он аст, ки соҳаҳои иқтисодиёт, математика ва истифодаи касбии технологияи компютерӣ-коммуникатсиониро байни ҳам мепайвандад. Логистика ҳамчун низоме аст, ки таъминоти тамоюли бозори идоракунии корхонаро ба роҳ монда, мазмуни фаъолияти корхона ва муқаррар намудани алоқаҳои онро бо истеҳсолот муайян менамояд. Самтҳои асосии корҳое, ки дар ин доира амалӣ мешаванд, инҳо мебошанд: омӯзиши бозор ва пешгӯйии талабот ба намудҳои муайяни маҳсулот; хариди захираҳои моддӣ барои истеҳсоли маҳсулот; қабули қарор оид ба андозаҳои захираҳо ва идораи захираҳо; ташкили ҷараёнҳои моддӣ дар истеҳсолот; ташкили тақсимоти мол: интихоб ва борпечонии маҳсулоти тайёр, интиқоли он ба ҷои муқаррааргардида, расондани мол ба истеъмолгар, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои лозимӣ. Логистика фаъолият аз рӯи банақшагирӣ, иҷро ва назорати ҳаракати табиии масолеҳ, маҳсулоти тайёр ва иттилооти ба он тааллуқдошта аз мавқеи истеҳсолшуда ба ҷойи истеъмолшаванда бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои истеъмолгарон ва ба даст даровардани фоида мебошад. Он метавонад, ташкилотҳоро ба муваффақиятҳои тиҷоратӣ ноил гардонад. Ба туфайли донишҳои технологияи муосир, маҳорати оптимизатсияи захираҳо, ҷустуҷӯи манбаъҳои ниҳонии рақобатпазирӣ, пешгирӣ аз зиддиятҳои байнифунксионалӣ ва дарёфти созишҳои иқтисодиро ба даст овардан мумкин аст. Логистика низоъҳои байнифунксионалӣ ва байниташкилотиро дар асоси ҷустуҷӯ бартараф менамояд. Дар ҳама ҷойе, ки ҷараёни молӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ мавҷуд аст, логистикҳо лозиманд. Бинобар ин, дар бозори меҳнат нисбат ба мутахассиси соҳаи логистика талабот зиёд мебошад. Дорандагони ин ихтисос дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз он ҷумла, марказҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, таълимӣ ва дигар соҳаҳое, ки бо ҷараёнҳои моддӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотӣ сарукор доранд, фаъолият карда метавонанд. Баъзан довталабон истилоҳи «логистика»-ро бо «лингвистика» омехта месозанд. Аз ин рӯ, лозим донистем, ки доир ба ихтисоси «лингвистика» низ каме маълумот диҳем.

Вазифаи асосии омодасозии мутахассисон аз руйи равияи 450302 – «*Лингвистика»* ташаккули малакаҳои умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва тахассусие мебошад, ки барои анҷом додани фаъолияти касбӣ дар соҳаи забоншиносӣ, муошироти байнизабонӣ, робитаҳои байнифарҳангӣ, лингвистикаи назариявӣ ва амалӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ зарур аст. Аз рӯйи равияи «Лингвистика» барои фаъолият дар соҳаи забоншиносии дидактикӣ, тарҷумонӣ, машваратӣ-робитавӣ, илмию таҳқиқотӣ ва иттилоотию забоншиносӣ мутахассисон тайёр мешаванд. Фаъолияти асосӣ ба ду самт: кори илмию таҳқиқотӣ ва дар амал татбиқ намудани малакаи ҳосилшуда ҷудо мешавад. Соҳаи фаъолияти касбӣ тибқи равияи «Лингвистика» назарияи забонҳои хориҷӣ (аз ҷумла, русӣ ва англисӣ), назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, робитаҳои байнифарҳангӣ, қисмати забонии системаҳои электронии иттилоотӣ ва фарҳанги кишварҳои забонашон омӯхташавандаро дар бар мегирад. Соҳаи фаъолияти касбии мутахассисони равияи «Лингвистика» имконият медиҳад, ки онҳо фаъолияти тарҷумонӣ, инчунин, таълимию методиро анҷом диҳанд, ки ин рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат меафзояд.

Ихтисоси **«Дефектология»** ихтисосе мебошад, ки қонуниятҳои таълиму тарбия ва хусусиятҳои психофизикии инкишофи кӯдаконеро, ки нуқсонҳои руҳӣ (психикӣ) ва ҷисмонӣ доранд, меомӯзонад. Шахсоне, ки мутахассиси ин соҳа мегарданд, дар кӯдакистонҳо, муассисаҳои таълимии махсус ва муассисаҳои офиятбахш фаъолият мекунанд. Баъди хатм соҳиби касби «дефектолог – омӯзгор» мегарданд.

*«Олигофренопедагогика.»* Аз рӯйи ихтисоси мазкур дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар шуъбаи рӯзона ва ҳам таҳсилоти фосилавӣ мутахассис тайёр карда мешавад. Аз рӯйи

ихтисоси номбурда шахс баъд аз хатми донишгоҳ метавонад, ки дар муассисаҳои махсуси барои кӯдакони доррои нуқсони зеҳнӣ, ҳамчун олигофрено-педагог фаъолият намояд.

Ихтисоси **«Сурдопедагогика.»** Шахс аз рӯйи ихтисоси номбурда баъд аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ соҳиби дипломи дараҷаи бакалаври педагогика гардида, метавонад дар муассисаҳои махсуси барои кӯдакони нуқсони шунавоӣ ва забонидошта, ҳамчун сурдопедагог ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун омӯзгор фаъолият намояд. Илова бар ин, дар зинаи таҳсилоти магистратура ихтисоси «Сурдопедагогика» таъсис дода шудааст, ки баъд аз хатми зинаи таҳсилоти бакалавриат шахс дар ин зина таҳсилро давом диҳад.

Соҳибихтисосони *«WEB-журналистика»* дар васоити электронии ахбори омма (ВЭАО): интернет-рӯзнома, интернет-радио, интернет-телевизион, марказҳои иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои ҳамҷавори иттилоотиву иртиботӣ (нашриёт, хадамоти матбуотӣ, агентиҳои рекламавӣ ва PR - робита бо ҷомеа) фаъолият карда метавонад. Барои намуду навъҳои гуногуни ВЭАО бо назардошти махсусияти онҳо мавод таҳия мекунанд. Дар раванди кори эҷодӣ – интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва танзими мавод дар нашрияҳои даврӣ, барномаҳои радиоиву телевизионӣ, ВАО-и интернетӣ мувофиқи меъёрҳои забонӣ, касбӣ, шаклу услуб, талаботи технологии намудҳои гуногуни ВАО бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа, муассисаву ташкилотҳо ҳамкорӣ ва робитаи тарафайнро ба вуҷуд меоранд. Дар ҷараёни бароришит нашрия, таҳияи барномаҳои радиоиву телевизионӣ, сомонаҳои интернетии ВАО дар асоси талаботи технологияи муосир ширкат намуда, дар муҳити мултимедиявӣ ва журналистикаи чандрасонаӣ, усулҳо ва технологияи таҳияи маводи иттилоотӣ бо низоми гуногуни аломатҳо (шифоҳӣ, аудиоӣ, видеоӣ, аккосӣ, графика ва ғ.) кор карда метавонанд. Хулоса, хатмкунандагони ихтисоси «WEB-журналистика» барои ВАО-и интернетӣ, нашрияҳои даврӣ, радио ва телевизион, марказҳои иттилоотӣ, нашриёт ва дигар соҳаҳои ҳамҷавор мавод тайёр мекунанд. Ҳамчун журналист, муҳаррир ва барномарези воситаҳои электронии ахбори омма фаъолият карда метавонанд.

*Ихтисоси «Бойгонии аудиовизуалӣ.»* Мувофиқи ихтисоси мазкур дар ҳамаи бойгониҳои давлатӣ, бойгониҳои идоравие, ки бо ҳуҷҷатҳои илмӣ-техникӣ, ҳуҷҷатҳои сурат, симо ва синамоӣ, дар бойгониҳои аудиовизуалӣ, бойгониҳои муассиса ва идораҳо, инчунин, дар воҳидҳои сохтории муассисаҳое, ки ба коркарди иттилоот, захира ва истифодаи он сарукор доранд, метавон фаъолият кард. Ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ, ба монанди лентаҳои магнитӣ, перфокартаҳо, DVD, CD дискҳо, флеш-кортҳо имконият медиҳанд, ки дар раванди инкишофи техникии ҷомеа коркарди ҳуҷҷат хуб ба роҳ монда шавад. Ин мутахассисон ҳуҷҷатҳои илмӣ-техникӣ ва аудиовизуалӣ, ҳуҷҷатҳои шакли электрониро коркард, тасниф ва барои ҷойгирнамоӣ дар бойгониҳои давлатӣ омода менамоянд. Васоити технологияи нав ва сарчашмаҳои ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ бо усулҳои сабти иттилоот дар намуди иттилооти аксӣ ва садоӣ, паҳн кардани манбаъҳои таърихии сурат-аудио-видео, ҳуҷҷатҳои иттилоотии таърихиро барои насли ояндаи миллат хуб ба роҳ мемонанд. Хулоса, соҳибихтисосони «Бойгонии аудиовизуалӣ» таъмини ҳифзи амнияти ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ, назорати техникӣ ва физикӣ-техникии ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ, услуби пур кардани ҳуҷҷатҳо оид ба ҳолати техникӣ ва физикии ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ, сохтани дастгоҳи илмӣ-маълумотдиҳӣ ба ҳуҷҷатҳои аудиовизуалиро омӯхта, аз рӯи он фаъолият карда метавонанд.

*«Дендрология.»* Ин ихтисос марбут ба омӯхтани дарахтон буда, маънояш «дендрон»– дарахт ва «логос» – таълимот мебошад. Дендрология сохти берунии дарахтон, хусусияти сабзонидану парвариши онҳо, биология ва экология, инчунин, самтҳои гуногуни истифода бурдани ин ё он намуди дарахтонро меомӯзад. Маълумотҳои дендрологӣ имконият медиҳад, ки вазифаҳои муҳимми хоҷагӣ оид ба беҳтар намудани таркиб ва баланд бардоштани самаранокии боғҳои фарҳангию истироҳатӣ, ҷангалҳои табиию сунъӣ, ташкили хатти муҳофизатии ҷангал, мустаҳкам намудани нишебиҳои кӯҳӣ ва ғ. бо роҳи дуруст ҳалли худро ёбанд. Бо мақсади сабзондан ва парвариши дарахтзорҳои мелиоративӣ барои мубориза ба муқобили бодлесӣ ва шусташавии замин (эрозия), гузарондани корҳои селексионӣ оид ба бунёди дарахтони навъҳои беҳтарину нодир ва ороишӣ ва донистани хусусиятҳои морфобиологии онҳо мутахассисони ин соҳа лозиманд. Донишҳои дендрологӣ, махсусан, ба мутахассисони соҳаи кабудизоркунӣ ва меъмории манзара дар шаҳрҳо ва маркази ноҳияву ҷамоатҳо хеле муҳим мебошад. Ихтисоси мазкур ба мутахассисони оянда оид ба авлод, намуд, зернамуд, маҳали пайдоиш, хусусиятҳои рушди дарахтону буттаҳои нодиру ороишӣ ва сояафкан маълумоти мукаммал медиҳад. Аз рӯйи ин ихтисос барои ташкили ҷангалбоғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, дарахтзорҳои назди осоишгоҳҳо, корхонаҳои саноатӣ,

дармонгоҳҳо, дарахтзорҳои кӯчаю хиёбонҳои шаҳрӣ, наздишаҳрӣ, ноҳияҳо ва ғайра низ мутахассис тайёр менамояд. Мутахассисони соҳаи дендрология биологияи дарахтони навъу намудҳои гуногуни ороишию нодирро, ки аз хориҷи мамлакат ворид мешаванд, меомӯзанд ва минбаъд барои афзоишу парвариши онҳо чораҷӯӣ мекунанд. Барои иҷрои ин корҳо дарахтони маҳаллӣ ва интродуксияшуда (дарахт ва набототи аз дигар минтақа ва давлатҳо овардашуда) бояд сабзонида ва парвариш карда шаванд, ки ин ба уҳдаи мутахассисон - дендрологҳо гузошта мешавад.

*Ихтисоси «Кори тиббӣ-офиятӣ.»* Ба хатмкардагони ихтисоси «Кори тиббӣ-офиятӣ» тахассуси «Ҳамшираи (бародари) тиббӣ доир ба варзиши муолиҷавӣ ва физиотерапия» дода мешавад. Чунин мутахассисон метавонанд дар муассисаҳои табобатӣ - пешгирикунанда, марказҳои саломатӣ ва солимгардонӣ, барқарорсозӣ, офиятӣ, осоишгоҳҳо, хонаи маъюбону пиронсолон ва кӯдакон, муассисаҳои томактабӣ, инчунин, ба таври инфиродӣ мустақилона фаъолият намоянд.

## Маориф дар рақамҳо

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи таҳсилоти томактабӣ сохтори вазорат таҷдид гардида, бахши томактабӣ ба раёсати таҳсилоти томактабӣ табдил дода шуд.

Ҷиҳати танзими заминаи меъёрии ҳуқуқии марказҳои инкишофи кӯдак ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» илова ворид гардида, мақоми ҳуқуқии марказҳои инкишофи кӯдак муқаррар ва Тартиби ташкил ва фаъолияти шаклҳои алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ таҳия карда шуд.

Низомномаи намунавии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак таҳия ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҷдиди назар гардида, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Бо мақсади таҷдиди мундариҷаи таълиму тарбияи томактабӣ Нақшаи таълимии намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2025 таҳия карда шуд. Минбаъд хештаншиносӣ, забони давлатӣ ва забонҳои русиву англисӣ дар гурӯҳҳои ғайритоҷикӣ чун машғулияти ҳатмӣ ҳафтае 2 маротиба таълим дода мешавад.

Ҳамчунин, ҷадвали басти воҳидҳои кории муассисаҳои томактабӣ, ки аз замони Шӯравӣ амал менамуд, таҷдиди назар карда шуда, мураббии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак ва омӯзгорони фанҳои забони русиву англисӣ ҳамчун воҳиди алоҳидаи корӣ ворид карда шуд. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ зери назорат қарор дошта, ҳамасола 2 маротиба дар ҷаласаҳои мушовара мавриди баррасӣ ва чораҷӯйӣ қарор дода мешавад.

Зимни омӯзишу санҷиш муайян карда шуд, ки бо таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон биноҳои нави муассисаҳои томактабӣ бунёд ва ба истифода дода мешаванд ва инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 717 адад расида, дар онҳо 104 921 кӯдак таълиму тарбия мегиранд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 10 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 2 396 нафар кӯдак зиёд мебошад. Дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2 381 Маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 96 546 кӯдак таъсис дода шудааст, ки нисбат ба соли 2023 270 марказ ва 27 655 кӯдак зиёд мебошад. Соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 140 муассисаи томактабии хусусӣ бо фарогирии 11 593 нафар кӯдак ва 22 Маркази инкишофи хусусӣ бо фарогирии 693 нафар кӯдак фаъолият менамояд. Дар маҷмуъ, фарогирӣ ба зинаи томактабӣ 201 467 нафар ё 20,2%-ро ташкил медиҳад.

Давоми моҳи апрели соли 2024 аз ҳисоби шариконн рушд ба марказҳои инкишофи кӯдаки назди муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо 23 номгӯй маводу таҷҳизот ба маблағи 6 млн.738 ҳаз.165 сомонӣ ройгон дастрас карда шуд. Ҳамчунин, дар доираи Лоиҳаи “Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Кӯшониён сохтмони 2 муассисаи томактабӣ ба маблағи 2 миллион доллари ИМА, инчунин, дар ноҳияҳои пилотии Лоиҳа таъмири 39 муассиса ба маблағи 840 ҳазор доллар ва сохтмону таъмири 500 Маркази инкишофи кӯдак бо маблағи 12 миллиону 500 ҳазор доллар идома дорад. Барои муассисаҳои томактабии ноҳияҳои пилотӣ 1 995 кати хоб, 1500 миз, 5 984 курсӣ харидорӣ ва дастрас карда шуд.

# АЛҲАЗАР АЗ ИФРОТГАРОӢ ВА БЕГОНАПАРАСТӢ



**Ситора ШОДИЕВА – сармутахассиси шуъбаи тарбия ва кор бо ҷавонони коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**Ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тавонист заминаи муносиберо барои фаъолияти дуруст дар соҳаи дин ба бор оварад. Имрӯз ҳар яки мо, аҳли ҷомеаро зарур аст, ки ба фарҳанги миллии худ содиқ бошем, он чӣ ки аз гузаштагон ба мо мерос мондааст, ҳифз намоем, дар таъмини амнияти кишвар, дар таълиму тарбияи насли наврас бетараф набошем, онҳоро дар руҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намоем.**

Бояд ҳар як ҷавон донад, ки Ватанамонро ба ғайри худи мо дигар касе ҳифз ва ободу зебо намегардонад. Ман гумон мекунам, ки беҳтарин таблиғи арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, пӯшидани либоси миллӣ аст. Дар арсаи байналмилалӣ хар як давлатро бо забон, урфу одат ва суннату анъанаҳояш мешиносанду эътироф мекунанд. Тоҷикистон аз шумори он кишварҳоест, ки дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ташаббусҳои худ ҷойгоҳи хосса дорад. Хуб медонем, ки ҷаҳониён имрӯз урфу анъанаи зиёди тоҷиконро пазируфтаанд ва ҳамчун мероси қадима ба феҳристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО шомил карда шуданд. Ҳар як миллатро маҳз фарҳанги волояш муаррифӣ месозад. Мо, тоҷикон, хушбахт аз онем, ки таърихи қадима дорем ва нақшу нигори миллии мо дар либосамон инъикос ёфтааст. Либоси миллӣ ифодагари назокату малоҳат ва ҳусни зани тоҷик буда, маҳз бо ба бар намудани атласу адрас ва чакан, ки ҷаҳонӣ гаштаанд, симои занҳои тоҷик мондагор гаштааст. Имрӯз бархе аз миллатҳо моли миллати тоҷикро аз худ намудаву онро дар сатҳи ҷаҳонӣ чун моли хеш муаррифӣ карда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин иброз доштанд, ки либоси миллӣ бояд бо тарҳи нав, бо дарназардошти тамоми хусусиятҳо пешкаши занону бонувон карда шаванд. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ба зуҳуроти нангини бегонапарастӣ ҳар чи зудтар хотима бахшида, пеши роҳи тақлиду таассуб ва зоҳирпарастиро гирем ва корҳои фаҳмондадиҳиро дар ин самт вусъат бахшем.




Яке аз роҳҳои дар мафкураи ҷавонон ҷой додани ақидаҳои хурофотӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ мебошад. Барои паҳн намудани ин ё он хабару навиштаи нодурусту иғвоангез ва садо баланд кардани мубаллиғоне, ки бо ақидаҳои ифротии худ мехоҳанд мардум, аз ҷумла, ҷавононро ба доми фиреб афкананд, фазои маҷозӣ минбари асосӣ гаштааст. Гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳое, ки пайвастагӣ ба дин доранд, аз ҷумла, гурӯҳу ҳизбҳои исломӣ ҷонибдори шакли давлатдории мо, яъне демократӣ ва дунявӣ нестанд. Ҳамаи мо огаҳем, ки чунин гурӯҳҳо аз ҷониби хоҷагони хориҷӣ сарпарастӣ гардида, дастгирии ҳамаҷониба меёбанд. Ин гурӯҳҳо хуб медонанд, ки дар ҳама давру замон тавассути дин ва диндорон ҳукуматҳои зиёде сарнагун карда шуда, ҳатто, баъзе аз онҳо то ба нестӣ расидаанд. Агар ба кору пайкори ин гурӯҳҳо назар афканем, мебинем, ки ҳадафу мақсадашон танҳо манфиат асту халос. Ба хотири манфиат ва пулу мол аз тамоми имконот истифода бурда истодаанд, то нобасомониҳоеро, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта ба сари халқу миллат оварда буданд, бори дигар таҳмил кунанд ва озодию осудагии мардумро барҳам зананд.

Имрӯз, вақте ки мо аз хизматҳо дар самти дин сухан мекунем, пеш аз ҳама, бояд бидонем, ки худи ҳамин гурӯҳҳо чӣ хизмате барои дини Ислом ва мардуми мусалмон кардаанд? Не, албатта! Чунки медонанд, ки ин амалҳо ба сарпарасонашон хуш намеоянд. Ҳама гуна зуҳурот мақсаду моҳияти худро дорад ва роҳгум андохтани ҷавонон низ аз ҷониби гурӯҳҳои болозикр танҳо барои манфиат аст.

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз нигаронкунанда боқӣ мондааст, рӯ овардани мардуми мо ба фарҳанги бегона мебошад. Дар ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд: «…дар шароити ҷаҳонишавӣ агар хоҳанд давлатеро аз байн баранд, аввал забон ва баъдан фарҳангашро аз байн мебаранд».

Терроризму экстремизм рӯз аз рӯз доман паҳн карда, ба осоиштагӣ ва оромиии кишварҳо таҳдид менамоянд. Хурофотпарастӣ, ки имрӯз ба яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва ҳалталабу рӯзмарра табдил ёфтааст, оқибаташ ҳамин падидаҳои номатлубро ба бор меоварад. Хурофот ба маънои «сафсата, гапи бемаънӣ, ақида ва фикри беасос» буда, имрӯз дар либоспӯшии занону духтарон ва мардон низ дида мешавад. Ҳамаи мо шоҳиди онем, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида фаъолонанд ва кӯшиш менамоянд, ки ба ҳар роҳу восита аз худ дарак диҳанд ва шояд то андозае ба афкори мардум таъсиргузор бошанд. Имрӯз ба ғайр аз он, ки гурӯҳҳои манфиатхоҳу манфиатҷӯи тоҷик, ки зери қаноти хоҷагони хориҷӣ панаҳ бурдаву бо ҳар баҳона, аз ҷумла, бо баҳонаи сатру ҳиҷоб, ки на моли ислом асту на моли мардуми тоҷик, санги маломат ба сари миллат мезананд, боз нафарони дигар аз ҳамсоякишварҳо сар баровардаанд, ки дар ин масъала таҳдид ба Ҳукумату миллати тоҷик мекунанд. Ин аст, ки имрӯз ҳар яки мо – аҳли ҷомеаро зарур аст, ки ба фарҳанги миллии худ содиқ бошем, он чи ки аз гузаштагон ба мо мерос омадааст, ҳифз намоем, дар таъмини амнияти кишвар, дар таълиму тарбияи насли наврас бетараф набошем, онҳоро дар руҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намоем.

## Маориф дар рақамҳо

Сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ дар асоси ҷамъбасти натиҷаи мониторинги гурӯҳ, бахш ва шуъбаҳои идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ чунин мебошад:

- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сифати таҳсилот 37,9% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 94,7% мебошад, ки нисбат ба ҳамин давараи соли гузашта (2022-2023) сифати таҳсилот 4,6 ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 4,3% баланд мебошад;
- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (типи нав) сифати таҳсилот ба 42,1% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 95,1% баробар аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2022-2023) сифати таҳсилот 1,2% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 3,2% баланд мебошад;
- дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сифати таҳсилот ба 43,7% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 85,3% баробар аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2022-2023) сифати таҳсилот 3,6% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 2,3% баланд мебошад.

Тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Рӯзи дониш» ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот «Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.04.2024 №240 тасдиқ гардид, ки Консепсияи мазкур барои идоракунии тадбирҳои вобаста ба масъалаҳои баҳогузорӣ ва арзёбӣ дар соҳаи маориф пешбинӣ шудааст.

Инчунин, моҳи майи соли ҷорӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба озмоиши хурди PISA- (Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон)-ро дар 71 муассисаи таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо фарогирии 2272 нафар хонандаи сину соли 15-16-сола бомуваффақият гузаронид.

Дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим-асоси таҳсилоти босифат» бо мақсади арзёбии сифати хониш ва салоҳиятҳои истифодаи амалии дарки масъалаҳо дар қолаби матни хониш, иштироки хонандагони синфи 4-и муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ арзёбии байналмилалии PIRLS–Таҳқиқоти байналмилалии сифати хониш ва дарки матн ба нақша гирифта шудааст, ки ин арзёбӣ соли 2026 роҳандозӣ хоҳад гардид.

# НАҚШИ ПАДАРУ МОДАР, МАКТАБ ВА ҶОМЕА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

**(Ба озмун)**

**Маърифат АШӮРОВА – омӯзгори калони кафедари методикаи фанҳои гуманитарии ФМД ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд**

**Башарият дар дарозои таърих давраҳои гуногуни сохтори ҷамъиятиро аз сар гузарондааст. Ин водор менамояд, ки аҳли ҷомеа дар асоси қонуну талаботҳои хос тарбия ёбад. Он ҳамчун пайвандгари робитаи таҷрибаи инсонҳо, ки шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятиро аз насл ба насл гузаштааст, идора менамояд.**

К. Д. Ушинский, педагоги рус (1824-1870) дар муқаддимаи асари худ «Инсон ҳамчун объекти тарбия» менависад: «Санъати тарбия чунин хусусияте дорад, ки қариб ба ҳама шинос ва фаҳмо, ҳатто, ба баъзеҳо кори осон менамояд. Ҳар қадар одам бо он аз ҷиҳати назарӣ ё амалӣ камтар шинос бошад, ба назараш ҳамон қадар фаҳмо ва осонтар менамояд. Қариб ҳама эътироф менамоянд, ки тарбия сабру тоқатро такозо мекунад; баъзеҳо гумон мекунанд, ки ба ин қобилият ва маҳорати модарзод, яъне малака бояд дошт; аммо қисми ками одамон ба хулосае омадаанд, ки ғайр аз сабру тоқат, қобилият ва малакаи модарзод боз дониши махсус доштан лозим аст, ҳарчанд ки гумроҳиҳои педагогии мо дар ин бобат ҳамаро бовар кунонда метавонистанд.»

Тарбия ташаккули шахсияти комил дар ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, он ба маънои васеъ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, чун воситаи таъсири ҷамъият ба шахс фаҳмида мешавад. Тарбиятгарро лозим аст, раванди тарбияро табқи талаботи ҷомеа ба роҳ монад. Пояи асосии педагогикаи муосир чун дар дигар давру замонҳо инсон буда, муносибати мутақобилаи ӯ ба ҷамъият аз ҳама боло меистад. Таълиму тарбияи фарзанд дар назди ҷомеа вазифаҳои ҳалталабро ба миён мегузорад, чунки тарбияи фарзанд ва таълими ӯ, пеш аз ҳама, аз оила ва муҳити он, мактаб ва ҷомеа вобастагӣ дорад. Ин омили сегона дар таълиму тарбияи насли наврас таъсирбахш аст. Хонавода, мактаб ва ҷомеа дар ба камол расондани шахсият зинаҳои муҳимми тарбия дар замони хозира ба шумор меравад.

Муҳит зинаи ибтидоии хонавода ба шумор рафта, осудагии он рӯйи тарбияи фарзандон соя меафканад. Агар ин муҳит бо барномаҳои хоси волидайн ба низом даровардаву мураттаб гардонда шавад, ҳамон андоза самари он ба оила, мактаб ва ҷомеа манфиат мебахшад. Марҳалаи муҳимми тақдирсоз ташкили оила дар зиндагии инсон аст. Мақоми хонавода дар ҳар давру замон баҳри пешбурди ҷомеа, муайян кардани сатҳи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳар халқу миллат аҳаммияти хос дошт. Бесабаб нест, ки бузургон оиларо шоҳсутуни зиндагӣ, асоси давлат, танзимгари рушду нумуи миллат номидаанд.



Хонавода мактаби асосӣ, муҳимтарин манбаи ҳиссиёт, баҳодиҳӣ ва муҳокимаҳои саҳеҳу нозуки маънавию эстетикӣ мебошад, ки дар асоси он малакаву дониши аввала дар бораи ҳаёт, муносибатҳои хуби инсонӣ ба мисли муҳаббат, ғамхорӣ, иззату эҳтиром кардани волидайн, ҳамдигарфаҳмии якдигар, муносибат бо атрофиён, кӯшидан бо мақсади беҳтарсозии гирду атроф ва дар руҳияи ҳаётдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, истифодаи таҷрибаи бойи ниёгон, ҷахонбинӣ, ирода ва матонатро дар кӯдак ташаккул медиҳад. Вазифаи оила дар доираи фаъолияти хонадон оқилона ташкил кардани тарзи ҳаёти кӯдакон аст, то ин ки онҳо таҷрибаҳои насли калонсолро аз худ намоянд. Зани соҳибмаърифату солеҳа хонаводаи худро ҳатман ба танзим дароварда метавонад, ки ин боиси беҳтар гардидани саломатӣ ва кам гардидани камбизоатӣ дар хонавода мегардад. Бунёди оилаи солим аз шахс заҳмати

зиёдро талаб мекунад. Солимии оила аз солим ба дунё омадани наслҳои оянда гувоҳӣ медиҳад. Барои солим нигоҳ доштани тифл модари солим, шароити хуби зиндагӣ, яъне сатҳи баланди иқтисодии оилавӣ доштан зарур аст. Парваришу таълими фарзанд дар оила қарзи ҳар як падару модар аст. Ақлу фаросат ва дарку дониши волидайн аввалин сарчашмае мебошанд, ки зеҳну шуури кӯдак аз он маншаъ мегирад. Таҳқурсии донишу маърифати шахсиятҳои бузург ва сойири афроди шинохта аз ҷониби волидайни эшон, яъне муҳити хонавода буд. Оила бояд кӯдакро ба тахсил барои мактаб омода намояд.

Инсон дар давоми фаъолияти хеш таҷрибаҳои беҳтаринро меомӯхт, таҳлил мекард. Дар худуди панҷ ҳазор сол қабл барои омӯхтани савод муассисаи таълимии махсус ба миён омад, ки то имрӯз бо номи мактаб ёд мешавад. Ҳарчанде ки барои ба камол расондани кӯдак хонавода асос ба ҳисоб меравад, мактаб ва муҳити атроф низ дар тарбияи фарзанд саҳми муҳим доранд. Ҳатто, падару модар ба ақидаеанд, ки муассисаҳои томактабӣ (кӯдакистон) макони муносиб ва таъсирасон ба кӯдаканд. Мактаб на танҳо муассисаи таълимӣ барои кӯдак, балки омода намудани кӯдакро ба зиндагӣ низ ба ухда дорад. Зимни ташкили раванди тарбия хонавода ва таълимгоҳ вазифадоранд, ки насли наврасро тибқи талаботи ҷомеа тарбия намоянд. Дар замири насли наврас эҳё намудани фаҳмиши амиқи эҳтиром, дилсузӣ ва масъулият ба гузашта ва фардо, расму анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои миллию умумибашарӣ маҳз аз хонавода ибтидо гирифта, бояд дар муассисаҳои таълимӣ таҳкиму тақвият ёбанд.

Вазифаи асосии мактаб аз он иборат аст, ки роҳи хонандагонро барои омӯзиши илм равшан намояд, чароғи маърифатро дар дили кӯдак фурӯзон гардонад, онҳоро ба ҷустуҷӯи нави эҷодӣ сафарбар созад. Ҳар як падару модар дар бораи зиндагии фарзанд эҳсоси хос дорад. Нисбат ба фарзандони худ дар хонавода аҳамият медиҳад ва зиндагии осуда ба онҳо мехоҳад. Волидайни соҳибақл бар он мекӯшанд, ки фарзандонашон тарбияву таҳсили хуб гиранду дар ҷомеа накуном бошанд. Агар аз ҷониби волидайн дар оила ба таълиму тарбияи тифлон таваҷҷуҳ шавад, кори омӯзгор дар кӯдакистону мактаб дар ин ҷода осонтар мегардад.

Мусаллам аст, ки устод дар таълимгоҳ ҳар қадар заҳмат бикашад ва сабақи хубе барои шогирдон бидиҳад ҳам, вале дар оила падару модар ба таҳсили фарзандонашон беэътиноӣ зоҳир намоянд, таълим дар мактаб бесанфиат аст. Падару модароне, ки дар таълиму тарбияи фарзанд таваҷҷуҳ надоранд, хаёл мекунанд, ки таълиму тарбияи фарзанд вазифаи аввалиндараҷаи онҳо маҳсуб намеёбад. Серталабию сахтгирии устодон дар мактаб нисбат ба шогирдон ба хотириояндаи дурахшони эшон аст.

Миллати тоҷик дорои таърихи бойи фарҳангӣ буда, дар тамоми давру замон ба ин масъалаи барои башарият муҳим аҳамияти хоса зоҳир менамуд. Ин буд, ки тули чанд ҳазорсола мутафаккирону шоирони мо, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Кайковус, Сино, Саъдӣ, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва даҳҳо тан аз донишмандон дар масъалаи таълиму тарбияи фарзанд ҳамчун нахли умри инсонӣ асарҳои ҷовидонӣ офарида, ба мерос гузоштаанд. Масалан, Унсурулмаолии Кайковус асари худ «Қобуснома» - ро таълиф намуда, ба фарзандаш бахшид, ки ин нишонаи барҷастаи фарҳанги воло буда, шаҳодат бар он аст, ки ниёкони соҳибтамаддунамон ба таълиму тарбияи фарзанд аз азал худро масъул меҳисобиданд. Қобили қайд аст, ки далелҳои дар боло овардашуда баёнгари онанд, ки миллати тоҷик дар самти таълиму тарбия ҳамеша дастболо буд. Фаромӯш набояд кард, ки шароити имрӯза арзишмандтарин омиле, ки бақову устувории миллатро кафолат медиҳад, тарбияи насли наврас ва ташаккули эҳсоси худшиносиву худогоҳии ӯст. Имрӯз, ки ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар роҳи эъмори ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад, тарбияи насли наврас муҳимтарин фашангҳои ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тадбиқи қонуну барномаҳои давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас ин гуфтаҳоро собит намуда, барои амалӣ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахри рушду устувории оилаҳо, ҳифзи манфиатҳои насли наврас ва умуман, бунёди ҷомеаи шаҳрвандию давлати ҳуқуқӣ имконияти хуб фароҳам меоранд. Тарбияи фарзандон ҳамчун созандагони ҷомеаи навин бар дӯши муассисаҳои томактабӣ, мактаб, ҷомеа, давлат ва пеш аз ҳама, хонавода - падару модар гузошта шудааст. Онҳо бояд дар ташаккули ҳамаҷонибаи фарзандони миллат масъулият эҳсос кунанд.

Посу гиромидошти хонавода айни замон рӯй овардан ба фарҳанги аҷдодӣ ва асолати миллӣ буда, моро ба сунатҳои гузаштаи халқу миллатамон мепайвандад, то ки ба созмондиҳии ҳар ҳонаводаи навбунёд эътибори ҷиддӣ диҳем, ба дунёи пурасрори рӯзғордорӣ бо андешаҳои нав ворид шавем.

# АДАБИЁТ ТАРБИЯИ АХЛОҚ АСТ

**Шодӣ Раҷабзод адиб ва рӯзноманигори номвар, барандаи Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ буда, бо осори бадеию публитсистии худ дар байни мардум маъруфияти хос дорад. Муҳимтарин бахши эҷоди ӯро мавзуи марбут ба мактабу омӯзгор дар бар мегирад. Мавсуф муаллифи китоби ҳикояҳои «Растагорӣ», «Ранҷиш» ва «Дасти боло» буда, маҷмуаи нави ҳикоёташ бо номи «Имтиҳони қисмат» дар арафаи чоп қарор дорад. Мо бо адиби маърифатпарвар мусоҳибае анҷом додем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон месозем.**



**– Устоди азиз, дар оғоз мехостем, дар бораи ворид гардиданатон ба арсаи эҷод, таълифи ҳикоёти пурмуҳтавою ҷолиб ва нозукию мураккабиҳои пешаи навистандагӣ маълумот медодед.**

– Воқеият ин аст, ки ман аз хурдӣ ба китоб, китобхонӣ ва китобхона меҳру алоқа доштам. Дар хонадони мо муҳити фарҳангие мавҷуд буд. Падарам чорводор буду модарам говдӯши фермаи колхоз ва онҳо ба рӯзномаю маҷаллаҳои гуногун обуна буданд. Ҳангоми мактабхонӣ бештар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») , «Маориф ва маданият» (ҳоло «Омӯзгор», ба ин рӯзнома акаам, омӯзгори мактаб обуна буд), «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») ва маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро мутолиа мекардам. Навиштаҳои ҷолибу шавқовар ва рангину марғуби публитсистону адибон басо писандам буд. Дигар омили таконбахш барои ман дар пайроҳаи эҷод ҳароина, китобхонаи ҷамоат, ки дар деҳаи Моинкаҷ ҷойгир шуда буд, ба шумор меравад. Аввалҳо аз руйи ҳавас суйи китобхона мешитобидему китобу китобчаҳо мегирифтем барои хондан, баъд китобдори ҷамоат, бобои Шариф (маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ) ҷиддан таъкид намуд, ки минбаъд аз шумо имтиҳон мегирам: оё китобро хондаед ё на?

Ҳамин тавр, то хатми мактаб пойи мо аз китобхона канда набуд. Нахустин китобҳои хондаам – «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Сози мунаввар»-и Фазлиддин Муҳаммадиев ва «Солҳои фурӯхташуда»-и Юозас Балтушис буданд. Мутолиаи зиёд, омӯзиши бардавом ва талоши дарёфти асарҳои асили адабӣ маро кам-кам ба иншои лавҳаю ҳикояҳои хурд талқин мекард. Ёд дорам, аввалин навиштаам «Носирхитой» ном дошт, ки дар синфи 8 ё 9 буданам ба бародарбузургам пешниҳод карда будам. Баъд дар пайравии «Рӯзи дафни Усто-Оқил»-и Ф. Муҳаммадиев ҳикояи шогирдонаи «Як рӯзи зимистон»-ро иншо намудам. Ҳикояи дигарам «Соғутарош» ном дошт, ки ҳамагӣ маҳсули давраи мактабхонӣ маҳсуб меёфтанду шогирдона буданд ва ҷое чопашон накардам. Лекин дилпур будаму ба худ эътимод доштам, ки чизҳои хубу хонданӣ хоҳам навишт.

**– Мусаллам аст, ки эҷодкорӣ амали сангин ва ба рӯйи сафҳа овардани ҷумлае заҳмати зиёд талаб мекунад. Барои эҷодкор кадом омил муҳим аст: истеъдод, омӯзиш ва ё таҷриба?**

– Ба як сухан ин се омил барои эҷодкор, умуман, адиб зарур ва ҳатмӣ мебошад. Шавқу ҳавас ба ину он соҳа, аз ҷумла, адабиёт худ нишонаи истеъдоди фард аст. Аммо шавқу ҳавас худ ба худ чизе намедиҳад, он марҳала ба марҳала ташаккулу такомул ёфта, ба истеъдод табдил мегардад. Истеъдод ҷавҳар ё неруи зотӣ, халлоқона аст. Ба василаи омӯзиш ва марҳала ба марҳала таҷриба бардоштан комилу дурахшон мегардад. Аз

таҷрибаи эҷодии хеш бо сароҳат изҳор медорам, ки бо лаёқати навиштану солҳои зиёд мутолиа кардану омӯхтани осори классикони адабиёти форсу тоҷик, адабиёти муосир ва албатта, беҳтарину муассиртарин осори насрии ҷаҳон танҳо дар синни 50 ҷуръат кардам, ки аввалин маҷмуаи ҳикояҳои худро тахти унвони «Растагорӣ» ба нашр расонам, ки ба он донишманди фарҳехта, адабиётшиноси маъруф, устод Абдунабӣ Сатторзода ғолибан, пешгуфтори муфассале навиштанд. Аз имтиҳони чунин олими саршинос гузаштан кори осоне набуд ва хушбахтона, нишонаҳои ҳамон истеъдодро, ки ишора кардед, он кас дар навиштаҳои ман дарёфтанд, ки аз эшон дар ин бобат як умр миннатдорам.

– **Соли шашум аст, ки дар кишвар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ҷараён дошта, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба омӯзиш ва мутолиа бештар намудааст. Дар ин озмун чанд сол ҳам ба сифати ҳакам ва ҳам узви комиссияи аппелятсионӣ фаъолият кардед. Ба андешаи Шумо, озмуни мазкур то кадом андоза ба дарёфти чеҳраҳои нави эҷодкору соҳибқалам ва тақвияти тафаккури хонандагону донишҷӯён мусоидат кард ?**

– Воқеан, озмуни зикршударо падида ё инқилоби маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа метавон номид. Чаро? Зеро тули солҳои соҳибистиқлолӣ тамоми қишрҳои ҷомеа аз дур мондани насли наврас ва ҷавонон аз китоб изҳори нигаронӣ намуда, бонги изтироб мезаданд. Зиёиён, олимону адибон ва устодону омӯзгорон (аз ҷумла, худи ман низ дар ин масъала силсиламақолаҳои зиёде навишта, ба табъ расондам), дар мақолаю матолиби хеш роҳу шеваҳои ба мутолиаю омӯзиш ҷалб ва фаро гирифтани мардумро нишон медоданд. Боиси хурсандист, ки бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ташкил ва ба роҳ монда шуд. Тавре ки мушоҳида мекунем, он натиҷаҳои фараҳбахш ба бор оварда, чеҳраҳоеро муаррифӣ намуд, ки дар ҳамаи номинаҳо соҳиблаёқату кӯшо мебошанд, пурхондаву заҳматкашанд, шеъри зиёде аз бар кардаву осори насрии фаровонро мутолиа кардаанд. Махсусан, дар номинаи «Эҷод» истеъдодҳои умедбахше кашф шуд, ки тарбияи минбаъдаи онҳо ба дӯши шоирону нависандагон мебошад. Танҳо як омилро таъкид ва хотиррасон карданием: ғолибони озмунро ҳамеша зери назорат бояд қарор дод, зеро онҳо ояндаи ин ҷомеа мебошанд. Аллакай дар байни аҳли ҷомеа, хусусан, хонандагони таълимгоҳҳову донишҷӯёни макотиби олӣ нафароне бо донишу тафаккур ва ҷаҳонбинии васеъ маълуму машҳур гаштаанд, ки ғолибони озмуни номбурдаанд. Тарғибу муаррифии ғолибони озмунро тариқи васоити ахбори омма, ба вижа, садову симо ва матбуот пайваставу бештар бояд ба роҳ монд. Аз мушоҳидаи хеш ба сифати ҳакам дар хусуси хонандаи синфи 11-и МТМУ №75-и шаҳри Ҳисор Мақсуда Ҳакимова изҳор доштаниям, ки ӯ соли гузашта дар номинаи «Эҷод» (бахши наср) пирӯзӣ ба даст оварда, ҷойи аввалро соҳиб гардид. Воқеан, ин духтарак соҳиблаёқату доираи мутолиаю омӯзишаш васеъ мебошад. Нависандаест, ки метавон маҷмуаи аввалини ҳикоётašро ба нашр расонд. Чунин довталабон хеле зиёданд...

**– Агар ба фаъолияти шумо назар кунем, он се ҷабҳаро дар бар мегирад: омӯзгорӣ, рӯзноманигорӣ ва нависандагӣ. Дар ин се ҷабҳа шумо муваффақ ҳам гардидед. Нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан, нашрияҳои соҳавӣ (аз ҷумла, «Омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон» ва “Маърифати омӯзгор”) - ро дар баланд гардидани сатҳу сифати таълим ва татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Барои мушоҳидаи дақиқу воқеӣ аввалан, ташаккур мегӯям. Зеро ман фаъолияти худро ҳамчун омӯзгор оғоз карда, солҳои зиёде дар таълимгоҳ кор карда, таҷриба андӯхтам. Рӯзноманигорию нависандагиям аз таҷрибаи зиндагӣ, бахусус, кор дар мактаб ва муносибат бо шогирдон маншаъ мегирад. Ҳангоме ки маро ҳамчун корманд ба нашрияи маъруфи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илм пазируфтанд, зина ба зина, сол ба сол ин даргоҳ бароям мактаби нави сайқалу такомул бахшидани истеъдод гардид. Ва аз рӯзҳои аввал то ин дам, ба андешаи банда, ин нашрия бонуфузтарин минбарест, ки дар он садои омӯзгорон шунидаву фаъолияти омӯзандаи онҳо ба таври васеъ инъикос меёбад, паҳлуҳову ҷанбаҳои мухталифи зиндагии пур аз шебу фарози онҳо, заҳматҳои кашидаашон дар қиболи тарбияи шогирдони донову закӣ, болаёқат, мусаллаҳ бо донишҳои инноватсионӣ – технологӣ ва номбардорони миллату давлат дар ақсои ҷаҳон бо дастовардҳои худ дар озмунҳои гуногун, хусусан, аз фанҳои дақиқ ва дар дигар самтҳо таҳлил ва баррасӣ мегарданд. Кормандони нашрия ҳамвора кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз фаъолияти муассисаҳои таълимии пешқадам, устодону омӯзгорони соҳибтаҷриба, ки бо истифода аз усулу шеваҳои ҷадиди таълимӣ ба комёбиҳо ноил гардидаанд, маводу матолиби хонданию пурмуҳтаво ба табъ расонанд. Бо мақсади тарғибу муаррифии бештари таҷрибаи омӯзандаи устодону

омӯзгорони ҷӯяндаву нававар, нашрия озмунҳои зиёдеро роҳандозӣ мекунад, ки озмуни навбатии «Омӯзгори ман – ифтихори ман» аз ҳамин қабил ба ҳисоб меравад. Дигар ин ки, дар саҳифаҳои нашрия дигаргунию тағйироте, ки дар низоми таълим, равандҳои бахшҳои соҳаи маориф ба амал меоянд, ба як сухан ислоҳоти соҳа бо ҳама паҳлую мураккабиҳояш муаррифию баррасӣ мешавад, ки ин омилҳо, албатта, дар баланд гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, нашрияи «Омӯзгор» «симои барҷаста»-и соҳаи маориф ва бозгӯкунандаи ҳаёти пурҷӯшу хурӯши аҳли маориф мебошад.

**– Мавзуи аксари китобҳои ҳикоёт ва маводу матолибатон ба масоили мактабу маориф иртибот доранд. Мехостем, дар хусуси муҳтавою ғояи навиштаҳоятон, дар умум, андешаҳоятонро изҳор медоштед.**

– Азбаски ман ба сифати омӯзгор солиёни тулонӣ фаъолият намудаам, табиист, ки ҳаёти омӯзгорон, муносибату бархӯрди онон дар ину он масъала, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд аст, тасвири хислату атвори омӯзгорони алоҳида, амсоли дилсӯзию фидокорӣ, поквиҷдонию эҳсоси масъулияти воло, талошу такопӯяшон дар роҳи беҳтар гардидани сатҳи таълиму донишазхудкунии хонандагон ва ҳамзамон, муборизаю муқовимат ва лаҳзаҳои низоъангези афроди худхоҳу ҳасуд, нотавонбин, фиребгару манфиатхоҳ низ дар ҳикояҳоям ба гунаи равшану барҷаста таҷассуми бадеӣ ёфтаанд. Ҳадаф аз пайгирии ин мавзуъ офаридани симои (образҳо)-и омӯзгорони заҳматкашу фидоӣ буда, онҳоро ба сифати қаҳрамонони ибратомӯзи идеалӣ муаррифӣ кардан мебошад. Ва бояд эътироф кард, ки чунин шахсони соҳибмаърифату фарзона, ҳақгӯю якрӯ, ки бо ноадолатию камбудиҳо аз сари сидқ панҷа нарм мекунанд, дар соҳаи маориф кам нестанд. Агар шумо ба дидаи таҳқиқ назар карда бошед, қаҳрамони бахши аъзами ҳикояҳои ман фарде бо исми «муаллими китобнавис» мебошад, ки ин лақабро ба ӯ мардум раво дидаанд ба маънои мусбаташ. Мавзуи дигар ва аслан, меҳварии ҳикояҳои банда тасвири паҳлуҳои мураккабу мушкил ва вазнину талхи ҳаёти мардум, хусусан, омӯзгорон дар замони ҷанги дохилӣ мебошад. Ин мавзуъ ба дилам наздик аст, зеро ман азобу кулфати он ҷанги бемаъниро дар ҷисму ҷонам таҷриба кардаам, воқеаҳои зиёдеро бо ду чашми сар дидаву аз рафтору кирдори бераҳмонаи иддае аз одамон, ки нисбат ба ҳамҷинси худ раво дидаанд, ангушти ҳайрат газидаам. Навиштаҳоям марбут ба ин мавзуъ моҳияти ҳушдоркунанда доранд. Мазмун, бо тасвири азоби гуруснагию даҳшатҳои дигари он ҷанг таъкид ва хотиррасон намуданиям, ки мо имрӯз ба қадри сулҳу ваҳдат ва чунин рӯзҳои боамну рифоҳ бирасем, вопас дар талоши пораи нону халтаи гандум сар ба кӯю бодияи бало назанем… Барои намуна метавон аз ҳикояҳои «Арафаи ид», «Ғамкушта», «Дасти боло», «Бозгашт», «Ғазабкуш», «Интизорӣ» ва инҳо ёд овард, ки инъикоси бевоситаи ҳаёти вазнини замони он ҷанги нафратовар ба шумор мераванд.

**– Маълум аст, ки адибон ҳамеша аз пайи эҷод ҳастанд ва ба масоили мухталифи ҷомеа бо диди амиқ назар мекунанд. Рисолати нависандаро дар замони муосир чӣ тавр баҳогузорӣ мекунед?**

– Дарвоқеъ, нависандагӣ касбу пеша не, балки сарнавишт аст ва он фиребу коҳилӣ, худхоҳию шуҳратталабӣ, тарғибу муаррифии ҳангомаҷӯёна, дурӯғро намешиносандад. Навиштан заҳмати тавонфарсо, кори якумрист. Нависандаи асил на шабро шаб мегӯяду на рӯзро рӯз, аз қавле, «суханро бо сухане зам ва қатраҳоеро аз хуни ҷигар кам мекунад.» Ва ин ҳам табиӣ ҳам ҳаст, зеро адиб дигар роҳ надорад. Масъалаи асосӣ ин аст, ки вай дар бораи чӣ ва чӣ тавр менависад? Оё ҷомеа ва зиндагии одамонро ба таври воқеӣ дар асарҳояш тасвир карда метавонад ё не? Ба гумони ман, адиб бояд хушбин бошад, дар рушду пешрафти ҷомеа бо асарҳои худ хидмат карда тавонад. Бубинед, имрӯз дар соҳаҳои гуногун чӣ қадар мардону замон, ҷавонон ба умеди фардои дурахшони кишвари соҳибистиқлоли мо заҳмат мекашонд. Дар байни онҳо қаҳрамонони шоиставу фидокор, ватандӯст, ки барои ин миллату Ватан дилашон месӯзад, ниҳоят бешуморанд. Офаридани симои чунин ватандӯстони ҳақиқӣ, заҳматкашони баору номус, хусусан, дар соҳаи мактабу маориф рисолати аввалиндараҷаи адибон мебошад. Ба як сухан, қалами нависанда ё шоир бояд созанда бошад, на сӯзанда. Ҳоло китоби нави ҳикояҳои ман бо номи «Имтиҳони қисмат» дар арафаи чоп қарор дорад, ки дар он ба зиндагии аҳли ҷомеа аз ҳамин равзана наздик шудаву рӯзгори ҳамзамононро ба риштаи тасвир кашидаам.

**– Ташаккур барои суҳбат.**

– Саломат бошед.

***Мусоҳиб***
***Насриддин ОХУНЗОДА***

# ОБ ҚУДРАТ АСТ!



**Аминҷон ЗАРИФӢ – устоди Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ориётоҷикон аз ибтидо обро чун муъҷизаи яздонӣ шинохтаву ба бузургии он эътиқод доштанд. Дар яшти панҷуми «Авасто» олиҳаи об бо номи Ардвисура Аноҳито васф гардида, дар сурати зебосанаме, ки сарчашмадори ҳамаи обҳои равон аст, парастида мешуд.**

Он гоҳе дар тимсоли духти Аҳурамаздо тасвир гашта, гоҳо парастори Зардушт шинохта шуда, барои шоҳ Ҷамшеди Пешдодӣ оварандаи қудрату подшоҳӣ, барои Фаридуни Фаррухпайк нерубахши пирӯзӣ бар Заҳҳоки морон, вусъатфизойи шоҳаншоҳӣ бар Куруши Кабир ва хираду қудрат, бар Зарир баҳри пирузӣ бар Арҷосп дониста мешавад. Дар «Хурд Авасто» низ олиҳаи об Ардвисура Аноҳито дар чакомаҳои яздҳо суруда шудаанд. Дар давраҳои баъдӣ Аноҳито бо шакли Ноҳид дар забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ дучор меояд, ки номи дигари сайёраи Зуҳра аст. Ориён дар тамаддуни инсоният аз ҷумлаи миллатҳои пешгом буда, на танҳо олиҳаи обро муқаддас дониста, парастишу ниёиш намудаанд, балки бо фариштагоне чун Вахшуваҳишта, Доита, Аратта, Ворукаша, Хурдот, Ваҳуман, Ганга, ки номи дарёҳоянд ва чанде дигар эзадони обӣ эътиқод доштанд. Дар «Авасто» эзади накуиву рушноӣ Апам Напат аст, ки фарри каёниро дар қаъри дарёи Ворукаша-Вахш пинҳону нигаҳбонӣ менамояд, то Заҳҳоки ҷоду нобуд насозад. Сарзамини Арияна – Вайҷаҳ (Паҳнои Ориёно) маконест, ки ҳафт олиҳаи ҳастиофар, ҳафт дарёи хурӯшон - Вахшу Сирдарё, Гангу Ҳилманд, Панҷу Зарафшон ва Ому дар он ҷорианд. Ин матлабро дар достони мардумӣ ва кишвари ормонии Ҷамбули Мастон низ мушоҳида менамоем. Шаҳру маконҳои бунёднамудаи Ориён бо вожаҳои *об, кӯл, руд, дарё, чашма* ҳамбастагӣ дошта, ба таркиби топонимияҳои фарҳанги миллӣ дохил шудаанд. Вожаҳои *Кӯлоб, Хингоб, Сурхоб, Тагоб, Варзоб, Шӯроб, Балхоб, Мургоб, Ягноб, Хумбоб, Лучоб, Панҷруд, Вароруд, Рудак, Намруд, Зимчруд, Насруд, Паструд, Зиндаруд (Зояндаруд), Обиборик, Обигарм, Обшорон, Оббурдон, Обикиик, Чашмасор, Саричашма, Гармчашма, Чилучорчашма, Чашмаи ҷушон, Фондарё, Дарёбанд, Сирдарё,* инчунин, номҳои *Суҳроб, Дороб, Саҳоб*… ва садҳои дигар далели наслҳои домони биҳишти рӯи замин будани яке аз наслҳои Ориёӣ - тоҷикон мебошанд. Канори чашма ва рӯдҳои хурӯшон аввалин маскани ҳазрати Одам ва наслҳои ӯ буда, ориётоҷикон аз нахуст қавму миллатҳои ба ҳаёти кишоварзию ҳунармандӣ ва шаҳрсозию шуғли тиҷорат рӯйоварда буда, маскани худро канори обҳои равон баргузидаанд. Гар вожаи обу ҳасрати ёди обӣ - *Ватан* дар фолклори тоҷикон ҷойгоҳи хоса дошта бошад, қадршиносӣ аз ону мабдаи покиву рӯшноӣ будани об дар адабиёти беш аз ҳафтҳазорсолаи тоҷик аз «Авасто» то «Минуи хирад», аз «Ёдгори Зарирон» то «Худойномак», аз ашъори устод Рӯдакӣ то Садриддин Айнӣ ва наслҳои имрӯз маъбади об тараннуми хосаи худро дорад. Чакомаҳои мардумии зерин бозгӯи ин маънист:



***Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,***
***Ба оби дида биншондам дарахте…***

***

*... Кӯлоб будам, оби ширин мехӯрдам,*

***Саргашта маро ба оби талх овардӣ***-ро кӣ аз ёд намедонаду мисраъҳои эъҷозбахши ватансароёнаи «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме ...» - и устод Рӯдакӣ, байти ҳакимонаи «Обро аз рӯшноӣ кун қиёс, Дӯстонро бо нигоҳи дил шинос» - и устод Турсунзода ва таронаи “Дарё, дарё, маро ба соҳил бирасон” бо шавқ намехонад. Ё ба ғазали «Дарё»-и шоири дӯстдори Варзоб - Лоиқ кӣ бо шӯр ҳамнаво намешавад? Хушбахтона, истиқлоли миллӣ ба озодии афкор, баён, эҳёи арзишҳои ориёнаи миллати тоҷик шоҳроҳи пайкор ва минбари баланди таблиғи арзишҳои фарҳангӣ, фалсафӣ эътиқодиро боз намуд. Фарҳанги миллӣ ва фалсафаи эътиқодии миллат зина ба зина ба ҷаҳониён чеҳраи аслии миллати озодаманишу озодапайкор ва озодазодаи ориётабори тоҷикро бикшоду муаррифӣ сохт. Боз об ҳамчун унсури офариниши ҳаёт ва бақои он асрори хешро миёни чаҳор унсури ҳастиофар бештару рӯшантар намуд. Ҳикматҳои «Об-ҳаёт», «Об-рӯшноӣ», «Об-ободӣ» ба дарку фаҳми аҳли илму хирад, сиёсатмадорону сарватмандони олам амиқтар бирасид ва ибтидои асри XXI аз минбари баланди СММ садои хирад, ҳушдори қатъӣ ва пешниҳоди оқилонаю ҳакимонаи Сарвари закию дурандеш, Пешвои тоҷикони олам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба гӯши ҷаҳониён бирасид. Чор ташаббус ва пешниҳоди арзиши бузурги умумиинсонӣ, умумисайёравӣ зина ба зина таваҷҷуҳи оламиёнро ба муаммои об ва роҳи ҳалли он ҷалб сохт. Эътироф ва тасдиқи «Соли 2003 - Соли байналмилалии оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, дар солҳои 2005-2015» ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об-2013», ё худ «Дипломатияи об» аз тарафи созмони ҷаҳони СММ ва ниҳоят, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), ки дар иҷлосияи 72-юми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид (ИМА, Ню-Йорк, 22-23 марти соли 2018) қабул гардид, бори дигар нубуғи хиради созандаю инсондӯстонаи миллати фарҳангию куҳанбунёди тоҷикро дар шахсияти Пешвои хирадманди миллат тасдиқ намуд. Тоҷикистон дар саргаҳи обҳои фаровон мавқеъ гирифта, зиёда аз 947 дарёи хурду бузург дорад, ки ҳар яке бештар аз 10 км дарозӣ доштаву дар маҷмуъ, беш аз 28500 кмро ташкил медиҳанд. Он дорои зиёда аз 2000 кӯлу обанбори хурду бузург, зиёда аз 14509 пиряххои хурду бузург ва захираи обҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми 51,02 $км^3$ бошад ҳам, аз рӯйи ҳикмати «Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз», ё «Ташнаро як қатра об аз ганҷи дунё беҳтар аст» амал намуда, шиори «Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре»-ро пайравӣ менамояд. Имрӯз мардуми сайёраи зебои мо пешорӯи бисёр муаммаҳои умумиинсонӣ, экологӣ, вайрон гаштани эътидоли солонаи иқлиму боришот, хушксолӣ, пайдоиш ва сироятии ангезандаҳои бемориҳои маргбор, биёбоншавӣ, шӯршавии заминҳо, нарасидани оби тозаи ошомиданӣ, баланд шудани ҳарорати атмосферӣ, инчунин, ифлос ва пур аз партов гаштани резишгоҳи дарёву рӯдҳо, баҳру укёнус, кӯлу обанборҳо, хушкшавии кӯлҳо, обшавӣ ва нобудгардии пиряххо, буриши бераҳмонаи ҷангалу бешазор, маҳв гаштани навъҳои нодири олами набототу ҳайвонот, парандагону чарандагон ва дигар омилҳои таъсиррасон ба ҳаёти солими инсон гардида истодааст, ки ҳар кадом ба меъёри қонунияти гардиши об дар табиат сахт алоқаманд аст. Пешвои муаззами миллат аз минбари бонуфузи СММ бо дурандешӣ ва хиради азалии тоҷикона фарҳанги истифодаи оқилонаи об ва захираҳои обиро пешниҳод намуда, таъкид бар он доштанд, ки об муъҷизаи ҳаётофаранда аст, муносибати бохирадона ба манбаъҳои асосии пайдоиши об, истифодаи сарфакоронаи об кафили асосии бақои насли инсонӣ дар кураи замин аст. Гар ба таърихи тамаддуни инсонӣ бингарем, ҳамаи дину ойинҳои башарият биҳишти ҷовидонаи худро аз дарёву рӯдҳои равоне, ки дар онҳо ширу гулоб, шаҳду шароб ҷорист, тасаввуру барои расидан бар он талош доранд. Паёмбар Зардушт, ки тарбиятгару таблиғгари оини ростӣ буд, биҳиштро маконе медонист, ки дарёҳои пуроб, марғзори сабз бо аспони хатлии бодпой дорад. Пас зарур аст, то бо ҳикмати Монӣ, ки мехост инсоният гӯшае аз боғи биҳиштии Ирамро дар боғчаи назди хонаи худ бунёд намояд, амал созему хонаи биологии хеш ороиш бидиҳем ва барои бақои ҳаёт дар кураи зебои замину гардишу эътидоли об дар табиат саҳмгузор гардем. Таърих гувоҳи чандин ҷанги қавмиву миллӣ, байни давлатҳову минтақаҳо гардидааст, ки сабаби он тақсими об ва сарчашмаҳои обӣ буда, оқибатҳои маргбору харобиовар дар пай доштааст. Имрӯз бояд сари ин масъала дақиқан тамоми насли инсоният андеша намояд, зеро фоҷеа дар пеш аст. Олими асосгузори назарияи эволютсияи олами органикӣ Чарлз Дарвин зиёда аз 200 сол муқаддам ҷазираи хушки ба сайёраи Миррих

монанди Вознисенскийро барои қӯшунҳои ҳарбии давлати шоҳии Англия бо усули кӯчату пайвандкунӣ, инчунин, парвариши навъҳои гуногуни олами наботот тамоман тағйир доду гардиши об дар табиатро ба вуҷуд овард ва муаммои таъминот бо оби нӯшокӣ ва захираи обиро ҳал сохта, исбот намуд, ки ҳамаи тағйироти биологию физиологӣ аз об ва гардиши об дар табиат сахт вобаста аст. Зеро дарахтону рустаниҳо муъҷизаи дар баргу поя ва решаи худ захира намудан ва изофаи онро ба атмосфера ва қаъри замин хориҷ намудан доранд. Масалан, арчаи миёнасол дар зери худ наздик ба як тонна обро захира карда метавонад, пас зери ҷангалзор чӣ қадар об мавҷуд буда метавонад, то тавозуни гардиши обро дар табиат таъмин намояд?! Имрӯз инсоният барои тамоми ниёзҳои хеш 15 триллион энергия масраф менамояд, ки асосан аз захираҳои зеризаминӣ, рӯизаминӣ иборат буда, аксари онҳо барқароршаванда нестанд. Захираҳои нефтию газӣ, ангишт, моддаҳои радиоактив, ҷангал ва дигар омехтаҳои органикию ғайриорганикӣ ниҳоят ба охир расида, барқарорнашавандаанд. Бо захираҳои обӣ, ки манбаи бузурги энергия мебошанд, агар оқилона муносибат насозем, маҳв мегарданд. Тоҷикистон бо пиряххои бузурги Федченко дар масоҳати 1000 км$^2$, Бивачӣ 37,1 км$^2$, Гармо 153 км$^2$, Грум-Грижмайло 160 км$^2$, Дарвоз 44 км$^2$, Фортамбек 75 км$^2$, Танимаси шимолӣ 55км$^2$, дарёҳои бузурги Ому бо дарозии 1415 км, Сир 2212 км, Зарафшон 877 км, Вахш 524 км, Ғунд 877 км, Кофарниҳон 387 км, Қаратоғ 387 км, Панҷ 921км, Фондарё 142 км, Язғулом 160 км, Бартанг 528 км, ва кулҳои бузурги Қарокул дар ҳаҷми 380 км$^2$, Сарез 86,5 км$^2$, Зоркул 38,9 км$^2$, Яшилкул 35,6км$^2$, Искандаркӯл 3,5км$^2$, Рангкӯл 10,1км$^2$, обанборҳои Қайроқум дар ҳаҷми 514 км$^2$, Фарҳод 46,8 км$^2$, Норак 98,0 км$^2$, чашмаҳои шифобахши Хоҷаобигарм, Обигарм, Ҳавотоғ, Явроз, Анзоб, Шоҳамбарӣ, Гармчашма, Чилучорчашма, Шифо (Зумрад) ва садҳои дигар яке аз давлатҳои қудратманди дорои захираҳои обӣ ба шумор меравад. Захираи умумии гардиши энергияи барқи обӣ дар ҳудуди кишвар зиёда аз 527 млрд квт соат буда, дар байни ҳаштгонаи давлатҳои дорои захираҳои барқароршавандаи обии ҷаҳон, назири Россия, Чин, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада қарор дорад. Он аз талаботи наздик ба 200 млн нафар сокини Осиёи Марказӣ се маротиба зиёд буда, имконияти таъмини барқи аз нигоҳи экологӣ тозаи доимиро ба давлатҳои ҷануби Осиё низ дорад. То солҳои 50-уми асри XXI захираҳои нафтию газӣ, ангишт ва дигар манбаъҳои барқарорнашаванда ҳукми ба охиррасиро доранд. Имрӯз инсоният рӯй бар энергияи офтобӣ оварда, имкони дигари рушдро дар пешорӯ дорад, то ниёзҳои хешро бароварда созад. Энергияи офтобӣ тибқи назарияи ҷадвали ҳафтшкалаи олими Шуравӣ Николай Кордашов ва гипотезияи кураи Дайсони олими амрикоӣ Филитей Дайсон бо истифода аз энергия ва коркарди астроидҳо то ба 26 триллион квт мерасад, ки ба генетика ва тарзи ҳаёти физилогии одам таъсири худро мерасонад. Пас ақли солим, пешниҳоди оқилона он аст, ки инсоният барои он ки Модар – Заминро боз ба мисли чанд минтақаи дигар чун биёбони Атакамаи Чилӣ, Саҳрои Кабири Африка, баҳри Арал доғдор насозаду фоҷиа пеш наорад, ҳифзи обу захираҳои обиро бо фарҳанги баланди илмию амалӣ, экологию гидрологӣ роҳандозӣ намояд. Обро чун мабдаи ҳастӣ, муҳаррик ва ҷонбахшои ҳаёт шинохта, аз қудрату энергияи он бо самар ба манфиати тамоми маскунони Замин, одамон, олами набототу ҳайвонот, парандагону чарандагон истифода намоем. Об ҳаёт аст ва зарур аст, ки тамоми инсоният сари ин ҳикмат андеша намоянд ва ҳамаи он миллиардҳову триллионҳо маблағро, ки барои сохтани яроқҳои қатли ом, киштиҳои кайҳонӣ, моҳвораҳое, ки мавҷудияти ҳаётро дар сайёраҳои дигари Галактикаи офтобӣ ва берун аз он ҷустуҷӯ доранд, масраф накарда, барои барқарор кардани экосистемаи сайёраи Замин сарф намоянд. Замин-Модар на танҳо қудрати парвариши 8 ё 80 миллиард нафар инсонро дорад, балки метавонад, беш аз 800 миллиард насли одамиро модарвор хӯронаду пӯшонад. Муаммои дигар нест, танҳо ҳифзи манбаъҳои захираҳои обӣ, пок доштани сарчашмаҳо, рӯду дарёҳо, кӯлу обанбор, баҳру уқёнус вазифаи мо буда, фарҳанги истифодаи оқилонаи об бо технологияи муосири иттилоотию рақамӣ, кишт, сабзгардонии муҳит ва оростани боғи биҳишт дар макони зист зарур асту бас. Тоҷикистон иқдомгузори ин инқилоби экологист дар бақои ҳаёт барои инсоният ва тамоми мавҷудоти зинда дар кураи Замин. Об муъҷиза, об қудрат, об бақои ҳастист! Онро эҳтиёт кунед(м)!

Малоҳат ЭМОМОВА – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

# ЧАРО НАВРАСОН ДУШВОРТАРБИЯ МЕШАВАНД?

**(Ба озмун)**

**Дар тули таърих тарбияи фарзанд яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мерафт ва он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимону мутафаккирону аҳли ҷомеа қарор дошт, зеро донишмандон таъкид мекарданд, ки таваллуди фарзанд пайвандгари занҷири наслҳост. Тавассути ин рӯйдоди табиӣ ва воқеӣ рушди ҳаёти инсонӣ идома пайдо мекунад. Пас дар ин масир масъулияти бузурге бар дӯши мактаб, волидон ва аҳли ҷомеа гузошта мешавад. Ҳар хонавода, ки дар он фарзандон ба камол мерасанд, бояд масъалаи тарбияро гиромӣ доранд.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди идеологияҳои гуногун тарбияи насли наврас ҳеҷ як фарди солимфикри ҷомеаро бетараф гузошта наметавонад. Олимони соҳаи педагогика ва психология синни наврасиро давраи душвор меноманд, чунки дар ин давра дар ниҳоди наврас тағйироти куллии анатомӣ, физиологӣ ва психологӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин давра аксари наврасон худро одами калонсол меҳисобанд ва эродҳои волидон ва омӯзгоронро қабул намекунанд. Ба наврасон маъқул нест, ки нисбат ба онҳо мисли кӯдак муносибат кунанд. Аз ин ҷост, ки якдигарнофаҳмӣ байни омӯзгорон ва падару модарон дар баъзе ҳолатҳо боиси муноқиша ва дар баъзе ҳолатҳои дигар сабабгори воқеаҳои нохуш низ мегардад. Айни ҳол дар ҷумҳурии мо шумораи наврасони оворагарду ба қавле, «душвортарбия» кам нашудааст. Ин, албатта, бесабаб нест. Зеро қаблан қариб дар тамоми макотиби миёна маҳфилҳои фанниву клубҳо амал мекарданд ва пайваста чорабиниҳои гуногуни тарбиявию шабнишиниҳо роҳандозӣ мегаштанд ва ба онҳо хонандагон ба таври ройгон ҷалб карда мешуданд. Ба ғайр аз ин, ҳангоми таътили тобистона аксари мактаббачагон ба истироҳатгоҳҳо фаро гирифта мешуданд, то ки дар ин муддат онҳо ҳам истироҳат кунанд ва ҳам ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд. Албатта, ин корҳо ҳоло ҳам иҷро мешаванд ва ин гуна маҳфилу клубҳо амал мекунанд. Аммо бо сабабҳои гуногун ба ин маҳфилҳо қисми ками хонандагон фаро гирифта мешаванд ва баъдан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шароити мувофиқ барои амал намудани маҳфилҳо муҳайё нест. Махсусан, дар ноҳияҳо ин масъала ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст. Имрӯз, ки иттилоот дар ҳаёти мо нуфузи зиёд дорад, ин ҳолат ҳам хуб аст ва ҳам ҷиҳати манфӣ низ дорад. Наврасони душвортарбия метавонанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет фирефтаи таблиғоти неруҳои ғаразнок гарданд, зеро ба доми неруҳои террористӣ наврасону ҷавонони аз таҳсил дурмонда гирифтор мешаванд. Дар ин гурӯҳи наврасон раванди мағзшӯӣ бидуни мушкилӣ мегузарад.



Мусаллам аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари падару модарон аз донишҳои педагогию психологӣ дуранд ва тағйироти баамаломадаи психологию ҷисмонии наврасонро намедонанд. Олимони соҳаи педагогика ва психология, маъмулан, давраи наврасиро аз 12 то 15-солагӣ муайян намудаанд. Давраи наврасӣ табиатан давраи душвор ва пурҷӯшу хурӯш дониста шудааст ва дар навбати худ ин давра ба худбаҳодиҳии онҳо низ бетаъсир намемонад. Ва маҳз давраи наврасӣ, ки як муддати нисбатан кӯтоҳро дар бар мегирад, метавонад боиси тағйир ёфтани муносибати наврас бо атрофиён гардад. Тағйироти куллии биологие, ки дар ҷисми наврас ба вуҷуд меояд, як қатор хусусиятҳои нави

психологиро низ ба вуҷуд меорад. Дар ин давра зарур аст, ки тарзи дурусти ҳаёти солими наврас ташкил карда шавад ва реҷаи рӯзи наврас ба танзим дароварда шавад.

Асоси рафтори наврасони «душвортарбия»-ро беодобӣ, гапнодарой, каҷрафторӣ, бераҳмӣ ва беилтифотию дағалӣ ҳангоми муносибат ва муошират бо ҳамсолон, омӯзгорон ва падару модарон ташкил мекунад. Наврасон пайваста кӯшиш мекунанд, ки вазъияти низоъангез, носолим ва ҷанҷолиро ба миён оранд. Ҳиссиёти ахлоқии наврасон, ки нав шакл мегирад, ҳангоми бекорӣ ба он оварда мерасонад, ки ба анҷом додани корҳои ношоиста машғул мешаванд, Ва ана ҳамин дуруст ташкил карда натавонистани вақти холии наврасон яке аз омилҳои аслии душвортарбия гардидани онҳо мегардад. Дуруст ташкил накардани вақти холигии наврасон сабаби пайдоишу таҳким ёфтани ҳар гуна одатҳои бад мегардад ва минбаъд тарк намудани онҳо амрест муҳол. Дар адабиёти илмии имрӯза низ олимон омили асосии душвортарбия гардидани наврасонро, пеш аз ҳама, дар ташкили нодурусти вақти холӣ, беназоратӣ ва таъсири бади муҳити атроф арзёбӣ менамоянд. Дар ин масъала бояд ҳам падару модарон ва ҳам мактаб ва ҳам ҷомеа аз пайи оқилона ташкил намудани самаранок истифода бурдани вақти холии мактаббачагон бошанд. Наврас, ки бекор монд, дар майнааш ҳар хел фикрҳои бад пайдо мешавад. Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ волидонро мебояд бо дарки масъулияти баланд ба ҳар василае, ки набошад, фарзандони хешро ба хотири он ки ба беҳудагардӣ машғул нашаванд, ба ҳар гуна маҳфилҳо, чорабиниҳои тарбиявии беруназсинфӣ, курсҳои омӯзишӣ, ба монанди омӯзиши забонҳои русиву англисӣ, курсҳои компютерӣ, инчунин, дар навоҳиву рустоҳо фарзандони хешро ба омӯхтани ҳар гуна ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили заргариву оҳангарӣ, зардӯзиву гулдӯзӣ, кандакорию бофандагӣ ҷалб кунанд, агар онҳо таъмин намудани ояндаи дурахшони фарзандон ва миллату давлати хешро хоҳанд. Ҳамчунин, падару модарон бояд фарзандони хешро барои машғул шудан дар риштаҳои мухталифи варзиш низ сафарбар намоянд. Дар ин радиф як масъалаи муҳиме, ки имрӯз ташвишовар аст, ба хотири аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмини намудани оилаи хеш ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани мардон мебошад. Дар дигар ҳолатҳо ҳам падар ва ҳам модар ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванду фарзандонро ба тарбияи хешовандон ё бобою бибӣ вогузор мекунанд. Маълум аст, ки хешу табор ба таври бояду шояд вазифаи нигоҳубини фарзандони ба зимаашон вогузоршударо иҷро намекунанд. Ин яке аз омилҳои душвортарбия гардидани наврасон маҳсуб дониста мешаванд. Бо сабаби бекор мондани наврасон ва ё беназоратии калонсолони хонавода наврасон барои дарёфти ризқу рӯзӣ мепардозанд. Оҳиста-оҳиста наврасон ба кӯча рӯ меорад ва ба онҳо муҳити беруна таъсир мерасонад. Баъдан бо рафиқони аз ҷиҳати ахлоқӣ каҷрафтор ошноӣ пайдо мекунаду бештари вақти пурқимати худро ба беҳудагардӣ мегузаронад ва оқибат даст ба фисқу фасод зада, ба талбандагӣ машғул шуда, дар ҷойҳои муқаррарнашуда савдогарӣ, боркашонӣ намуда, ба мошиншӯию сипанд дуд додан машғул мешаванд. Аз ҳисоби маблағи ба даст оварда, даст ба тамокукашӣ, майнӯшӣ, нашъамандӣ, майдадуздӣ, ҳатто, ҷинояткорӣ мезананд. Дар натиҷа ҳамаи ин ба ҳуқуқвайронкунӣ оварда мерасонад.

Бояд ёдовар шуд, ки фаъолияти таълимӣ дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти асосӣ қарор мегираду басо мураккаб ва сафарбар намудани неруи зиёди психологиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, на ҳар наврас хоҳиши пурра ба он машғул шуданро дорад. Ҳамчунин, фаъолияти меҳнатӣ низ иловатан неруи зиёди ҷисмониро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ин давра наврасонро мебояд бо дарки он, ки ҳамакнун давраи кӯдакиро паси сар намудаанд, пайваста ба ҳар василае, ки набошад, дониш омӯзанд ва дар роҳи омӯхтани илму ҳунар камари ҳиммат банданд. Имрӯз аз омӯзгорону волидон дар хусуси сабабҳои асосии афзудани миқдори наврасони «душвортарбия» пурсон мешавем, онҳо дар ҷавоб масъулиятро ба дӯши якдигар бор мекунанд. Мактаб, омӯзгорон ва волидон бояд, пеш аз он ки чунин хулоса бароранд, сари як масъала бояд андеша намоянд, ки оё ташкил ва гузарондани чорабиниҳои тарбиявие, ки наврасон фаро гирифта шаванд, танҳо вазифаи мактаб аст? Баланд бардоштани сифати корҳои таълимию тарбиявӣ амали дастаҷамъонаи ҳам мактаб, ҳам волидон ва ҳам аҳли ҷомеа аст. Мо бо итминон иброз менамоем, ки асоси пешгирии каҷрафтории наврасон тарбия аст. Академик М. Лутфуллозода барҳақ менависанд: «Агар қоидаҳо ва дастурҳои динӣ тиллоӣ бошанд, тарбия зимни онҳо болотар аз тиллост: тарбия, ки мақсаднок шуд, ҳам тилло ба даст меояд, ҳам зару зевари дигар. Муҳимтар ва самараноктар ҳамин аст, ки аз ин қоидаҳо дуруст истифода барем. Бояд иқрор шуд, ки дуруст тарбия накардем, бе назорат мондем, наврас душвортарбия ва тадриҷан ҳуқуқвайронкунанда мешавад. Педагоги номдор В.А.Сухомлинский навишта буд: «Бачаҳои душвортарбия ҳастанд, аз онҳо дар ҳеҷ куҷо пинҳон шуда наметавонем. Муаллимон нағз

медонанд, ки он метод ва усулҳои муқаррарии тарбия, ки дар кор ба қисми зиёди бачаҳо натиҷаҳои хуб мебахшанд, онҳоро ба бачаҳои душвор истифода бурдан бефоида аст. Бояд методу воситаҳои махсуси тарбияро ҷустуҷӯ кард. Кӯдакони душвортарбия махсусияти худро доранд, ки ба дигар кӯдакон монанд нестанд, яъне онҳо хоҳишҳои худ, хусусиятҳои худ, дуршавӣ аз меъёрҳои тарбия, роҳҳои тарбияи худро доранд.»

Аз ин ҷост, ки мавҷуд набудани низоми мукаммали омӯзиши рафтору кирдори наврасон ба омӯзгорон имкон намедиҳад, ки сабабҳои аслии беинтизомӣ, зоҳир намудани рафторҳои номатлуби онҳоро муайян намоянд. Бинобар ин, наврасон бояд доимо дар мадди назари омӯзгорону волидон қарор дошта бошанд.

## Маориф дар рақамҳо

Соли таҳсили 2023-2024 16 090 нафар донишҷӯ аз рӯйи равияи омӯзгорӣ донишгоҳу донишкадаҳоро хатм мекунанд, ки аз онҳо 5 418 нафар аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил менамоянд.

***

Пайгирии иҷрои «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» нишон дод, ки аз 2 214 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои банақшагирифташуда 1851 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ харидорӣ карда шудааст, ки 83,6%-ро ташкил медиҳад.

Иҷрои барнома дар соли 2023 дар шаҳри Душанбе аз 107 кабинет ва озмоишгоҳ 115 (107,7%), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 161 кабинету озмоишгоҳ 27 (16,7%), вилояти Суғд аз 673 кабинети фаннӣ 676 (100,4%), вилояти Хатлон аз 847 кабинети фаннӣ 873 (103,1%) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 426 кабинети фаннӣ 160 адад (37,5%) таъмин гардидааст.

***

Дар доираи Нақшаи чорабиниҳои муштарак миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) аз соли 2017 то инҷониб 67 синфхонаи озмоишгоҳҳои инноватсионӣ дар марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шудаанд. Ҳоло Лоиҳа ба анҷом расида истодааст ва маблағгузории фаъолияти минбаъдаи озмоишгоҳҳо давра ба давра аз ҷониби мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешаванд.

***

Дар давраи ҳисоботӣ Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо кумитаҳои тадорукоти 27 озмуну олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ ҳамкориро ба роҳ монда, иштироки хонандагонро дар даври ниҳоии 15 олимпиадаи байналмилалӣ таъмин намуд. Дар натиҷа, дар ин сабқатҳо 2181 нафар сазовори ҷойҳои намоён (230 ҷойи якум, 734 ҷойи дуюм ва 1175 ҷойи сеюм) гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба тамоми давраи соли 2023 997 нафар ё худ 84,2% бештар гардидааст.

***

Маркази таълимии занон «Сарвар» барои духтароне, ки тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил гардиданд ва духтарони болаёқати ҷумҳурӣ ташкил шуда, тавассути таҳсилоти иловагӣ барои гирифтани донишҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба рушди малакаҳои роҳбарӣ, хусусиятҳои сарварӣ шароити мусоид фароҳам оварда, онҳоро ҳамчун занони сарвар ба рӯйхати кадрҳои захиравӣ пешниҳод менамояд.

# МОҲИЯТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

**(Тахия)**



**Манучеҳра ҶУМЪАХОНОВА – мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ**

**Маълум аст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 муносибати босалоҳият ба таълимро давра ба давра дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондааст ва баҳри татбиқи пурсамару амалии он омӯзгорону устодон тавассути курсҳои такмили ихтисос зина ба зина омода мегарданд. Аммо аз мушоҳида ва суҳбатҳо бо бархе аз омӯзгорон бармеояд, ки онҳо то ҳол ҷиҳатҳои асосии зарурати гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ва моҳияти он, мафҳумҳои салоҳияту салоҳиятнокӣ, хусусияту муҳимияти салоҳиятҳои асосию фаннӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани ин усулро ба таври зарурӣ аз худ накардаанд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки оид ба ин масъалаи ҳалталаб баъзе иттилоотро бори дигар ба таври мушаххас пешниҳод намоем.**

**Зарурати ворид намудани тағйирот ба низоми кунунӣ**

Бояд зикр намуд, ҳар як дигаргунӣ, навгонӣ ва навоварие, ки дар ягон соҳа ё фаъолият рух медиҳад, ба пешрафти ҷомеа, ба шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маърифатии ҳамон давр вобастагии амиқ дорад. Тибқи он, раванди таълим, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имкони аз худ кардани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касбомӯзӣ, илмомӯзӣ дар давоми ҳаёт, салоҳияти иртиботӣ, тайёрии касбии талабот ба бозори меҳнат, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муносибати босалоҳият ба таълимро таъмин намояд.

Дигар омил, мувофиқат накардани низоми таълими анъанавӣ ба талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маърифатии ҷомеаи муосир мебошад. Имрӯз ба хонандагон бояд тарзи истифодаи маъхазҳои дигари нигоҳ доштани иттилоот омӯзонда шавад. Зеро бо ворид шудани муносибатҳои нав дар натиҷаҳои таълим ҳамгироии истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд гардидани сифати таълим оварда мерасонад.



Тавре ки таҳлилу таҳқиқҳо нишон медиҳанд, муносибати босалоҳият ба таълим раванди мураккабу доманадор буда, муносибат, салоҳият, вақт ва неруи қавию ақлониро аз шахс талаб менамояд. Мақсади асосии муносибати босалоҳият ба таълим, роҳҳои ташаккули дар амал татбиқ кардани дониш, малакаю маҳорат, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ, мутобиқ гардидан ба шароитҳои наву ношинос, худтарбиятдиҳӣ, масъулиятнокию эҷодкорӣ ва дигар хусусиятҳое мебошанд, ки барои ташаккули шахсӣ заруранд. Дар ин навъи муносибат, ба эътибор гирифтани ташаккулёбии тафаккури интиқодӣ, фаъолияти зеҳнӣ, инкишофи қобилиятҳои гуногуни маърифатӣ, азхудкунии доимии малакаҳои фикрронӣ, таҷрибаи амалии маълумоти бадастомада, яъне, донишҳои азхуднамудаи хонандагон зарурати аввалиндараҷа дорад. Дар ин маврид, дар навбати аввал натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мегардад. Хонандагон дар тамоми раванди омӯзиш машқи малака ва фаъолиятҳои дигари таълимиро иҷро мекунанд. Ба хонандагон

имкон дода мешавад, ки малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯ кардану дарёфтани маълумот ва ҳисси масъулиятнокии худро ташаккул диҳанд. Барои аз худ кардани иттилоот, таҳлилу таҳқиқи маълумотҳои пешниҳодшуда, дастрасии сарчашмаҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳо (мушкилот) бояд фаъол бошанд. Хонандагон натиҷаи корашонро таҳлилу арзёбӣ карда, ғалатҳои худро муайян намоянд, сабаби содир кардани ғалатҳояшонро дақиқ созанд, корашонро дар асоси нишондиҳандаҳо ташаккулу такмил диҳанд. Бинобар ин, ҳар як амалу фаъолияте, ки хонанда аз рӯйи тафаккур, ақлу зеҳн ва қобилияти маърифатӣ самаранок иҷро менамояд, ба ташаккули инкишофи шахсии ӯ оварда мерасонад.

Дар «Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот» мафҳуми ***салоҳият*** чунин шарҳ дода шудааст:

1. Қобилияти ягон кор (амал)-ро хуб ва самаранок иҷро кардан.
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан.
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар Стандарти фаннии зинаи таҳсилот мафҳуми “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст: “Салоҳият маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

Дар асоси шарҳи боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст; шахсе, ки амалеро хуб, ҳунармандона ва боэътимод иҷро карда метавонад, шахси босалоҳият аст. Муносибати босалоҳият ба таълим, амалест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, ҳақиқӣ, вазифавӣ- функсионалӣ) равона мешавад. Муносибати босалоҳият ба таълим ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар муносибати босалоҳият ҳамчун ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки “**салоҳият”-**ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад. Салоҳиятнокӣ натиҷаи ниҳоии амалии дониш, малака ва маҳоратҳо мебошад. Салоҳият асосӣ-калидӣ ва фаннӣ мешаванд. Салоҳиятҳои асосӣ барои ҳамаи фанҳо асосӣ мебошанд, салоҳиятҳои фаннӣ ба фанҳои мушаххас дахл доранд. Моҳияти салоҳиятҳои асосиро иҷтимоишавии шахс ташкил медиҳад. Инҳо маҷмуи қобилиятҳои маърифатие мебошанд, дар тамоми фанҳо ташаккул дода мешаванд ва нақши тарбиятгарии омӯзгор дар ин маврид муҳим аст. Асоси фарқи муносибати босалоҳият ба таълим аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) дар он аст, ки дар муносибати босалоҳият қолаби ниҳоӣ, натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат (салоҳиятҳо) дар шакли том нишон дода мешаванд. Дар муқоиса бо низоми анъанавии таълим, муносибати босалоҳият ба таълим иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногун, давомноку мухталифро талаб мекунад. Дар аввал натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки иттилооти ба даст овардаашонро дар шаклҳои гуногуни нутқ таҳлилу таҳқиқ созанд, корбурд намоянд, матнро эҷод кунанд, қоидаҳои дурусти хондану навиштанро риоя намоянд, мазмуни матнҳоро таҳия ва дар алоқамандӣ муқоиса кунанд, натиҷаи корашонро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил дода, арзёбӣ кунанд, фикри мушаххасро муайян ва хулосабарорӣ кунанд. Муносибати босалоҳият раванди таълими мураккаб буда, дар ташаккули салоҳиятҳо усул, муносибат, вақт, неру ва воситаҳои гуногуну мухталиф талаб карда мешавад. Вазифаи омӯзгор ба сифати роҳбалад, фароҳам овардани имкон ва фазои мусоид барои азхудкунии ташаккули салоҳият ва инкишофи қобилиятҳои маърифатии хонандагон мебошад.

**Ҷиҳатҳои муҳими муносибати босалоҳият**

Он ҳамчун маҷмуи ягонаи истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳост; раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ва ба амалия нигаронидашударо гирифта, ба объекти омӯзиш мубаддал мегардад; муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеаро аз байн мебарад; муносибати босалоҳият муносибатест, ки ба татбиқи хусусияти амалии таълим равона гардида, раванди таълим ба натиҷаи амалӣ нигаронида мешавад. Муносибати босалоҳият ба дархости соҳаи истеҳсолот ҷавоб мегӯяд; такмилдиҳандаи мазмуни таълим буда, ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва воқеӣ ҷавобгӯй аст; ба вуҷуд овардани шароит барои ҷамъбаст ва хулосабарории қобилияти инсон буда, берун аз мазмун ва вазъияти таълимӣ самаранок амал карда метавонад; воситаи азнавсозиро ба таври қатъӣ ифода менамояд; имкони тавсифи қобилиятҳоро дар шароити беҳтар ба вуҷуд оварда, аз салоҳияти таҳияшуда ба сатҳи дигари салоҳият оварда мерасонад; ҳамчун омодагии махсус ба фаъолияти касбии ояндаро муайян мекунад.

**Имконоте, ки дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим ба вуҷуд меоянд:** баёни донишҳо, корбурд ва тарзи омӯхтани он ҳангоми гузариш ба таҳсилоти касбӣ; гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгироӣ ба натиҷаҳои раванди таълим; пайвастани мақсадҳои таълим, корбурд аз вазъиятҳои гуногун дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи бозори меҳнат; равона кардани фаъолияти инсон ба вазъиятҳои гуногуни беохири касбӣ ва ҳаёт.

**Хусусияти фарқкунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим**

Дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим муносибатҳо ва равандҳои таълим махсусияти худро доранд. Ин хусусиятҳо муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байниҳамдигарро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

**1. Масъулият.** Дар низоми муносибати босалоҳият хонандагон барои таълим гирифтан, рафтор ва саҳми худ дар раванди таълиму тарбия масъулият доранд. Онҳо худро ҳамчун шахси арзанда ва узви коллективи синф ҳис мекунанд.

**2. Имконот.** Хонандагон имкон доранд, ки мақсаднок ва ба таври мушаххас хонанд, нависанд, ҳисоб кунанд ва фаъолиятҳои дигари таълимиро иҷро кунанд. Баъзан аз дигар маводи дарсӣ ва варақаҳои таълимӣ истифода мекунанд.

**3. Машғулият.** Хонандагон барои омӯхтан ҳавасманд мешаванд ва дар фаъолиятҳои таълимие, ки ба хондан, навиштан ва ҳисоб кардану сохтан равона шудаанд, фаъолона иштирок мекунанд. Баъзан ба хонандагон имкон дода мешавад, ки барои хондану таҳлили китоб ва таҳияи кори лоиҳавӣ китоби бадеиро худашон мустақилона интихоб намоянд.

**4. Муаррифӣ (намоиш додан).** Омӯзгорон малака ва стратегияҳои хондану навиштан ва дигар малакаҳоро ҳамчун намунаи беҳтарин намоиш медиҳанд ва хонандагон бодиққат онро мушоҳида карда, тарзи дурусти онро аз худ мекунанд.

**5. Таваккал кардан.** Хонандагон барои таҳқиқи мавзуъ, пешниҳоди ақида (фарзияҳо) ва таваккал кардан ҳавасманд гардонида мешаванд.

**6. Дастурдиҳӣ (супоришдиҳӣ-таълимдиҳӣ). О**мӯзгорон ба воситаи дарсҳои намунавӣ тартиб, малака ва стратегияҳои хондану навиштанро ба хонандагон таълим медиҳанд.

**7. Аксуламал.** Хонандагон муносибати шахсии худро нисбат ба ҳикоя пешгӯйӣ мекунанд, савол медиҳанд ва сатҳи фаҳмиши матнро тавассути варақаҳои таҳлилӣ баланд гардонда, дар муҳокима ва таҳлили умумии мазмуни матнҳо иштирок мекунанд. Ҳангоми навиштан дастхаташонро ба ҳамгурӯҳон барои тавсия пешниҳод ва натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.

**8. Интихоб.** Хонандагон одатан дар доираи меъёрҳое, ки аз тарафи омӯзгорон муайян шудааст, барои хондан ва навиштан имкони интихоби матн (китобро) доранд.Вақте ки ба хонандагон имкони интихоб дода мешавад, ҳаваси онҳо ба хондану навиштан ва иҷрои фаъолиятҳои дигари таълим зиёд мегардад. Онҳо таҷрибаи маърифатии бадастомадаашонро қадр мекунанд.

**9. Вақт.** Ба хонандагон барои иҷрои вазифаҳои хондану навиштан вақти зиёд зарур аст. Агар раванди таълим ба фосилаҳои кӯтоҳ ҷудо карда шавад, таълим натиҷаҳои самарабахш намедиҳад. Барои хубтар ва самараноктар гардондани раванди азхудкунии малакаҳои навиштану хондан ду то се соати таълимӣ пайиҳам дар як рӯз тавсия мешавад. Дар раванди азхудкунии малакаҳо танҳо вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ метавонанд, истифода шаванд. Маъмурияти муассиса бояд кӯшиш кунад, ки ҷадвали дарсҳоро ба таври самаранок тартиб диҳад. Ин нуқта дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ хеле муҳим аст.

**10. Арзёбӣ.** Омӯзгорону хонандагон якҷо меъёрҳо ё нишондиҳандаҳои арзёбиро таҳия мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон кори худро назорат ва дар раванди арзёбӣ бевосита иштирок кунанд. Чунонки маълум шуд, дар низоми босалоҳият ба таълим аввал намунаи натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Сипас, ба хонандагон имкони мустақилона (ё бо роҳнамоии омӯзгор) машқ кардани малака дода мешавад. Дар тамоми раванди омӯзиш ва машқи малака хонанда натиҷаи корашро арзёбӣ ва таҳлил мекунад. Ғалатҳои худро муаяйн карда, сабаби содир кардани ғалатро мустақилона бо ёрии ҳамсинфон ё омӯзгор аниқ месозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил медиҳад. Чунонки маълум мегардад, раванди таълим дар низоми босалоҳият мураккаб буда, вақт ва неруи бештарро талаб мекунад. Барои татбиқи низоми мазкур омӯзгорон бояд якчанд назарияи асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд.

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШДИД ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Зебунисо ҚОСИМОВА – директори МТМУ №33, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ

**Яке аз хусусиятҳои муҳимми имло дуруст навиштани калимаҳое мебошад, ки таърихан ташдид доранд. Шумораи чунин калимаҳо дар забони мо зиёд набошад ҳам, ин масъала бо мураккабии худ хонандагонро ба ҳайрат мегузорад, зеро ҳангоми диққат кардан ба ин мавзуъ ба мушоҳида мерасад, ки теъдоде аз калимот гоҳе бо ташдид ва гоҳе бе он китобат мешаванд. Ба гунаи мисол, чунин навиштаи душакларо мо дар вожаҳои «дуккон»-у «дукон» ва «шаккар»-у «шакар» дида метавонем.**

Дар «Луғати Деҳхудо», ки байни аҳли илму адаби форсизабонон машҳуру мӯътабар мебошад, барои калимаҳои дар фавқ ишоратшуда чунин шоҳидҳои маъноӣ оварда шудааст:

**Бад-ӯ гуфт оҳангар, эй некхӯй,**
**Чӣ дорӣ ба дуккони мо орзуй?**
**Фирдавсӣ**

**Ҳамчу занбӯри дукони қассоб**
**Дар сари кор диҳад ҷон, чи кунам?**
**Хоқонӣ**

**Чу майли шаккараш бар шир диданд,**
**Ба ширу шаккараш мепарвариданд.**
**Низомӣ**

**Ҳарду най хӯрданд аз як обхӯр,**
**Ин яке холиву он пур аз шакар.**
**Мавлоно**

Таҳқиқу ғавр дар мавзуъ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди шадда шудани баъзе ҳамсадоҳо дар калимаҳои ҷудогона, ташдид хоси калимаҳои забони тоҷикӣ намебошад. Шояд дар зеҳн суоле рӯнамо шавад, ки пас чи гуна ташдид ба забони мо роҳ ёфтааст? Ин падидаи имлоӣ ба омилҳои гуногуне, мисли таъсири алифои арабӣ, шиддатнок талаффуз кардани калима барои таъкиду таъсир гузоштан ба шунаванда, ҳамчунин, зарурати вазни шеърӣ ва гоҳе зери таъсири луғатҳои арабӣ арзи вуҷуд намудааст, ки дар зер иҷмолан мувофиқи тавони худ ба шарҳи онҳо мепардозем.



Ба ҳайси нахустомили ташдид дар забони тоҷикӣ таъсири зарбу оҳанги забони арабиро бояд ёдовар шуд. То аз чоп баромадани «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе-2013) мо бо ду тарзи навишти баъзе шумораҳо ба мисли «дувум»-у «дуввум» ва «савум» - «саввум» дучор меомадем. Ба ақидаи забоншиносон, шиддатнок талаффуз шудани калимаҳои болоӣ ба шумораи тартибӣ будани онҳо вобаста аст. Чун ба ҳайси шумораи тартибӣ мо калимаи «аввал»-ро истифода мебарем, ки арабисту ташдид мегирад, дар идома барои нигоҳ доштани ҳамон зарбу оҳанг болои «дувум» ва «савум» низ ташдидро ҷабран бор мекунем.

Сонияи, тахмин карда мешавад, ки чун алифбои ниёгонамон бар асоси алифбои арабӣ бунёд ёфтааст, барои дуруст хондан ва фарқ кардани баъзе калимаҳо аз калимаҳои ҳамшакл, гузоштани аломати ташдид амри ҳатмӣ гаштааст. Нагузоштани ташдид дар баъзе калимаҳо, ба мисли «галла» ва «гила» ва калимаҳои «сарр» ва «сир» хонандаи ноогоҳро дар адабиёти классикӣ ба ғалатфаҳмӣ мебарад. Масалан, ҷумлаҳои «ман гила дорам» ва «ман галла дорам»-ро агар бо алифбои ниёгонамон бинависему дар ҷумлаи баъдӣ болои «галла» ташдид нагузорем, маънои ин ду ҷумла аз ҳам фарқ намекунад, зеро мувофиқи алифбои форсӣ ҳарфи кӯтоҳи «и» навишта намешавад. Ё дар ибораи «сирри кор» ва «сари кор» низ ба чунин иштибоҳ роҳ дода метавонем. Ин баҳс, ки ташдид хосси калимаҳои тоҷикӣ нестанд, дар қадим низ вуҷуд доштааст ва дар тазкираи Муҳаммад Афзали Сархуш, ки бо номи «Калимот-уш-шуаро» маъруф аст, аз қавли Оқо Муҳаммадҳусайни Ноҷӣ оварда шудааст: «Ва агар ин лафз форсӣ бошад, мухаффаф хоҳад буд, ки дар ташдид як калимаи форсӣ нест. Ҳукм шуд, ки дар «дурроҷ» ва «фаррух» ва «хуррам» чӣ мегӯӣ? Арз кард, ки: «дурроҷ» арабист ва «хуррам» муъарраба ва «фаррух» ду калима аст, ки таркиб ёфта, «фар» ба маънии зинат ва ин қисм калимот бисёр аст. Мисли «шаппара» ва «шаббӯ» ва «шаббор.» Ҳарфи охири калимаи аввал ва аввали калимаи охир, агар аз як ҷинс ё қарибулмахраҷ бошад, мудғам месозанд ё тахфиф медиҳанд...»

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки намоди шукӯҳу тавонмандии забони мо мебошад, бо байтҳои олию ғаррои худ собит месозад, ки ташдид ҳузури намоён дар гуфтору навиштори мо надорад. Ҳангоми таҳқиқи мавзуи мазкур мақолаеро аз пажуҳишгари эронӣ Ҳусайн Каҷони Ҳисорӣ дар сайти «Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ» бо номи «Ташдид дар забони форсӣ» пайдо намудем, ки нависанда мувофиқи пажуҳиши худ дар панҷоҳ байти аввали девони шоири араб бо номи Мутанаббӣ 87 калимаи мушаддадро мушоҳида менамояд ва дар ҳамин миқдор абёти аввали «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ калимаеро, ки ташдид дошта бошад, дучор намеояд.

Воқеан, баъди дарёфти мақолаи мазкур муқаддимаи «Шоҳнома», ки аз ҷониби нашриёти «Адиб», соли 2019 ба табъ расонида шудааст, мутолиа гардид ва танҳо дар байти саду чаҳоруми он, ки дар боби пайғамбар ва ёрони ӯ сухан мегӯяд, ташдид ба ночор ба кор рафтааст:

**Набӣ офтобу саҳҳобон чу моҳ,**
**Ба ҳам бастани якдигаррост роҳ.**

Бо ин ҳама наметавон гуфт, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз истифодаи ташдид парҳез намудааст. Мувофиқ ба зарбу оҳанги вазни «Шоҳнома» теъдоде аз калимоти камшумор ба хотири шиддат бахшидан ва таъсирноктар баромадани сухани гӯянда истифода шудаанд, ки намунаи онҳо вожаи “бачча” мебошад:

**Яке *бачча* будаш чу гурги сутург,**
**Диловар шуда бо сипоҳи бузург.**

Вожаи «бачча», ки комилан тоҷикист, бо ду ҳарфи «ч» дар ашъори дигар шоиронамон низ истифода шудааст ва ба андешаи инҷониб, иллати он ҳамон тақозои вазн ва оҳанг мебошад:

**Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,**
***Бачча* нозодан беҳ аз шашмоҳа афкандан ҷанин.**
**Манучеҳрӣ**

**Ороста базми ту пур аз баччаи ҳурост,**
**Аз *баччаи* ҳуро биститон баччаи ангур.**
**Амир Муизӣ**

**Ҳар дам ҳазор *баччаи* хунин кунам ба хок,**
**Чун луъбатони дида ба зодан дароварам.**
**Хоқонӣ**

Аз ин гуна мисолҳо, яъне бо ду ҳарфи «ч» навиштани калимаи «бача» зиёд дида шавад ҳам, маънои ҳукми қотеъ дар ташдид доштани онро надорад, зеро бо осонӣ метавон абёти дигареро пайдо кард, ки дар он вожаи зикршуда бидуни ташдид оварда шудаанд. Чунончи:

**Ту хитоибачаӣ, аз ту хато нест аҷаб,**
**К-он ки аз аҳли савобанд, хато низ кунанд.**
**Саъдӣ**

**Бачаи шер донишу он гаҳ**
**Мӯри чаҳлат азоб бинмояд.**
**Хоқонӣ**

Вожаи дигари тоҷикӣ, ки ҷабри ташдидро ҳамл мекунад, «мижа» аст. Фирдасии бузург онро ба ду шакл истифода намудааст:

**Сияҳ мижжаву дидагон қиргун,**
**Чу бӯсад лабу рух ба монанди хун.**

***

**Фурӯ рехт об аз мижа модараш,**
**Ҳаме хонд бо хуни дил доварaш.**

Ҳамин вожа дар тамомии ашъори шоирони баъд аз Фирдавсӣ бе изофаи «ж»-и дуюм омадааст. Барои собит шудани ин иддао чанд байти зеборо аз ашъори шоирони номдори назми порсӣ ҳамчун намуна зикр менамоем:

**Аз барои шараф ба нӯги мижа**
**Хоки роҳи ту руфтанам ҳавас аст.**

**Ҳофиз**

**Ҳар кӣ бипурсад, эй фалон, ҳоли дилат чи гуна шуд,**
**Хун шуду дам ба дам ҳаме аз дида мечаконамаш.**

**Саъдӣ**

**Чашми ту зи рӯзгор хунрезтар аст,**
**Тири мижаи ту аз синон тезтар аст.**

**Мавлоно**

Аммо дар аксари шеърҳои шоирони муосири мо «мижа»-и сирф тоҷикӣ бо ташдид мавриди корбурд қарор мегирад, ки иллаташ ҳамон вазну оҳанг ё надонистани асолати вожаи мазбур мебошад ва ин кор ба андозае вусъат гирифтааст, ки шакли беташдиди онро ҷуз дар ашъори ҳамзабонон пайдо кардан кори номумкин ба назар мерасад.

Хулосае, ки аз таҳқиқи иҷмолии калимоти дорои ташдид бармеояд, равшан месозад, ки дар забони тоҷикӣ вожаҳои ангуштшуморе, ба мисли «чакка», «пашша», «бачча», «барра» ва монанди инҳо вуҷуд доранд, ки гоҳе бе ташдид низ мавриди корбурд қарор мегиранд ва ин дугунагии шакли навишти онҳо набояд иштибоҳ ё камдиққатӣ дар имло дониста шавад. Баръакси он, аксари калимоте, ки бо ташдид навишта мешаванд, ба мисли «сикка», «миллӣ», «диққат», «шиддат», «муддат», «қаллоб», «хаффош», «баққол», «таваллуд” ва ғайра аз луғоти арабӣ ворид шудаанд ва риояи навишти дурусти онҳо аз зарурати имлост. Дар анҷом илова карданием, ки кори хирадмандона мешавад, агар ҳар чи бештар муродифи тоҷикии калимоти ташдиддори арабӣ пайдо ва мавриди истифода қарор бигирад, зеро бо таъсири онҳо ин хатар вуҷуд дорад, ки вожаҳои дигари ноби забони мо низ ташдид пайдо кунанд ва дар оянда ба хушоҳангиву равонии он латмаи ҷубронннопазир ворид гардад.

**Адабиёт:**


1. Луғати Деҳхудо-захоири электронӣ
2. Абулқосим Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, Душанбе, “Адиб”, 2109, - 480 с.
3. Саъдии Шерозӣ, Ғазалиёт, Душанбе, “Адиб”, 2014, - 480 с.
4. Ҳофизи Шерозӣ, Девон, Душанбе, “Адиб”, 2015, - 480 с.
5. Хони маънӣ. (Мунтахаби ашъори Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва Хоқонии Шарвонӣ). Душанбе, “Адиб”, 2011, - 480 с.
6. Муҳаммадафзали Сархуш. Калимот – уш-шуаро. Душанбе, Торус, 2018, - 224 с.


**Маориф дар рақамҳо**

Соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 360 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ барои 73 962 ҷойи нишаст дар як баст ба нақша гирифта шудааст.

То имрӯз 39 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ барои 7 884 ҷойи нишаст дар як баст сохта ба истифода дода шуд, ки зиёда аз 10 фоизи нақша мебошад. Аз ин шумора, 19 иншоот барои 3 136 ҷойи нишаст ба тариқи ҳашар ва бо ҷалби соҳибкорон ва 16 иншоот барои 3 724 ҷойи нишаст дар як баст аз ҳисоби шарикони рушд сохта шудааст.

# БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ



**Нилуфар АСРОРОВА – омӯзгори кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

**Таълими забони хориҷӣ ҳамчун яке аз фанҳои асосӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонад дар рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон нақши муассир гузорад. Забони хориҷӣ дорои имкони бузурги таълимӣ, тарбиявӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон ба ҳисоб рафта, он танҳо дар ҷараёни расидан ба ҳадафи амалии омӯзиш ба амал баровард мешавад, яъне дар раванди фаъолияти коммуникатсионӣ ва маърифатии забони хориҷӣ (гӯш кардан, гуфтор, хондан, истифода бурдан дар навишт) ҷаҳонбинии умумии хонанда васеъ гардида, тафаккур, хотира ва эҳсосоти ӯ инкишоф меёбад..**

Ҳамзамон, дар раванди муоширати забони хориҷӣ сифатҳои иҷтимоӣ-арзишии хонанда: *ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва эътиқоди маънавӣ-ахлоқӣ ва хислатҳои нек* ташаккул меёбад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ усулҳои анъанавии фаҳмондадиҳӣ натиҷаи дилхоҳ намебахшанд. Омӯзиш дар он сурат самараноктар мегардад, ки агар хонандагон дар ин раванд фаъолона иштирок кунанд. Роҳҳои гуногуни ҳавасманд кардани хонандагон ба фаъолияти таълимӣ вуҷуд доранд, аммо самараноктарини онҳо бозӣ, эҷодкорӣ ва кунҷковӣ мебошанд. Имрӯзҳо бозиҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи таълими забони англисӣ маҳсуб дониста мешаванд. Ба ақидаи муҳаққиқ В.А.Левин, бозиҳои эҷодӣ дар кӯдак мавқеи нав – мавқеи эҷодкор, таҳқиқотчиро ташаккул дода, ҳамзамон, ӯро ба ҷустуҷӯ водор месозад. Бозиҳо барои зудтар аз худ намудани омӯзиши забони хориҷӣ мусоидат мекунанд. Онҳоро дар оғози дарс ё дар охири дарс барои ҳавасмандкунӣ, коҳиш додани шиддатнокӣ пас аз санҷиш ё тағйир додани фаъолият дар дарс истифода кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки бозиҳо ба хонандагон шодӣ оваранд ва дар тарбияи малакаи забономӯзии хонандагон кумак кунанд. Яке аз бартарии бозиҳо дар он аст, ки ҳама хонандагон дар як вақт кор мекунанд. Иштирок дар бозиҳо қобилияти ҳамкорӣ кардан, рақобат кардан бидуни кинаҷӯӣ, қодир будан ба мағлубият ва масъулиятро инкишоф медиҳанд. Бозиҳое, ки ба хонандагон аз таҷрибаи ҳаётиашон ва забони модариашон маълуманд, аҳаммияти махсус доранд. Истифодаи бозиҳо як роҳи самараноки такрори падидаҳои забонӣ мебошад. Бозиҳое, ки танҳо ба маҳорати хонандагон такя мекунанд, дилгиркунанда мешаванд, зеро танҳо хонандагони пешқадам ғолиб меоянд ва аз ин рӯ, ҳаваси аксари бозигарон кам мешавад. Аксари бозиҳо рақобатпазиранд ва ғолиб метавонад як шахс ё даста бошад. Истифодаи бозиҳои гурӯҳӣ ва тимӣ ба коҳиш додани фишори рақобат ба як шахс кумак мекунанд. Омӯзгор бояд дар назар дорад, ки дар бозӣ меъёрҳои маҳорат, рақобат ва ҳамкорӣ риоя



карда шаванд. Омӯзгор метавонад машқи китоби дарсиро ба бозӣ табдил диҳад. Истифодаи бозиҳои гуногун барои мафтун кардани хонандагон бо забони хориҷӣ мусоидат намуда, барои бомуваффақият омӯхтани забон шароит фароҳам меоранд. Хонандагоне, ки мехоҳанд, бозӣ кунанд, бешубҳа, мехоҳанд дониши худро дар бораи забони хориҷӣ такмил диҳанд. Барои нигоҳ доштани таваҷҷуҳи хонандагон ба мавзуи омӯхташаванда омӯзгор бояд фаҳмад, ки чӣ гуна технология ва усули кор метавонад хонандаро ба худ ҷалб кунад. Ҳар як омӯзгори забони хориҷӣ бояд роҳу шеваҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими забони хориҷиро доимо ҷустуҷӯ намояд. Бозиҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки эҷодкор шаванд. Эҷодкорӣ ба табиати худи хонандагон хос аст. Онҳо эҷод, ихтироъ, тасвир кардан ва тағйир доданро дӯст медоранд. Агар ба эҷодиёти хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир карда

нашавад, пас, шавқи хонандагон зуд коста мешавад. Бозиҳои муштараки эҷодӣ ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро ба ҳам наздик мекунанд. Ин яке аз принсипҳои муҳимтарини таълими самарабахш мебошад. Ҳангоми бозӣ хонанда ҳамеша кӯшиш мекунад, ки пеш равад, на ақиб. Бозиро барои ташхис ва шиносоии хонанда истифода кардан мумкин аст. Бозӣ метавонад хонандаро ташвиқ ва ҳавасманд кунад. Бо ёрии бозиҳо омӯзгор метавонад хусусиятҳои муҳимми психологии хонандагонро ислоҳ, такмил ва инкишоф диҳад. Бозӣ ҳамеша қабули қарорҳоро дар бар мегирад - чӣ кор кардан, чӣ гуфтан, чӣ гуна ғолиб шудан. Хоҳиши ҳалли ин масъалаҳо фаъолияти психологии бозигаронро метезонад. Дар бозӣ ҳама баробаранд. Ин ҳатто, барои хонандагони сустхон низ имконпазир аст. Ҳисси баробарҳуқуқӣ, фазои ҳавас ва шодӣ, ҳисси иҷрошаванда будани супоришҳо - ҳамаи ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки шармгиниро бартараф кунанд. Бозиҳои дидактикӣ хонандагонро водор месозад, ки калимаҳоро дар нутқ озодона истифода баранд. Ин зудтар аз худ намудани забони хориҷиро метезонад ва ба натиҷаҳои таълим таъсири судманд мерасонад. Маводи забонӣ ба таври ноаён аз худ карда мешавад ва дар баробари ин ҳисси қаноатмандӣ ба амал меояд, яъне маълум мешавад, ки хонанда бо ҳама баробар гап зада метавонад.

Ташкили бозиҳо дар дарс ва вақти барои он ҷудошуда аз як қатор омилҳои омодагии хонандагон, маводи омӯхташаванда, ҳадаф ва шароити дарс ва ғайра вобаста аст. Масалан, агар маводи таълим ҳамчун бозӣ истифода шавад, як машқи омӯзишӣ барои муттаҳидсозии ибтидоӣ лозим аст, баъдан 20-25 дақиқаи дарсро метавон ба он ҷудо кард. Дар оянда, ҳамон бозиро бо такрори маводи аллакай фаро гирифташуда истифода бурдан мумкин аст. Дар хотир бояд дошт, ки сарфи назар аз ҳама ҷолибият ва таъсирбахшии бозиҳо, ҳисси таносубро нигоҳ доштан лозим аст, вагарна онҳо хонандагонро хаста мекунанд. Биёед, назарияи М.Ф. Стронинро баррасӣ кунем, ки ӯ дар китоби худ «Бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои англисӣ» бозиҳоро ба категорияҳои зерин тақсим мекунад: 1. Бозиҳои луғавӣ; 2. Бозиҳои грамматикӣ; 3. Бозиҳои фонетикӣ; 4. Бозиҳои имлоӣ; 5. Бозиҳои эҷодӣ.

Масалан, барои рушди шунавоии хонандагон дар бозиҳо омӯзгор ҳадафҳои зеринро дар назар мегирад: **таълим бо мақсади дарки маъно; таълими мавзуи асосӣ дар ҷараёни маълумот; инкишоф додани хотираи шунавоии хонандагон.**

Омӯзгор метавонад бозиҳои гӯш кардани матнро бидуни сурат, расм, саволҳои пешакӣ омодашуда, нуқтаҳои матн ва ғайра истифода барад. Омӯзгор матнро бо суръати муқаррарӣ мехонад, хонандагон гӯш мекунанд. Пас аз шунидани матн муаллим пешниҳод мекунад, калимаҳоеро, ки ҳар як иштирокчии бозӣ дар хотир дорад, нависанд. Баъд муаллим матнро бори дигар мехонад ва супориш медиҳад, ки гурӯҳҳои калимаҳо ва ибораҳои дар хотиргирифтаашонро навишта шаванд. Баъд аз ин, иштирокчиёни бозӣ бо истифода аз қайдҳои худ матнро аз хотира барқарор мекунанд. Ғолиб он касест, ки мазмуни матнро дурусттар баён мекунад. Бозиҳои дастаҷамъӣ, ки дар онҳо аъзои даста баъд аз шунидани матн эҷод мекунанд ва баъд ба рақибони худ оид ба мазмуни матн саволҳо медиҳанд, дар таълими фаҳмиши шунидан таъсири калон доранд. Дастае, ки ба саволҳо дақиқтар ҷавоб медиҳад, ғолиб мешавад. Дар бозиҳое, ки дар онҳо пас аз шунидани матн, шумораи зиёди аломатҳо истифода мешаванд, саҳнаеро дар асоси мазмуни матн ба хонандагон пешниҳод кардан лозим меояд. Дар ин бозиҳо хонандагон на танҳо маҳорати шунавоӣ, балки қобилияти бадеии худро низ намоиш медиҳанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар бозиҳои гуногуни шавқовар омӯзгор фаҳмиши шуниданро омӯзонад. Дар онҳо хонанда метавонад худро ҳамчун як шахс ва инчунин, узви коллектив ҳисоб кунад. Барои инкишофи шунавоӣ бозиҳои умумӣ вуҷуд надоранд, аммо омӯзгор метавонад ҳама гуна машқ, ҳар як матнро ба бозӣ табдил диҳад. Барои ин зарур аст, ки лавозимоти зарурӣ омода, фазои рақобатпазирӣ ба вуҷуд оварда шуда, супоришҳо барои матнҳо гуногун, вале дар айни замон дастрас ва ҷолиб гардонда шаванд. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, китобҳои иловагии забони англисӣ, ки худи омӯзгор ё хонандагон ҷудо кардаанд, истифода бурдан мумкин аст. Чизи асосӣ, ба фикри мо, ин аст, ки матни ибтидоӣ ба бозии шавқовар табдил дода шавад, ки хонандаро ба худ ҷалб мекунад.

Дар рафти бозӣ ба хонандагон халал расондан мумкин нест, зеро ин муҳити муоширатро халалдор мекунад. Хонандае, ки ҳар як хатояшро муаллим ислоҳ мекунад, на танҳо ғояи асосии мавзуъ, балки хоҳиши идомаи суҳбатро низ аз даст медиҳад.

Ислоҳ бояд оромона, бидуни халалдор кардани сухани хонандагон ё дар охири дарс анҷом дода шавад. Омӯзгор ҳақ дорад, баъзе хатоҳоро нодида гирад, то фаъолияти нутқии хонандагонро халалдор накунад. Бозиҳо дар миёна ё охири дарс барои рафъи хастагии хонандагон истифода карда мешаванд.

Истифодаи бозиҳо дар дарси забони хориҷӣ ба омӯзгор ёрӣ мерасонанд, ки имконоти шахсии ҳар як хонанда, сифатҳои мусбати шахсии ӯ (меҳнатдӯстӣ, фаъолият, мустақилият, ташаббус, қобилияти ҳамкорӣ ва ғайра) беҳтар ошкор ва ҳавасмандӣ ба таълим нигоҳ дорад.

# ҶАРАЁНИ МАОРИФПАРВАРИИ ТОҶИКОН: ПАЙДОИШ, ВУСЪАТ ВА АҲАМИЯТИ АФКОРИ ИҚТИСОДӢ

**Юсуфи ШОДИПУР – номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ,**
**Майрамбӣ БАБАЕВА – ходими хурди илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ**

**Маорифпарварӣ ҷараёни адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсӣ буда, бо роҳи тарғиби афкор ва ғояҳои пешқадам, таъмини адолати иҷтимоӣ, рушд ва такомули илму маърифат барҳам задани иллатҳои манфии сохти муайяни ҷамъиятиро вазифаи асосӣ қарор медиҳад.**

Тавре маълум аст, ҷараёни маорифпарварӣ бори нахуст дар Аврупо ва минбаъд дар Осиёи Миёна пайдо шуда, тадриҷан ташаккул ва такомул ёфтааст. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки заминаҳои асосии пайдоиши маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, хусусан, сарзамини тоҷикон, пеш аз ҳама, қафомонии иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии оммаи халқ, бесаводию бемаърифатӣ, ҳамзамон, ҳукмрон будани идеологияи динию феодалӣ, истибдоди пурзӯри феодалӣ, афзудани зулми миллию мустамликавӣ дар Аморати Бухоро, шиносоии зиёиёни пешқадами кишвар бо маданияти халқи рус ва дигар кишварҳо ба ҳисоб мерафтанд. Хосатан, дар ҳалли вазифаҳои муҳим ва рӯзмарра дар байни қувваҳои пешқадами ҷомеа, унсурҳои демократӣ ва умуман, маорифпарварону ҷадидон ва инчунин, қувваҳои иртиҷоии динию феодалӣ мубориза оштинопазир мерафт. Дар ин муборизаи шадид маорифпарварони тоҷик бо сарварии Аҳмад Махдуми Дониш дар сафи пеши мубориза қарор доштанд, хоса, минбаъд ҷонибдорони ин ҷараёни илмию адабӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ афзуда, ба қувваи бузург табдил ёфтанд. Хусусан, пас аз истилои Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ дар ин сарзамин дигаргуниҳои рӯзафзуни сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бештар рух медоданд ва тадриҷан ба қувваи бузурги замон табдил меёфтанд. Таъкиди он саривақтӣ аст, ки Русия нисбат ба Осиёи Миёна аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҳақиқат ҳам, кишвари тараққикарда ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар қисмати шимоли Осиёи Миёна ҳолати гузаштан аз кишоварзӣ ба саноат андаке бошад ҳам, ҷараён мегирифт. Хусусан, низоми фаъолияти бозорҳо, бонкҳо, ривоҷи тиҷорат, равнақи кишоварзӣ, бунёди роҳҳо ва ғайра тадриҷан дар дараҷаи муайян ташаккул ва инкишоф меёфтанд. Маҳз ахбори маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русия дар ҷодаи сиёсат, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳо тағйироти куллӣ ворид сохт. Инчунин, ба давлати пешрафта ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна дар ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳангии тарафайн, албатта, таъсири мутақобиларо таъмин



намуд, зеро бе ашёи хоми арзон рушди саноат низ аз имкон берун буда, ба маҷрои умумии тараққиёт ворид шудан ғайриимкон ба ҳисоб мерафт. Ба шаҳодати далелҳои таърихӣ, пас аз ҳамроҳшавӣ дар ҳаёти илмию адабӣ ва фарҳангии кишвари тоҷикон амалан тағйироти намоён рух медод.

Ҳамчунин, зуҳури ҷараёни маорифпарварӣ ва таҷдиди назар бо фарҳангу маънавиёт, усули таълим, мактабу маориф, соҳаҳои мухталифи афкори иҷтимоӣ, ҳаёти адабӣ ва фарҳангии кишвари тоҷикон ба таври барҷаста ба мушоҳида мерасид. Дар қаламрави Осиёи Миёна матбуоти даврӣ зуҳур карда, ҳар гуна рӯзномаҳову маҷаллаҳо нашр мешуданд, нашриёти хусусӣ ҳам фаъол мешуд, ки дар рушди ҳаёти илмию адабӣ ва фарҳангии кишварамон аз аҳамияти бузург бархӯрдор буданд. Ба ин

васила, адабиёти оламшумул ва фарҳанги миллии бостонии халқи тоҷик эҳё мегардид. Аз тарафи дигар, интишори кутуби чопҳои Русия, Қафқоз, Эрон ва ғайра дар Осиёи Миёна аҳамияти нисбатан пурарзиши бурунмарзӣ низ дошт, ки бо ин роҳ кишвари мо бо кишварҳои ғарбӣ равобити устувор пайдо менамуд. Яке аз омилҳои муҳим ва рӯзмарраи он замон, пайдоиш ва интишори ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, кишвари тоҷикон ба шумор меравад. Зеро маорифпарварон сароввал ба ҳамкасбони худ – адибони муосирашон таъсири калон мерасониданд: зулму истибдод, вазнинии рӯзгор, амир ва ситамгарони атрофи ӯ ва амсоли онро ҳадафи танқиди шадид қарор медоданд. Хосатан, дар нимаи дуюми асри XIX теъдоди маорифпарварон ва умуман, аҳли илму фарҳанг чандон зиёд набуд. Барҷастатарин намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ дар Аморати Бухоро Аҳмади Дониш,Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддин Шоҳин ва чанд тан аз наздикону ҳамфикрони онҳо буданду халос. Дар ҳақиқат, ин равияи пешқадами маорифпарварӣ буд, ки дар афкори сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна таъсири бунёдӣ гузошт. Бунёдгузор ва тарғибгари барҷастаи он замон нависанда, шоир, мутафаккир ва олими забардасти халқи тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш маҳсуб меёфт. Нуфузи ин ҷараёни мафкуравӣ, хусусан, ба адабиёти тоҷик ниҳоят калон буд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш аз шумораи аҳли қалам шогирдони тавоно пайдо намуд, ки ҳар кадом дар таърихи бархӯрдҳои мафкуравӣ ва пешрафти ҷамъият саҳми арзанда мегузоштанд. Маорифпарварони тоҷик эчодкорон: Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Муҳаммад Шамсиддини Шоҳин, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва дигарон, ки ин равияи тозазуҳурро ҷонибдорӣ ва тарғиб мекарданд. Хизмати бузурги онҳо дар он зуҳур меёфт, ки дар эҷодиёти худ илми фарҳанг, мактабу маориф, таълиму тадрис, беадолатиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва монанди инҳоро тарғибу ташвиқ менамуданд. Бесабаб нест, ки маорифпарвари тоҷик Шамсиддин Шоҳин дар “Тӯҳафи дӯстон” таъкид менамояд, ки давлат бояд бунёди худро бар адлу адолат, ақлу хиради солим, ба илму маърифат ва росткорию садоқат, адолат ва инсондӯстӣ гузорад. Агар чунин омилҳо ба назар гирифта нашаванд, он гоҳ чунин давлат умри дароз намебинад.

Таҳқиқи афкори рангини маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX нишон медиҳад, ки маорифпарварон бар зидди зулму истибдод, беадолатиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра нафрати фаровон доштанд. Ин яке аз хусусиятҳои вижаи ҷараёни маорифпарварӣ, хоса, сифати олӣ ва барҷастаи фаъолияти маорифпарварони тоҷик ва дигар мардуми Осиёи Марказӣ мебошад. Масалан, Аҳмади Дониш дар осори адабӣ, фалсафӣ ва сиёсии худ қафомондагию бесаводӣ, ноодилию, беадолатӣ, иртиҷоъпарастӣ, золимпешагӣ ва нолоиқии амирони манғитро ба таври барҷаста фош мекунад. Ӯ дар асарҳояш фикрҳои тағйир додани тартиботи давлатии Аморати Бухоро, ислоҳи тамоми беадолатӣ, нуқсону норасоиҳои иҷтимоию сиёсӣ ва амсоли онро ба тариқи боварибахш ба миён мегузорад. Зикр кардан бамаврид аст, ки албатта, қазовати ин мутафаккир ва ҷасурии ӯ ба ҳаёти маънавии ҷамъияти онрӯзаи Бухоро ва эҷодиёти мутафаккирон ва шоирони пешқадами муосири Аҳмади Дониш бетаъсир намондааст. Аз ин рӯ, эҷодкорон ва пайравони ӯ ақидаҳои ин мутафаккирро вобаста ба маҳорат ва ҷаҳонбинии худ тарғибу ташвиқ намуда, онҳоро ҷиддан ҷонибдорӣ мекарданд. Яъне, онҳо мавзуъҳои танқиди нуқсонҳои ҷомеа, кӯтаҳназарию нодонии зимомдорон, беадолатиҳои амирон, паст будани сатҳи рӯзгори мардум ва нигоҳ доштани халқ дар бенавоию қашшоқӣ ва ғайраро дар осори худ ба таври барҷаста инъикос мекарданд. Хуллас, афкору андеша ва ақидаҳои пешкадами Аҳмади Дониш ба ҷараёни рушду инкишофи афкори пешсафи адабиёти ондавра, таъсири ниҳоят мусбат гузошт. Хосатан, зумрае аз адибони пешқадами он замон таҳти таъсир ва нуфузи ҳамон ғояҳое буданд ва аз ин нигоҳ, дар иртибот бо афкору ақоиди Аҳмади Дониш як навъ консепсияи алоҳидаро ҳимоя ва тарғиб менамуданд. Ин ҳавза ва ин доираи мунавварфикронро дилпурона мактаб ё равияи боэътимоди маорифпарварӣ ба қалам додан мувофиқи матлаб аст. Таъсир ва нуфузи осори Аҳмади Дониш дар қаламрави Осиёи Миёна, хусусан, сарзамини тоҷикон ба таври васеъ паҳн гардида буд. Хосатан, осори Аҳмади Дониш ба эҷодиёти муосирони дигари ӯ Муҳаммадхоҷа Муқимӣ (1850-1903), Зокирҷон Фурқат (1858-1909). Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929) ва дигарон таъсири зиёде гузоштааст. Ин адибони маорифпарвар низ аз осори Аҳмади Дониш ба таври васеъ баҳра бардошта, дар эҷодиёти онҳо ҳимояи бенавоён, танқиди зулму золимӣ, беадолатӣ, мазаммати худхоҳию худпарастӣ, бераҳмӣ, авомфиребӣ, инчунин, тарғиби илму маориф, маърифату фарҳанг ва ғайра хеле амиқу саҳеҳ ба мушоҳида мерасид. Дар ин давра бузургтарин падидаи сиёсӣ – иқтисодӣ, мафкуравӣ ва иҷтимоӣ ҷунбиши ҷараёни маорифпарварӣ аст. Хосатан, ин

ҷараёни мафкуравӣ, ки тавассутии мактаби адибии Аҳмади Дониш заминагузорӣ шудааст, дар таърихи халқи тоҷик, нақши ниҳоят бузурги созандагӣ дорад.

Дар ин аср шоирону нависандагони зиёде зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки онҳо, аз як тараф, анъанаҳои муфиди адабиро эҳё намуда, ба он умри бардавом бахшидаанд, аз тарафи дигар, онҳо дар эҷодиёти манзуму мансури худ руҳия, ахлоқ, урфу одат, зиндагии ҳамарӯза ва иқтисодиёти халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XIX ба таври барҷаста ифода кардаанд. Зимнан, омӯзиш ва пажуҳиши таърихи андешаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тоҷикон, на танҳо аҳамияти калони илмӣ, адабӣ, балки инчунин, арзиши беназири амалӣ ва фарҳангиро соҳиб аст. Ҷустуҷӯҳо дар ин самт, аз як тараф, имкони кашф ва дастраси умум гардонидани мероси бойи илмию адабии дар тӯли қарнҳо дар китобхонаву бойгониҳои дунё маҳфузбударо фароҳам оварда бошанд, аз ҷониби дигар, гувоҳ бар онанд, ки гузаштагонамон дар муддати қарнҳои зиёд ганҷинаи беназиру тамаддуни башарро ғанӣ гардонида, дар инкишофу рушди он саҳми назаррас ва арзанда гузоштаанд. Дар ҳақиқат, афкори иқтисодии маорифпарварон ва ҷадидони Аморати Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавзуи муҳими мустақили илмиву таҳқиқотӣ буда, он то ҳол ба тариқи ҷиддӣ ва ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор нагирифтааст, аз ин хотир, бегумон ин масъала муҳаққиқони хешро интизор аст. Зимнан, ёдовар бояд шуд, ки хусусан дар давраи истиқлол оид ба ин масъала таҳқиқоти алоҳидаро анҷом дода, саҳифаҳои норавшан ва таҳқиқталаби афкори иқтисодии халқи тоҷикро рӯшан намудан кори бағоят муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Афкори иқтисодии халқи тоҷик дар осори донишмандони асрҳои миёна ва давраи нав дар шакли пораҳои дилфиреб ва нодир дар дохили асарҳои ба масъалаҳои таърихӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ бахшидаи онҳо ба тариқи боварибахш инъикос шудаанд. Яке аз нахустин шаклҳои тазоҳуроти афкори иқтисодӣ дар робита бо сиёсату идоракунии давлатӣ, чорабиниҳои муҳим дар соҳаи заминдорӣ, киштукори хоҷагиҳои деҳқонӣ ва амсоли он мебошанд. Бо шарофати ҷустуҷӯҳои пайдарҳам ва кӯшишу талошҳои мутафаккирони он замон илми иқтисодиёт пайдо шуд ва баъдан чун шохаи мустақили илм ташаккул ёфта, рушду такомул намудааст. Метавон бо боварӣ изҳор намуд, ки минбаъд иқтисодшиносони ҷумҳурӣ афкори иқтисодию тиҷоратии тоҷиконро аз осори пурқимат ва рангини маорифпарварон ва ҷадидони Аморати Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои XX, аз қабили Аҳмад Махдуми Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирзо Сироҷи Бухороӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Муҳаммад Содиқхочаи Гулшанӣ, Шамсиддин Шоҳин, Тошхӯҷаи Асирӣ, Абдурраუфи Фитрат, Садриддин Айнӣ ва амсоли он ба таври ҷиддӣ ба миён гузошта, ҳаматарафа таҳқиқ намуда, ба комёбиҳо ва дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ ноил хоҳанд гардид.

**ПАНД**

***Ба матлаб мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста,***
***Зи дарё мекашад сайёд дом оҳиста-оҳиста.***
***Ба Мағриб метавонад рафт дар як рӯз аз Машриқ,***
***Гузорад ҳар ки чун хуршед гом оҳиста-оҳиста.***
***Ба ҳамворӣ баландӣ ҷӯй, ки теғи кӯҳро орад,***
***Ба зери пой кабки хушхиром оҳиста-оҳиста…***
***Агар номи баланд аз чарх хоҳӣ, сабр кун, Соиб,***
***Зи пастӣ метавон рафтан ба бом оҳиста-оҳиста.***

**Соиби Табрезӣ**

***Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,***
***Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад.***

**Сайидо**

**Абдуғанӣ МУҲАММАДИЕВ – омӯзгори мактаби №29-и ноҳияи Деваштич**

# ЭРОД ТАЛОШ БАРОИ ҲАҚИҚАТ АСТ

**Кадом суҳбату гуфтугӯст, ки чуну чаро надошта бошад? Кадом маънист, ки нафаре аз ҳар нигоҳ онро бекамукост баён кунад ва аз тарафи дигарон бе қилу қол пазируфта шавад? Дар ҳар гуфтору суҳбат, баҳсу мунозира, дар ҳар кору амали ҳаррӯзаамон хоҳу нохоҳ, аксуламали иқрор ё инкор, эътироф ё эътироз, қабул ё рад, ризомандӣ ё ранҷиш, овезиш ё гусастан, ситоиш ё накуҳиш, муҳаббат ё кудурат, ҳавас ё парҳез барин пайомадҳоро ба мушоҳида мегирем.**

Ин мавзуъ баҳси басо мураккаб аст, ки ба паҳно ва умқаш аз ҳеч роҳ расида наметавонем, аммо ғайри хостан ё нахостани мо гоҳу ногоҳ андешаамонро машғул медорад. Шояд дар ин мавзуъ ҳамин қадар гуфтан кофист? Шогирдон, ки дар синфи як мехонанд, дар муомила бо онҳо ба ҳар майда-чуйда чандон эътибор додан шарт нест? Чаро шарт набошад?! Онҳо имрӯз пайкари хурд ва ҷаҳонфаҳмии маҳдуди ба синну соли андакашон мувофиқ дошта бошанд ҳам, инсонанд, охир! Шахсияташон, ҳар кору гуфтору кирдори ҷолибу арзишдорашон, ҳар андешаи нисбат ба сатҳи диду нигариш ва ҷаҳонфаҳмии аслан ба ин синну сол мувофиқ пешравтару пухтаю суфтаашонро эътирофу эҳтиром бояд кард!..

Хулласи калом, бачаҳо ба андозаи бардошти ҳимматашон ба таври худ эрод ҳам мегиранд. Эродгириашон, ки намунааш дар зер нақл мешавад, бидуни шубҳа, фақат ба зоҳир эрод аст, дар зимн нишонаи ҷасорат ва накебидан аз муаллим; зуҳури худифшоии беҳарос; эҳсос, балки намои озодии муҳовара бо муаллим мебошад. Чаро сари ин фикр дилпур ва устувор ҳастам? Чаро?... Ба ин далел, ки шогирд аз шахси муаллим тарсад, яъне аз муҳовараи озод бо ӯ ҳаросад, чӣ гуна аз ӯ дониш мегирад?...

Хуллас, баъди таъкидҳои гоҳ-гоҳӣ дар рӯзҳои гузашта дар як дарси навбатӣ бо муҳайё гаштани шароити мувофиқ махсус маънои *ҳеч* доштани рақами 0 (сифр)-ро, ба гумонам, хуб фаҳмондам ва тахмин кардам, ки бисёриҳо аз аҳли синф пас аз ин шарҳи мукаммали навбатӣ хуб фаҳмиданд ҳам. Ва аммо... Вақте ҷамъи адади 8-ро бо 0 шарҳ медодам, нигоҳам ба қаламҳои рангаи дар рӯйи мизи хобидаи Исфандиёр афтод. Барои ҳосили ҷамъро баровардан берун аз ихтиёр қаламро ҳини ҳисоб истифода кардам:



– Ана, Исфандиёр 8 қалам дорад, – гуфтам ва ба мизи ӯ, ки воқеан ҳам, дар рӯяш 8 қалам: як қуттии 6-донагӣ ва боз ду қалам мехобид, наздиктар омада, хостам, онҳоро бардошта ба ҳама нишон диҳам. Аммо камтар таваққуф карданам ба худи Исфандиёр фурсат дод, ки қаламҳоро ба ду даст бардошта намоиш дода гӯяд:

– Ана, ин 6 қалам аз они худам. Ин ду қалам аз они акоям. 6 қаламу 2 қалам мешавад 8 қалам.

Шарҳи ғайриинтизор ва хеле бамавриди ӯ диққати ҳамаро ба шумурдани қаламҳо, ки дар дигар синфҳо дилбазан шудааст, ҷалб намуд. Ҳама пештар аз ҳалли амали мадди назар шаш қалами Исфандиёр ва ду қалами акояш Фаридунро ҷамъ карда диданд, ки, воқеан ҳам, 8-то мешудааст, вале ман аз Исфандиёр пурсидам, ки қаламҳои акояшро пурсида гирифтааст ё напурсида?

– Напурсида гирифтам, – бо оҳанги мағрурона ҷавоб гардонд ӯ. – Вай бо ду қаламаш маро заду гурехта аз хона берун баромад. Ман қаламҳояшро гирифта, пеши қаламҳои худам мондам.

Пурсиши накуҳишомезро маврид набуд? Боз дар дарси ҳисоб? Аҷаб не... Ҳарчанд ба қиссаи Исфандиёр на ҳама эътино карданд, чанд нафар гапи ӯро бо шавқ ё бепарвоёна, бо

чеҳраҳои шукуфта ё муғамбирона гӯш карда, ба ҷунбуҷӯл даромаданд: ҳоло аз сари онҳо чӣ андеша мегузашта бошад? Ба як кори ғалати худ надониста иқрор шудани Исфандиёр дар қалбашон чӣ вокунише барангехт? Фикрашонро то кучоҳо бурд?... Исфандиёр бо он амалаш худро аз мақоли машҳури *душманро бо шакар куштаанд»* дуртар гирифт ё ба панди Саъдӣ:

*Бо бадон бад бош, бо некон наку,*
*Ҷойи гул гул бош, ҷойи хор хор*

наздиктар?

Ин фикр барқвор аз сарам гузашт, аммо бо оҳанги насиҳат идома додани суҳбатро лозим надониста, ба сари мақсад омадем:

– Бале, ҳозир дар дасти Исфандиёр ҳашт қалам ҳаст, – гуфта воқеиятро ба ҳақиқат наздиктар бозгӯ кардам: охир ҳама донистанд, ки ҳамаи қаламҳо моли худаш не. Ва: – Ба ҳар ҳол, вай ҳашт қалам дорад, – гӯён асли гапро давом дода, ишорачӯбро зери рақами 8, ки дар лавҳа навиштаам, бурда гирди он чарх занондам. Сипас сӯйи қаламҳои дар дасти Исфандиёр буда ишора кардам. Чун дидам, ки нигоҳи бачаҳо бо ҳаракати нӯги ишорачӯб аз ҷое ба ҷое мекӯчад, ба он эътибори бештар дода: – Бунафша бошад, ҳеч қалам дорад... эъ-ъ, надорад, – гӯён ҳарчанд гапам печида ва бемаънӣ, иловатан хилофи худ андар худ баромад, нӯги ишорачӯбро боз ба лавҳа, ба зери рақами 0-и паҳлуи рақами 8, он тарафи аломати ҷамъ расондам ва пурсидам:

– Ҳар ду ҳамагӣ чанд қалам доранд?

Бачаҳо зуд ҳисоб карданд: – Ҳашт-то.

Дарс ҳамин хел лағзишу кӯчиш ва гурезҳои бадеҳӣ низ доштааст, ки на ҳамеша худро аз онҳо дур доштан имкон дорад. Аз чунин аҳвол парҳез низ набояд кард! Аммо кӯчиши аҷибтар дар пеш будааст!

Ҳама барои навиштани ҳисоби баровардаамон сар ба рӯйи дафтарҳо хам карда машғули навиштан шуданд. Худи Исфандиёр низ. Аммо ӯ баъди лаҳзае сар боло карда, бо табассуми айёрона як ба ману як ба сӯйи Бунафша ва сонӣ ба қаламҳои боз бадастгирифтааш нигариста, бо оҳанги дилпурона ва қатъӣ, ки ҳамаро аз кор боздошта, мутаваҷҷеҳи худаш сохт, эълом дошт:

– Намешавад!

– Чӣ намешавад?

– Ҷамъ карда намешавад.

– Чӣ ҷамъ карда намешавад?

– Қаламҳо. О, ин ҳашт қалам аз они ман, – ва ба сӯи Бунафша нигариста:

– Қаламҳои ту канӣ, Бунафша? – гуфта пурсиду «дар хона монда омадам» гуфтани ӯро гӯш накарда, ба ман рӯй овард:

– Бунафша ҳеч чӣ надорад. Чӣ хел ҳаштро бо ҳеч ҷамъ мекунем?

Ана, халос! То ба ҷамъ кардани қаламҳои худаш ва қаламҳои «набуда»-и Бунафша гардан фуровардани Исфандиёр, тахминан ду-се дақиқа сарфи ҷамъи ададҳои 8 ва 0 шуд, вале ин дарди бахайр буд. Боз чанд амали шабеҳ ва мисолҳои амалҳои «маънидор» доштаро ҳал кардем, ки садои занги танаффус баланд шуд. Китобу дафтарҳоямро ғундошта дар гӯшаи миз гузоштам. Ба тарафи дар мерафтам, ки овози Исфандиёрро шунидам. Баргашта дидам, ки Исфандиёри ҳанӯз дар фикру ақидааш устувор ба Ҷамолиддин нигоҳ карда:

– Чизи будагиро ба чизи набудагӣ ҷамъ кардем-а? – мегуфту гапашро Ғайрат, Абдумаҷид ва боз чанд нафари дигар низ гӯш мекарданд.

Истодани маро дида ҳама сокит шуданд. Хонандаҳо одат кардаанд, ки вақти танаффус, ҳини аз синфхона баромадан ногоҳ аз рафтан истода монам, ҳама якбора ё тули чанд сония ором шуда, хомӯшона сӯям менигаранд: Боз чӣ гап бошад? Даҳ-дувоздаҳ сония бо табассум ба Исфандиёр ва шунавандаҳояш нигариста, «қарз ба қиёмат намонад» гуфтагӣ барин ба гуфтаҳояш «эроди ҷавобӣ» гирифтам:

– Мо чизи бударо ба чизи набуда не, чизи набударо ба чизи буда ҷамъ кардем. Чизи набуда, ки нест, макон ҳам надорад. Чӣ хел чизи бударо аз макони мавҷуд ба макони набуда кӯчонда, ба «рӯй»-и чизи набуда гузорем?

Пас онҳоро бо фалсафафурӯшии аз фаҳмашон дур дар ҳайрат гузошта, аз синфхона баромадам. Табиист, ки чизеро аз эрод ва шарҳи охиринам нафаҳмиданд, зеро чизҳои моддию маънӣ ва макону замон, масофаю фазо барин мафҳумҳоро фаҳму дарк карданашон ҳанӯз дар пеш аст. Барои онҳоро ба ин сатҳи тамизу фаҳмиш расондан аз ҳоло кам-кам, зина ба зина омода бояд сохт. Вале чизе нафаҳмиданашон хуб ҳам шуд, вагарна... Вагарна

ба тирагӣ ва ноҷӯрии шарҳи ман боз як эроди ҷиддӣ мегирифтанд. Модом ки чизи буда, яъне ҷисмдоштаро ба макони набуда кӯчондан ба ақл нагунҷад, чӣ тавр ва бо кадом ақл чизи беҷисмро ба болои чизи буда гузошта метавонем? Оё чунин муҳокима аз оҷизтарин мантиқ дур нест?

Аслан, вақте дар шарҳи муаммое аз муаммоҳои пурсидаи шогирдон дармондем, худро оҷизу нотавон, ҳайрон ва шарманда эҳсос намекунем. Зеро медонем: одаме нест, ки ҳама чизро донад ва ҳама корро тавонад. Ин маънӣ ба муаллим низ дахл дорад. Гоҳе ҳини дармондагии худ не, ҳангоми дар посухи пурсише ё ҳал кардани муаммое оҷиз мондани шогирди пешраву комёб, ки худ аз чунин аҳвол хиҷолат мекашад ва шарикдарси камтамизаш тамасхури хушҳолона мекунад, ин маъниро бо иборатҳои гуногун таъкид мекунем. Фақат меафзоем, ки одамон дар донистану тавонистан дар як поя нестанд: яке кам медонаду кам метавонад, донистану тавонистани дуюмӣ ба ҳадди эътидол аст, сеюмӣ одаму оламро бештар мешиносад ва ҳар кору амалро беҳтар аз дуйи аввал иҷро карда метавонад. Боз ҳастанд касоне, ки дар илме, ҳатто дар чанд соҳаи илм мумтозанд. Сухану амали чунинҳоро дигарон муътабару муътамад медонанд ва дар созмони кору рӯзгори хеш истифода мебаранд. Дар донишу тавониш аз чунинҳо ҳам комёбтарҳо ёфт мешаванд, ки онҳоро «аллома» мегӯянд. Хуллас, ҳастанд нафароне, ки як ҳунарро нимкора ё ба зӯр меомӯзанд. Боз ҳастанд нафароне, ки панҷ панҷаашон ҳунар аст. Онҳо «чил ҳунар»-ро кам медонанд ва боз аз пайи омӯзиши ҳунаре нав ҳастанд.

Баъди шарҳи аҳвол барои дар қалбашон оташаке афрӯхтан мегӯям, ки шояд дар миёни шумо ду-се ё чанд нафар ҳастанд, ки оянда дар донишу ҳунар ангуштнамой шаванд. Вале барои расидан ба ин дараҷаю мартаба хоҳишу иродаи зӯр доштан ва кӯшишу ғайрати зиёд лозим. Ба натиҷае саҳлу ҳамвор расидан чӣ амри душвор аст! Танбал ба ҷое намерасад, кори вай истодан ва таваққуф мебошад! Агар вай ҳадафе дорад, роҳатҷӯист. Ӯро ҳатто фикру андеша танбал аст. Вай намедонад, ки меҳнат роҳат аст... Хулосаи гапро ба он ҷой мерасонем, ки ҳеҷ ганҷ бе ранҷ муяссар намешавад, ганҷро касе бардорад, ки ранҷ барад. Албатта, маъниро ба бардошти ақл ва пазириши зеҳни бачаҳои синфи як ё синфи болоӣ, кадомҳое, ки рӯ ба рӯ бошанд, мувофиқ кунонда мегӯем...

Дар тӯли таърих ба сари ҳастии миллат чандин бор хатари бузург омада буд. Фишорҳо аз ҳар ҷониб забони моро таҳдид мекарданд. Вале миллат тавонист ҳамаи он хатарҳоро бартараф намояд. Мардуми тоҷик дурри дариро чун гавҳараки чашм эҳтиёт карда ба мо расонид. Забон дар натиҷаи мубориза ва муқобилат боз ҳам пурқувват гардид ва бад-ин минвол ҳазор сол фаъолият кард. Шак нест, ки имрӯз ҳам забони мо ҳама балоҳоро дафъ хоҳад кард.

***Муҳаммадҷон Шакурӣ***

Масъалаи робитаи волидайн бо мактаб, эҳтироми мутақобила хеле масъалаи муҳим аст. Бояд ташаббускор мактаб ва муаллим бошад. Зеро ин ниҳод аст, дониш ва имконоти азим дорад ва тарзи корро бояд бидонад. Волидайн, маъмулан, одамони касбу кори гуногун, аз педагогогика дур, побанди мушкилоти моддиву иҷтимоии оилаи худ мебошанд. Бо онҳо забон ёфтан, маслиҳат карда тавонистан лозим, на интизор шудан, ки ҳамаи волидон масъулиятшиносу мактабдӯст бошанду худашон ба кумаки мактаб бишитобанд.

***Марям Давлатова***

# КИШТИ ХУД СЕРОБ КУН АЗ ҶӮЙБОРИ ТАРБИЯТ



Зайниддин АҲАДОВ – н.и.п., мудири кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири факултети психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Масъалаи тарбия дар фарҳангу адабиёти тоҷик мавқеи махсусро ишғол менамояд. Рисолати аслии адабиёт маҳз ҳамин аст. Масъалаи тарбия дар осори адибони муосир низ ҷойгоҳи хоса дорад. Мавзуи панду андарз ва ахлоқ аз ибтидо дар меҳвари осори адибони мо ҷой гирифтааст. Вобаста ба ин мавзуъ мехоҳам, атрофи андешаҳои омӯзгори собиқадор ва эҷодкори соҳибистеъдоди 90-сола чанд намуна орам. Ин пири хирад намояндаи адабиёти музофот аст. Осори ин шоири хушсалиқа то ҳол дастраси доираи васеи хонандагони закитабъ нагардидааст.**

Ғуфрон танҳо аз 85-солагӣ даст ба эҷоди шеър задааст, ки ин ҳам ҳайратовар ва ҳам боварнокарданист. Дар давоми 5 сол китобҳои зеринаш бо шумораи кам ба дасти хонандагон расидаанд: “Ёдгори умр”, “Давоми умр”, “Насиҳат ба фарзанд”, “Дилшод ва Гулшан”, “Ҳадафнома” ва “Ҳамболи орзу.»

Омӯзгори асилу заковатпеша, инсони фурӯтану хоксор Носир Ғафуров (Ғуфрон) соли 1934 дар деҳаи зебоманзар ва овозадори Воруи шаҳри Панҷакент чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Давраи кӯдакӣ ва овони наврасии ин омӯзгори фидоӣ ба солҳои мудҳиши Ҷанги дуюми ҷаҳон рост меояд. Порчаи зер, ки моҳияти шарҳиҳолӣ дорад, тақвиятбахши гуфтаҳои болост:

**Хурдсолиям ба як мижгон задан бигзашту рафт,**
**Рӯзҳое шуд, ки бе нони даҳан бигзашту рафт.**
**Побараҳна мешитобидам ба мактаб ҳар саҳар,**
**Бо ҳамон як шалвару як пираҳан бигзашту рафт...**

Дар қатори ҳазорон фидоии ватандӯст падари Носири он вақт ҷавон ба ҳимояи Ватан рафта, дар яке аз набардҳо ҳалок мегардад. Модар, ки шахси босавод буд, ба тамоми мушкилоти зиндагӣ нигоҳ накарда, кӯшиш менамуд, ки ҷигарбандонашро аз илму маърифат баҳравар гардонад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Носири ташнаи илму дониш бо тавсияи модараш тамоми ҳастиашро ба омӯзиши илму дониш дод. Пас аз хатми мактаби зодгоҳ таҳсилро дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент (ҳоло коллеҷи омӯзгорӣ) идома бахшид. Пас аз хатми ин боргоҳи илму маърифат соли 1971 ба факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И.Ленин (ҳоло ДМТ) дохил шуда, соли 1977 онро хатм кард. Тамоми ҳаёти пурбаракаташро ин марди наҷиб сарфи пешаи омӯзгорӣ намудааст. Дар осори хеш ишора ҳам кардааст, ки саодати зиндагиашро маҳз тавассути ҳамин касб ба даст овардааст ва иброз медорад, ки дар руҳияи одобу ахлоқи ҳамида ба воя расондани фарзандон ва умуман, наврасону ҷавонон вазифаи муқаддаси устодону волидон ва аҳли ҷомеа мебошад.



Доираи мавзуъҳои ашъори бобои Ғуфрон хеле фароху доманадор аст, лек дар маркази эҷодиёти шоир мавзуи панду ахлоқ қарор дорад. Ин, албатта, бесабаб нест. Шоир шахси рӯзгордида буда, пастию баландиҳои ҳаётро бисёрҳо дидааст ва гармию сардии онро чашида, чизеро, ки рӯйи коғаз овардааст, аз воқеияти зиндагӣ гирифтааст. Шоир ба он назар аст, ки илм маҳсули тафаккури инсон, тарбия бошад, асбоби он аст ва эътибори тарбия аз дониш баландтар мебошад:

**Илм маҳсули тафаккур, тарбият асбоби он,**
**Чунки аз дониш баланд аст эътибори тарбият.**

Эътибори тарбияро аз дониш баланд гузоштани шоир мақоли халқии “Олим шудан чӣ осон, одам шудан чӣ мушкил”-ро ба ёд меорад. Фарзанд меваи боғи инсон аст. Барои он ки як падар ва модар аз зодаи худ хурсанд шаванд, бояд заҳмати доимӣ бикашанд, ба ӯ илм омӯзонанд, касбу ҳунар ёд бидиҳанд. Шоир бо такя ба таҷрибаи ҳаётии худ ба масъалаи мавриди назар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Фарзанд, аз нигоҳи шоир, барои падару модар азиз аст, аммо тарбия, хулқу атвор, одобу маданият ва дониши ӯ назди ҷомеа азизтар аст, зеро ӯ бо ин одобу рафтори ҳамидаи инсонӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи хоси худро пайдо менамояд. Ба қавли шоир:

**Аз адаб фарзанди одам муътабар гардад яқин,**
**Нуктасанҷу фозилу соҳибҳунар гардад яқин.**

Шоир таъкид месозад, ки фарзанд агар панди падарро нагирад, оқибат нокому вомонда мешавад.Фарзанди нолоиқ муҷиби бадбахтию хиҷолати волидон мегардад:

**Бар гӯш бигир панди пирон,**
**Пирони суханвару сухандон.**
**Пирони ҳақиқатозмуда,**
**Аз махзани илм баҳрабурда.**
**Аз неку бади ҷаҳон хабардор,**
**Ширинсухану лазизгуфтор.**
**Бешу ками рӯзгор дида,**
**Ширинию талхиро чашида.**

Шоири зиндагишинос панд медиҳад, ки, эй писар, кӯшиш кун, ки дар суҳбати пирон зиёдтар нишинӣ. То имкон дорӣ, аз панди эшон баҳра бигир:

**То тавонӣ, эй писар, дар суҳбати пирон нишин,**
**Дар ҷавониат зи панди мӯсафедон баҳра гир.**
**Пайравӣ кун бо падар, то гардӣ устоди замон,**
**Аз тамоми касбу кору дониши он баҳра гир.**

Волидон муваззафанд, ки дар тарбияи фарзандон ҷиддӣ бошанд, агар тарбияи фарзанд нокомил монад, ӯ дар зиндагӣ на мавқеъ мeёбаду на соҳибэътибор мегардад. Фарзанд бояд илмро аз омӯзгору пандро аз пирони хирад дарёбад:

**Волидон масъули кори тарбият гардидаанд,**
**Дар сари гаҳвора шабҳо ноғунудан воҷиб аст.**
**Илм аз омӯзгору панд аз пирон бигир,**
**Лафзи пандомези пиронро шунидан воҷиб аст.**

Ҳар як панди адиб насли наврасро бар он водор месозад, ки аз одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ баҳравар гардад. Фарзанд дар зиндагӣ он гаҳ шуҳратёр мешавад, ки панди падарро ба ҷо орад:

**Баҳри Меҳан ҷон супурдан аз падар омӯхтам,**
**Хидмати шоиста кардан аз падар омӯхтам.**
**Дар сулуки дарсхонӣ ӯ мударрис буд маро,**
**Хондану тарзи навиштан аз падар омӯхтам.**
**Бахри аз худ кардани илму ҳунарҳои замон,**
**То дили шаб ноғунудан аз падар омӯхтам.**
**Мекунам ҳамчун падар меҳнат барои меҳанам,**
**Лаззати меҳнат чашидан аз падар омӯхтам.**

Умри инсон чун тир даргузар аст. Ҳар лаҳзаи зиндагӣ, барои инсон ноёбу бебадал дониста мешавад. Инсони комил пайваста бар он мекӯшад, ки умри хешро зоеъ нагузаронад. Аз нигоҳи шоир, сарчашмаи асосии ахлоқу тарбият омӯзиши илму дониш аст ва нафаре, ки тарки илму маърифат ва касбу ҳунар мекунад, охир пушаймон мешавад:

**Илму дониш мабдаи ахлоқу тарбият бувад,**
**Тарки илму маърифат, касбу ҳунар кардан хатост.**

Омӯзиш равнақбахши хиради инсонӣ буда, фарҳангу маънавиётро дар инсон такмил мебахшад. Омӯзиши илм замина барои накукорист. Аз ин рӯ, устод Ғуфрон талқин месозад, ки инсон бояд аз тарбияи хуб баҳравар гардад, зеро бидуни он ҳеҷ як фард саодату хушбахтии худро таъмин карда наметавонад:

**Шуғл кун, эй марди раҳ, доим ба кори тарбият,**
**Кишти худ сероб кун аз ҷӯйбори тарбият.**

Вазифаи ҷонии ҳар падару модар тарбия намудани фарзандон дар руҳияи доро будан ба фазилатҳои наҷиби инсонист.



**Азизбек БОРОНОВ – директори МТМУ №8-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ**

# РОБИТАИ ХАЛҚҲО ВА ТАЪРИХИ МИЛЛАТ

> **Солҳое, ки ман ҷавон будам,**
> **Бехабар аз гапи ҷаҳон будам.**
> **Рӯзу шаб мегузашт бе матлаб,**
> **Бе қалам, бе китоб, бе мактаб.**

Ин сатрҳо ба қалами шоири намоён, Қаҳрамони Тоҷикистон, сипаҳсолори назми муосири тоҷик, устод Мирзо Турсунзода мансуб аст ва манзараи тираи охири асри XIX ва ибтидои асри XX – давраи ҷавонии ӯро инъикос мекунад. Бале, дар ҳамон даврае, ки зиёиёни бедорфикри миллат бо сарварии устод С. Айнӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, машъали хираду маърифат меафрӯхтанд ва аввалин китобҳои дарсиву асноди таълимро таҳия менамуданд, омӯзиши табиати Тоҷикистон, релефу ҷуғрофия, забон ва фарҳанги миллат, сарватҳои табиӣ ва захираҳои гидроэнергетикии кишвари кӯҳсори тоҷик ба таври густарда оғоз ёфт. Агар шарқшиноси намоёни рус В.В. Григорев ба омӯхтани забони тоҷикӣ камари ҳиммат баст, мардумшиносони рус ба таҳқиқи ҳунарҳои роиҷ байни тоҷикон пардохтанд. Ҳоло сухан дар бораи ҳунари ниҳоят дерина ва ҷолиби халқамон – дорбоз ва дорбозиён (бозии ниҳоят шавқовару дилчасп, вале мушкилу пуртаҳлука, андак хатарноку пурғавғо) меравад, ки назираш дар ҷаҳон кам аст. Муҳаққиқи тоинқилобии рус А.К. Боровков дар Ҳисору Хуҷанд, Фарғона ва Самарқанд ин ҳунари аълои халқӣ, ресмони тарангу дарозу дор, дорбозбачаи чолок ва рӯйи ресмони борики сурхи рангмолида орому батамкин, хунсарду бепарво ҷаҳидани навраси қобилиятнокро дида, батамом мафтун шуд ва дарҳол коғазу қалам гирифта, расми дорбозбача, издиҳоми мардум ва дашту пуралаф, сайругашти оммавӣ ва Наврӯзи дилписанди халқро кашид. Соли 1928 дар Тошканд ба табъ расидани «Дорбоз» - очерки сафарҳои ғайриодии А.К. Боровков ибтидои тадқиқоти бузургу доманадорест, ки шарқшиносони рус ва аҳли илми Аврупо, онҳое, ки ба таҳқиқи таърихи гузаштаи халқи тоҷик, санъату тамаддун, фарҳангу забон, шуғлу ҳунари мардум ва касбу пешаҳои одамон машғул гардидаанд, идома бахшидаанд.

Хушбахтона, дар хусуси мавзуи муҳим – ҳунару санъати халқамон, шуғлу пешаи мардум, касбу кори косибони маҳаллӣ ва аҳли ҳунару маҳорат дар асрҳои XIX ва ибтидои XX он қадар навиштаву тадқиқоти босамар бурдаанд, ки агар ҳамаашро гирд оварем, бешубҳа, чанд ҷилд китоб мешавад.



Шарқшиноси машҳури рус, профессор Михаил Степанович Андреев, ҳамсари ӯ Антонина Константиновна Писарчик, таърихшинос ва бостоншинос М.Е.Массон, бостоншинос Н.Г. Малитский, муаррих – бостоншинос В.Р. Чейлитко, олимаи ленинградӣ Олга Ивановна Смирнова, муаррихони рус Т.И.Зейман, Е.А. Давидович, Е. Д. Салатовская, А. Миронов, М. Терентев, Ю. Казбеков, П. Маев, И.Л. Яворский, Г. А. Арандаренко, А. Остроумов, Д.Н. Логофет, М.Д. Варигин, ГР. Андреев, А.Л. Кун, М.П. Бродавский, Олга Александровна Сухарева, В.И. Масалский, Владимир Петрович Наливкин, В.И.Межов, Д.В.Дмитровский, Александр Александрович Семёнов (баъдтар академики АУ Тоҷикистон), А.А. Диваев, А.И. Маншеев, А.А. Кушакевич, М. Зиковев, П. Пашино, Филип Назаров, Н. И. Потанин, В.В. Веляминов, И. Лвов, А.Г. Серебренников, М.Н. Галкин, Н.А. Маев, Н.А.

Кирпичников, И. Гейер, Г. Головин, В.Г. Раздовский, Кастане, Л.Р. Костенко, А. Мартинович, А. Самойлович, Е. М. Пешерева, М. П. Троянский… - хулоса, олимони зиёд, афсарон, сайёҳон, санъатшиносон ва ҳунаршиносони рус, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои XX ба Осиёи Миёна сафар кардаанд, роҷеъ ба касбу ҳунари халқи тоҷик, косибону пешаварон, аҳли санъату маданияти халқамон маълумоти муфассал додаанд.

Аз кору хидмати неку бедареғи аҳли илму тадқиқ ва ҳунармандони маъруфи халқи тоҷик, ки дар пешрафти ҳунар, тарбияи шогирдон, ворисони сазовор, инкишофу тараққии санъати миллӣ нақши муассир гузоштаанд, ёд овардан, амали хайр аст. Навиштаҳои онон – мақола, маълумоти муфассал, тадқиқоти сара ва таҳқиқоти мукаммал, очерку сафарнома, ёддошту хотира – ҳама кунун моли таърих буда, дар пеши назари мо, имрӯзиён – манзараи кору касбу ҳунарҳои халқамонро дар гузаштаи дуру наздик ҷилвагар месозад. Дар гузашта наққош заргар, бофанда, ресанда дуредгар, тоқидӯз, телпакдӯз, маҳсидӯз, мӯзадӯз, кашфдӯз, таррох, меъмор, муҳандис, кӯзагар, чинисоз, танӯрсоз, гаҷпаз, сангшикан, кандакор, сафедгар, рангмол, деворзан, наҷҷор, гилкор, хиштгар, саҳҳоф, шамърез, сандуқсоз, гаҳворасоз, оҳангар, сӯзанидӯз, кордгар, чакманбоф, чархрес, мехчагар, дегрез, наългар, қолибрез… - хуллас, даҳҳо, садҳо намуди ҳунару ҳунармандӣ мавҷуд буданд ва боиси хурсандист, ки анъанаҳои неки падарон, кору ҳунари гузаштагон имрӯз идома дода мешаванд. «Корхонаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо рӯймолҳои шол мебофанд, - солҳои 1813 – 1814 дар асnoи сафарҳои хеш навишта буд мутарҷими рус Филип Назаров, – аҳолӣ ба туркманҳо, форсҳо ва арабҳои Бухоро савдо мекунанд.» Ҷолиби диққат аст, ки полковники Ҳукумати подшоҳӣ А.А. Кушакевич, сайёҳ М. А. Галкин, Н.А. Маев, Мирсолеҳ Бенгурин, М.И. Бродавский, ки нимаи дуюми асри XIX ва аввалҳои асри гузашта ба Осиёи Миёна саёҳати тулонӣ ва ҳамзамон, хидмат кардаанд, дар хусуси аҳли ҳунар – кулолгарон, наҷҷорон, читгарон, бофандагон ва зироату боғдории тоҷикон маълумоти шавқангез додаанд.

Агар «Истеҳсолоти техникӣ дар Туркистон» - и М. И. Бродавский (соли 1875 таълиф шудааст) дар хусуси ҳунарҳои мураккабтари техникӣ (оҳангарӣ, досу болға) маълумот диҳад, «Очерки мухтасари баъзе ҳунарҳои маҳаллии вилояти Самарқанд» (соли таълиф 1897) саноати маҳаллӣ ва ҳунарҳои сершумор – сӯзанидӯзӣ, махмалбофӣ, ресандагӣ, бофандагӣ, таррохии либосу пӯшок ва касбҳои дигари халқиро тавсиф менамояд. Инчунин, «Касбҳои косибии Туркистон» - и Г. Головин (соли 1909) соҳаҳои гуногуни ҳунармандиро, ки дар байни халқамон маъмул буд, нишон медиҳад, Асари таҳқиқотии В.К. Разводовский «Таҷрибаи тадқиқи ҳунари кулолгарӣ ва баъзе пешаҳои дигари косибӣ дар кишвари Туркистон» - ро низ ном бурдан лозим аст, ки соли 1916 дар маҷаллаи «Туркестанское сельское хозяйство» ба табъ расидааст. Яқин аст, ки ҳунар ва санъати кулолгарӣ, ҳамчунин, кору шуғли косибону эҷодкорони мардумӣ диққати одамони зиёдеро ба худ кашидаанд. Ба ҷуз ҳунармандӣ ва пешаҳо, инчунин, санъати қадимаи халқи тоҷик, театри халқӣ, сурнайнавозону созандагони асбобҳои халқӣ, сайри гули лола ва иди баҳору хуррамии табиат, Наврӯзи дилситон ва сайри оммавӣ, ончунонки устод С. Айнӣ тасвир намудааст, таваҷҷуҳи сайёҳони зиёд, аҳли илм ва таҳқиқгарони санъатро ба худ ҷалб карда буд. Чун солҳои 20 – 30 –и ибтидои асри XX давлати миллии тоҷик ба вуҷуд омад ва санъату тамаддуни деринаи халқ эҳё гардид, олимон, шарқшиносон, театршиносон ва санъатшиносони Маскав, Санкт – Петербург ба гузаштаи санъату театри тоҷик, ҳунармандону ҳунарварони номиаш, ки байни халқ шуҳрат доранд, бештар рӯй овper. Аз ҷумла, «Мусиқии тоҷикон» - и Н. Миронов, ки соли 1932 дар пойтахти ҷумҳурии навбунёд – Сталинобод нашр гардид, лоиқи таваҷҷуҳи хосест. Он дар асоси слёти (ҷамъомади) I умумитоҷики аҳли санъату ҳунар таҳия гардидааст, ки чандин саҳифаи пурҷилои таърихи ҳунари мусиқии халқи тоҷик, асбобҳои мусиқӣ, нота, оҳанг, нафасу дилписанд ва хушоҳангу мақбул будани санъати миллии моро тавсиф мебахшад. Ниҳоят, дар замони дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ – ҷамъиятӣ, пойдор ва устувор гардидани Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон, парафшон шудани ливои миллати тоҷик дар ҳайати давлати муқтадир, рӯй ба инкишоф овардани санъату адабиёт ва кору ҳунари халқ ба нашр расидани асарҳои устод С. Айнӣ тамоман табиист.

1. Имрӯз, ки ливои миллӣ дар фазои давлати соҳибихтиёри тоҷикон ҷилвагар асту «Халқи олам дӯст бо мо гаштааст» (М. Турсунзода), ба таърихи ошноӣ, арзиши дӯстиву ҳамдилӣ, рафоқату ҳамкории халқҳоро аз хотир бароварда намешавад.

# ДАРС - ҲИКОЯ ДАР ДАРСИ БИОЛОГИЯ

**(Ба озмун)**



**Фотима НАЗАРОВА – омӯзгори биологияи Коллеҷи тиббии «Даво»-и шаҳри Бохтар**

**Дарси биологияро дар ҳама гуна таълимгоҳҳо фақат дар намуди машғулиятҳои назариявӣ тасаввур намудан имконнопазир мебошад, зеро ҳатто дар баъзе дарсҳои назариявӣ низ зарурати намоиши таҷрибаҳо ва ё аёниятҳои ҳаётӣ пеш меояд. Нишон додани таҷрибаҳо аз биология мароқи хонандагонро ба донистан ва дарк кардани муҳити атроф, шарҳи дурусти ҳодисаҳо, дарки падидаҳои табиӣ зиёд намуда, барои ба масъалаи гузошташуда ҷавоби қаноатбахш ёфтан аз ҷониби хонандагон мусоидат менамояд.**

Ҳангоми машғулиятҳои амалӣ, озмоишӣ ва таҷрибавӣ омӯзгори биология, албатта, бояд аз усули мустақилона иҷро намудани кори амалӣ аз ҷониби худи хонанда истифода бурда тавонад, зеро ин барои тарафҳо хеле муфид аст. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати донишазхудкунии толибилмон омӯзгори биологияро зарур аст, аз омӯзиши самараноки биология ва усулҳои фаъоли таълими ин фан биология бархӯрдор бошад. Бо истифодаи усул ва роҳҳои такмили дарс ва фаъолияти хонандагон гузарондани таҷрибаҳо ва корҳои лабораторӣ дар кабинети биология вобаста ба шароити маҳал ва мақсад мувофиқ аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки биология фанни шавқовар ва то ҷое мураккаб аст. Барои ҳаматарафа омӯхтани ин фан донишҳои андӯхтаро татбиқ карда тавонистан лозим меояд. Агар муҳассилин имконияти биологияро пурра омӯхтан дошта бошанд, ҳодисаҳои табиат ва равандҳои истеҳсолотро шарҳ дода метавонанд. Истифодаи методологияи нави таълим ҳангоми дарс тақозои замон мебошад. Ин масъулияти зиёдеро ба омӯзгор пешорӯ меоварад ва ӯро ба аз қолаби чорчӯбаи таълим баромадан водор менамояд. Омӯзгор метавонад тадриси як мавзуи дарсро аз фанни биология бо истифодаи равиши дарс-ҳикоя баргузор намояд.

**Мавзуи дарс:** *Исҳоли хунин* (дизентерия) ҳамчун намунаи касалиҳои вазнин

**Мақсади дарс:** *Васеъ намудани доираи дониши муҳассилин дар бораи олами набототу ҳайвонот ва нақши онҳо дар табиат ва ҳаёти одамон. Муайян намудани он ки одамон аз чӣ сабаб ба беморӣ дучор мешаванд ва барангезандагони касалиҳо чиҳоянд? Такмили донишу фаҳмиши қоидаҳои гигиена.*



**Намуди дарс:** *омехта*

**Методи дарс:** *ҳикоя бо истифодаи шаклҳои гуногуни маълумотдиҳӣ.*

**Таҷҳизот:** *васоити компютерӣ – тахтаи электронӣ барои намоиш додани узвҳои хунгузаронии инсон, магаси вараҷа (хомӯшак) – барангезандаи касалии вараҷа, магаси «чирросӣ», пашаи хонагӣ ва макети биёбон бо тасвири обанбори хурдакак ва як - ду буттаи хушкшуда.*

Дар ин машғулият аввал иҷрои супориши мустақилонаро пурсида, онро такрор бояд намуд. Зеро мақсади асосии дарс ташаккул додани тасаввурот дар зеҳни муҳассилин дар хусуси касалиҳои вазнини сирояткунанда ва роҳу воситаҳои пешгирӣ аз паҳн шудани касалиҳо мебошад. Ҳангоми баёни мавзуи нав дар бораи исҳоли хунин ва вараҷа, бо дарназардошти истифода аз роҳҳои камхарҷи пешгирии чунин бемориҳо маълумот додан лозим меояд.

**Рафти дарс**

- Мо имрӯз ҳамроҳи шумо бо организмҳои якҳуҷайрагие, ки барои одамон зараррасонанд, яъне, бо плазмодийҳои вараҷа ва амёбаи исҳоли хунин шинос хоҳем шуд. Онҳоро бо чашми одӣ дидан ғайриимкон аст ва танҳо баъди он ки одамро ба касалӣ дучор менамоянд, кас аз мавҷудияти онҳо хабардор мешавад. Зери микроскоп кас мебинад, ки дар қабатҳои хун плазмодийҳои вараҷа мавҷуданд

Дар тахтаи электронӣ расми амёбаи исҳоли хунин ва плазмодийҳои вараҷа тасвир ёфтаанд. Ин ҳуҷайрачаҳои майда чӣ тавр ба организми одам ворид мегарданд? Вазифаи мо иборат аз он аст, ки имрӯз ба ин савол посух диҳем. (Ҳикояро хонандагон гӯш мекунанд.)

Боре модар писарчаашро ба деҳаи ҳамсоя барои аз холааш орд овардан фиристод. Бача аз ин супориш шоду мамнун шуда, зуд аз пайи иҷро шуд. Дар роҳ вай ниҳоят хаста шуда, зери обу арақ монд. Бисёр мехост, об нӯшад, вале дар сари роҳ оби нӯшокӣ набуд ва ӯ, то тавонист, тоқат кард. Роҳ дур буд ва бача чанд маротиба дар зери дарахтони сари роҳ дам гирифт. Вақте ки бори дигар сари роҳ истод, чашмаш ба кӯлмаке афтод. Ӯ бениҳоят ташна монда буд, аз ин сабаб аз оби кӯлмак як каф гирифту даҳонашро обгардон кард. Боқимондаи роҳро хурсандона тез тай намуд. Ба назди холааш расидан баробар, аз оби хунуки кӯза нӯшид ва халтачаи ордро гирифта, ба деҳаашон бозгашт. Роҳро дар бозгашт тез тай намуда, халтачаи ордро ба дасти модараш дода, сари дастархон нишаст. Бача ду рӯзи аввал ба мактаб рафт, дарсҳоро тайёр ва бо бачаҳо бозӣ кард. Дар рӯзи сеюм якбора худро бад ҳис намуд. Ҳароати баданаш ниҳоят баланд шуду сусту бемадор гашт. Ба замми ин, шикамаш ба дард омаду тез-тез ба қазои ҳоҷат мерафтагӣ шуд. Дар ахлоти ӯ хун пайдо шуд. Вақте ки модараш забони ӯро муоина кард, дар рӯи забони писарак пардаи сафедро дида, хеле ғамгин шуд. Фарзандаш бемор буд.

Хулоса, дар ин ҳикоя сухан дар хусуси он меравад, ки бактерияҳои сирояткунанда ба организми бача ворид шуданду оқибат чӣ ҳодиса рӯй дод. Муҳассилин барои ба саволи муаллимашон: «Шумо чӣ андеша доред, кай ва бо кадом роҳҳо писарбача ба касалӣ гирифтор шуд?» ҷавоб ёфтан ҳикояи муаллимро ба хотир оварда, андеша меронанд.

Барои мустаҳкам намудани мавзуи омухташуда гаштаю баргашта ба хонандагон фаҳмондан зарур аст, ки бача дар *ду маврид* ба қоидаҳои гигиенӣ риоя накард ва ин боис шуда, ки ӯ ба бемории исҳоли хунӣ мубтало гардад.

1. Чунин тарзи ташкили кор барои хонандагон мавзуъро хотирмон мегардонад. Истифода аз роҳу равиши гуногун аз омӯзгор дониш, кордонӣ ва маҳорати хоса талаб мекунад. Худомӯзӣ аз адабиёти таълимиву методӣ дар шароити имрӯза, ки технология имконияти бештар ба мо медиҳад, беҳтарин роҳи расидан ба ҳадаф аст.

**ПАНД**

***Кӯш, то халқро ба кор оӣ,***
***То ба хулқат ҷаҳон биороӣ.***

**Низомӣ**

***Бе талаб, эй Сайидо, мақсад намеояд ба даст,***
***Ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан.***

**Сайидо**

***Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,***
***Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.***

# МАТЕМАТИКА ВА ИҚТИСОДИЁТ ДАР ОМӮЗИШИ ФУНКСИЯҲОИ ЭЛЕМЕНТАРӢ



**Р. РАҲИМОВ – узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ, профессори ДДМИТ**

**Яке аз масъалаҳои маркази ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён дар ҷараёни таълим ҳамаҷониба васеъ истифода бурдани алоқамандии байни фанҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Ин аз як тараф, барои баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва донишҳои назариявии донишҷӯён сабаб шавад, аз тарафи дигар, ба рушди имкониятҳои инкишофдиҳанда ва тарбиявӣ хоҳад расонд. Ҳамаи фанҳои таълимӣ дар маҷмуъ, табиати атрофу инкишофи ҷамъияти инсониро меомӯзанд. Инак, алоқаи байниҳамдигарии фанҳои математикаю иқтисодиётро дида мебароем.**

Аниқу бошуурона аз худ кардани асосҳои фанни математика на фақат ба омӯзиши минбаъдаи худи фан асоси устувор мегузорад, балки татбиқи амалии он имконияти дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои дигари донишгоҳиро ба монанди фанҳои тамоили иқтисодӣ бештару хубтар мегардонад. Алоқаи математика ва фанҳои тамоили иқтисодӣ дар шаклу вазъиятҳои гуногун ба амал баровварда мешавад. Дар китобҳои дарсӣ ба як қатор масъалаҳое дучор омадан мумкин аст, ки дар худ мафҳумҳои ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслӣ, маош ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Таҷриба собит менамояд, ки донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва ҳатто, хонандагони мактабҳои касбию асосӣ масъалаҳои дорои мафҳумҳои иқтисодиро хуб қабул менамоянд. Вале чунин масъалаҳо дар китобҳои дарсӣ хеле кам ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, муалифони китобҳои дарсии математикаро зарур аст, ки теъдоди масъалаҳои ба талаби рӯз ҷавобгӯро ба андозаи зарурӣ зиёд намоянд. Иқтисодиёти муосир аз донишҳои математик васеъ истифода мебарад. Маълум аст, ки аксарияти қонуниятҳои иқтисодиёт дар шакли ифодаҳои математикӣ зуҳур меёбад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки ҳангоми таълими математика ишораю рамзҳо ва мафҳумҳои иқтисодӣ бештар истифода бурда, аз ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта диққати ҷиддӣ диҳем. Дар ҷараёни таълими математика ибораю ишора, мафҳумҳо ва қонуниятҳои иқтисодиеро дар дарс истифода бурдан лозим аст, ки барои донишҷӯён дастрас бошанд, яъне дарси математика мувофиқан аз дарси фанҳои тамоили иқтисодӣ пеш нагузарад. Боиси қайд аст, ки дар китобҳои дарсии математика то ҳол машқу масъалаҳо бахшида ба табдил додани мафҳумҳои иқтисодӣ ва ифода кардани як тағйирёбанда ба дигараш мавриди муоина қарор нагирифтаанд. Дар китобҳои дарсии математикаи олӣ, махсусан, дар қисмати «Геометрияи аналитикӣ» масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ба назар намерасанд. Робитаи фанҳои математикаю фанҳои тамоили иқтисоддоштаро дар мавриди омӯзиши «Функсияҳои элементарӣ» дида мебароем. Маълум аст, ки омӯзиши вобастагиҳои функсионалӣ тамоми курси математикаи мактабӣ ва олиро фаро гирифтааст. Хонандагон графики функсияҳоро сохта, хосиятҳои машқу масъалаҳои мувофиқро ҳал менамоянд. Дар



ин маврид муҳим он аст, ки кай ва дар куҷо тадбиқ ёфтани функсияҳои элементарӣ мавриди таваҷҷуҳи донишҷӯён қарор дошта шавад. Ана дар ҳамин мавриди хонандагон ба фанни математика бовари қавӣ пайдо мекунанд ва ба зебоию қувваю методҳои математикӣ баҳои сазовор дода метавонанд. Воқеан ҳам, донишҷӯён ба он дарсҳое майлу рағбати бештаре пайдо менамоянд, ки бо тадбиқи методҳои математикӣ натиҷаи мушахаси иқтисодӣ ба даст оранд. Фаразан, масъалаҳои зеринро мавриди назари баррасӣ қарор медиҳем:

Дар иқтисодиёти назариявӣ ва амалӣ функсияҳо татбиқи васеъ доранд. Намудҳои зерини функсияҳо: аз хаттӣ сар карда, то функсияҳое, ки бо ёрии муносибатҳои реккурентӣ, ки ҳолати объектҳои омӯхташандаро дар давраҳои гуногуни вақт алоқаманд менамоянд, дар иқтисодиёти муосир истифода бурда мешаванд. Даврӣ будани баъзе равандҳои иқтисодӣ зарурати истифода бурдани функсияҳои тригонометриро ба миён меорад. Функсияҳои элементарӣ гуфта, мо функсияи хаттии $f(x) = ax + b$, мутаносиби роста *y=kx* ва чаппаи $f(x) = \frac{a}{x}$, функсияи касрии $f(x) = \frac{ax+b}{cx+d}$, функсияи дараҷагии $f(x) = x^n$, функсияи нишондиҳандагии $f(x) = a^x$, функсияи логарифмии $f(x) = \log_a x$ ва функсияҳои одии тригонометриро дар назар дорем. Тарзҳои татбиқи ин функсияҳоро дар иқтисодиёт мавриди тадқиқ қарор медиҳем.

Овардани мисолҳо аз муҳити атрофи ҳақиқӣ ба мо имконият медиҳад, ки ба донишҷӯён аҳаммияти амалии математикаро ошкор намоем ва аз он хулосаи умумии васеъ барорем. Ин мисолҳо бояд сода, эътимоднок ва ба донишҷӯён фаҳмову равшан бошанд. Қайд кардан зарур аст, ки қонуниятҳои бисёри атрофи моро иҳотакунанда ва истеҳслот модели мушаххаси умумии вобастагии математикӣ ба ҳисоб рафта, хосиятҳои он ба тамом ба ин моделҳо татбиқшаванда мебошанд. Масалан, вобастагиҳои мутаносиби ростаро, ки бо формулаи $y = kx$ ифода карда мешаванд, ҳамчун вобастагии дарозии давра аз диаметри он ($C = \pi d$), вобастагии байни арзиши моли А-и харидашуда аз миқдори он *n* (*A=an,* дар ин ҷо *a* –нархи мол мол), вобастагии байни масофа ҳангоми суръати доимӣ аз вақти ҳаракат ($S = \vartheta t$)-ро дида баромадан мумкин аст. Минбаъд ҳангоми ҷамъбаст намудани маводҳо оид ба функсияҳои элементарӣ, номгӯи ин гуна моделҳои вобастагиҳои мутаносиби ростаро давом дода, нишон додан мумкин аст, ки вобастагиҳои байни намуди ихтиёрии корҳои механизиронӣ дар хоҷагии қишлоқ ва шароити киштукорӣ ва дигар корҳо вобастагии мутаносиби ростаро ифода менамоянд. Худи донишҷӯёнро барои интихоб намудани мисолҳои донишҳои математикии тадбиқшаванда дар ҳаёти ҳаррӯзаашон равона кардан аз аҳамият холӣ нест. Дар баъзе мавридҳо маводҳои таълимӣ аз математикаро бо ёрии мисолҳои воқеии амалкунандаи иншоотои хоҷагии халқ, детал ва қисмҳои мошинҳо нишон додан мумкин аст. Ин объектҳоро вобаста аз андоза ва массашон дар шакли аслӣ, дар шакли сурат, макет, расм, нақша, тарҳи технологӣ намоиш додан мумкин аст. Муҳимияти ин гуна машқҳо дар он мебошад, ки деталҳо ва қисмҳои бисёри мошинҳо ва механизмҳо маҷмуи шаклҳои геометриро ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, бояд донишҷӯён аз байни онҳо шаклҳои ба худ шиносро ҷудо карда тавонанд. Чунин кор барои тафаккури фазогии донишҷӯёнро рушд додан, инкишоф додани тасаввуроти онҳо мусоидат намуда, воситаи эффективии мустаҳакамкунии алоқамандии таълим бо ҳаёт ба ҳисоб меравад. Мисолҳои истифодашударо бо хулосабарориҳои амалӣ равона намудан лозим аст.

Ҳангоми тадқиқи масъалаҳои иқтисодӣ ҷуфти бузургиҳое низ вомехӯранд, ки байни ҳам мутаносиби чаппа мебошанд. Ба ин вобастагии арзиш ва қувваи кории истеҳсолӣ, вобастагии арзиши аслӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ, вобастагии байни нарх ва ҳаҷми мол ва ғайра мисол шуда метавонанд. Масалан, корхона аз фурӯши як миқдор маҳсулот 10 ҳазор сомонӣ даромад ба даст меорад. Функсияеро тартиб медиҳем, ки он вобастагии ҳаҷми маҳсулотро нисбат ба воҳиди нархи маҳсулот ифода мекунад. **Агар бо** *R* = 10, *p* - нархи маҳсулот, воҳиди маҳсулот, *Q* - ҳаҷми маҳсулотро ишора намоем, он гоҳ дар натиҷа функсияи $Q = \frac{10}{p}$ - ро ҳосил мекунем. Графики ин функсия хатти каҷ буда, дар чоряки якум воқеъ аст. Онро гипербола меноманд. Маълум аст, ки *Q* > 0 мебошад. Агар нархи воҳиди мол ба $p \to \infty$ кунад, он гоҳ ҳаҷми маҳсулот ба $Q \to 0$ мекунад. Яъне, чи қадаре ки нархи маҳсулот баланд шавад, ҳамон қадар ҳаҷми маҳсулот кам мешавад. Ин коҳиш ёфтани сифати маҳсулотро ифода мекунад. Агар нархи мол $p \to 0$ кунад, он гоҳ ҳаҷми маҳсулот ба

$Q \to \infty$ мекунад. Яъне, чи қадаре ки нархи маҳсулот паст шавад, ҳамон қадар ҳаҷми маҳсулот меафзояд. Ин шароит ба нафъи истеҳсолкунанда нест. Ин низ аз байн рафтани сифати маҳсулотро ифода мекунад. Дар ҳолати нархи воҳиди маҳсулот *p* = 0 шудан, истеҳсолот маънояшро гум мекунад. Агар дарозӣ ва бари росткунҷае, ки масоҳаташ 40 $см^2$ мебошад, мувофиқан *x* см ва *y* см бошанд, он гоҳ вобастагии *y* аз *x* ба воситаи формулаи $y = \frac{40}{x}$ ифода карда мешавад. Коэффисиенти мутаносибӣ дар ин ҷо *k*= 40 мебошад. Барои гузориши проблемаҳо пеш аз баёни маводҳои таълимии нав, истифода бурдани масъалаҳои дорои мазмуни амалӣ будае, ки аз рӯи мазмуну мундариҷа ва содагии ҳал фарққунанда мебошанд, бамаврид мебошад. Азбаски дар нақшаи таълимии донишгоҳҳои тамоили иқтисодӣ математикаи элементарӣ дохил карда нашудааст, мо лозим донистем, ки дар мавриди такрор намудани курси математика, инчунин, омӯзиши мавзуи функсия ва тарзҳои дода шудани он аз математикаи олӣ, масъалаҳои дорои мазмуни иқтисодӣ доштаро ба воситаи мафҳумҳои математикӣ, аз он ҷумла, бо ёрии функсияҳои хаттӣ ифода намуданро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Ба ин восита онҳо иҷрои амалҳо бо функсияхои хаттиро дар дарсҳои кори мустақилонаи донишҷӯ аз нав дида баромада, донишҳояшонро боз мустаҳакам менамоянд, аз тарафи дигар шавқу ҳаваси онҳо нисбат ба касби интихобкардаашон бедор мегардад.

**Масъалаи 1.** Музди меҳнати моҳонаи асосии коргари хоҷагӣ 1600 сомонӣ мебошад. Барои истеҳсоли маҳсулоти аз нақша барзиёдатии арзишаш ба 10 сомонӣ баробар буда ба вай 1,9 сомонӣ иловапулӣ пардохт карда мешавад. Вобастагии умумии музди меҳнати моҳонаи коргар аз арзиши маҳсулоти аз нақша барзиёд истеҳсолкардаи он кадом намудро дорад?

**Ҳал.** Агар арзиши маҳсулоти аз нақша барзиёд истеҳсолкардашудаи коргарро бо *x* ишора намоем, он гоҳ музди иловагӣ 1,9*x* сомониро ташкил медиҳад. Музди моҳонаи умумии коргарро бо *y* ишора намуда, ин вобастагии умумиро бо ёрии формулаи зерин ифода кардан мумкин аст: *y*=1600+1,9*x*.

**Масъалаи 2.** Нархи трактор 180 000 сомонӣ ва амортизатсия(хурдашавӣ)-и солонааш 1900 сомонӣ мебошад. Вобастагии арзиши трактор аз муҳлати истифодабарии онро тартиб диҳед.

**Ҳал.** Агар муҳлати истфодабарии тракторро бо *t* сол ва арзиши аслии онро бо у ишора намоем, он гоҳ вобастагии арзиши трактор аз муҳлати истифодабарии он бо формулаи зерин ифода карда мешавад: *y*=-1900 *t*+180 000.

Ба чунин вобастагиҳо донишҷӯён бори аввал вомехӯранд, намуд ва хосиятҳои ин вобастагиҳо ба онҳо маълум нест. Устод бо донишҷӯён якчанд мисоли амалии чунин вобастагиҳоро (вобастагии арзиши телеграмма аз миқдори калимаҳои дар он навишташуда, вобастагии суръати охирноки ҳаракати мунтазам аз вақт) дида баромада, таърифи функсияи хаттиро дохил намуда, хосиятҳои онро дида мебароянд. Чунин муносибат барои дохил кардани мафҳумҳои математикӣ ба мо имконият медиҳад, ки онро талаботи ҳалли масъалаҳои амалӣ шуморем. Мафҳуми функсияҳои хаттӣ ба мо имконият медиҳад, ки мисолҳои бисёреро аз физика, химия, иқтисодиёт ва ҳаёти ҳаррӯзаамон ҳал намуда шарҳ диҳем. Функсияи нишондиҳандагӣ дар ҳисобкуниҳои молиявӣ низ васеъ истифода мешавад. Масалан, суммаи афзуншавӣ дар ҳолати фоизи бефосила - $S = Pe^{jn}$, суммаи афзуншавӣ бо фоизи мураккаб - $S = P(1+i)^n$, индекси нарх дар шароити беқурбшавӣ $j_v = (1+h)^n$ ва ғайра мисоли он шуда метавонанд. Омӯзиши функсияи дараҷагиро чунон ба роҳ мондан лозим аст, ки ба донишҷӯён тасвирҳои гуногуни моделҳои мушаххаси ин функсияро дар муҳити атроф, махсусан, истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нишон додан мумкин бошад. Ба ҳолатҳои хусусии функсияи дараҷагии $y = ax^m$, ки *m*є*Q,* мебошад, донишҷӯён ҳанӯз аз мактаби миёна шиносанд.

Дар охир баъзе тавсияҳоро мавриди назари омӯзгорону муаллифони китобҳои дарсӣ қарор медиҳем.

1. Масъалаи робитаи математика бо фанҳои дигар хеле барвақт ба миён омада, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Дар китобҳои дарсии ҳозира мавзуъҳои бисёреро номбар кардан мумкин аст, ки дар муқоиса ба фанҳои тамоили иқтисодӣ ба таълими онҳо нисбатан хеле дер оғоз менамоянд. Аз ин рӯ муаллифонро зарур аст, ки минбаъд китобҳои дарсиро

дар мувофиқаи байниҳамдигарии фанҳои таълимӣ аз рӯи барномаҳои таълимӣ таҳия ва ба нашр омода созанд.

2. Таҳлили барномаҳои таълимӣ собит сохт, ки дар китобҳои ҳозира маводи зарурии барои таълими фанҳои тамоили иқтисодӣ то андозае пешниҳод шудаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе хосияту қонуниятҳо дар вақтҳои гуногун ва дар вазъиятҳои гуногун муоина карда мешаванд. Илова бар ин, баёни маводи таълимӣ шаклан ва ҳатто, мазмунан аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муттасилӣ ва якхелагӣ ҳангоми ҷорӣ кардани қоидаву қонуниятҳои ҳар ду фан риоя карда шавад.

3. Баъди пурра ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ гумон меравад, ки қафомонии математика нисбат ба талаботи фанҳои иқтисодӣ бартараф мегардад. Вале камбудиҳо роҷеъ ба робитаи байнифаннӣ ҳанӯз боқӣ мемонанд. Роҳҳои бартараф кардани ин камбудиҳоро бояд ҷуст.

**4.** Ҳангоми татбиқи фанҳои тамоили иқтисодӣ дар раванди таълими математика, ишораҳои ҳарфӣ, номгӯй ва мафҳумҳои иқтисодиро тавре бояд истифода бурд, ки дар фанҳои тамоили иқтисодӣ истифода мебаранд.

**5.** Дар мавриди ҳалли масъалаҳо бо ададҳои тақрибӣ дар фанҳои тамоили иқтисодидошта қоидаҳои маъмули математикӣ айнан истифода бурда шаванд. Яъне, дар раванди таълими ин фанҳо ба якхелагии баёнот диққати махсус додан зарур аст.

Касе нест, ки ба маориф пайванд ва аз омӯзгор таълим нагирифта бошад. Ман барои устодонам, муаллими аввалинам борҳо шеър навиштаам. Одам ба кадом зинаҳои муваффақият расад, боз ҳам бояд қадри омӯзгорро донад, ӯро падарвор ҳурмат кунад. Омӯзгор ягона нафарест, ки барои муваффақияти шогирдон ҳамеша шод мешавад. Чӣ хел мумкин аст омӯзгорро дӯст надошт?! Чӣ хел метавон робитаатро аз ӯ канд?! Ҳангоми дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» сармуҳаррир буданам, китобе бо номи «Мусофирони роҳи илм» навишта, ба устодон бахшидам. Он лаҳза низ устодонам дар канорам буданд ва барои машҳур ва мадди таваҷҷуҳ қарор додани ин рӯзнома ба ман мадад расонданд. Барои ҳамин дар сари ҳар эҷод симои омӯзгор, устодонамро пеши рӯ меорам. Китоби тозае навиштаам, ки мунтазири чоп аст. Як бобаш дар бораи омӯзгорон аст, дар бораи касони одӣ, ки солҳо ба кӯдакон илм меомӯзонанд. Аз ҷумла, саргузаштеро он ҷо овардаам. Лаҳзаи мактабхон буданаш, пиёда ба ноҳия мерафтаст, ки раиси колхоз ӯро дида ва ба куҷо рафтанашро пурсид. Ӯ мегӯяд, ки барои харидани китоб меравад. Раис ҳайрон шуда мегӯяд, ки магар дар колхоз китобхона нест. Ӯ мегӯяд, ки ҳамаи китобҳои китобхонаи колхозро хондааст. Баъди санҷиш дурустии гуфтаҳояшро тасдиқ карда, ӯро ба мағозаи китоби ноҳия мебарад. Китобҳои хостаашро харида, роҳкирояшро низ медиҳад. Ин лаҳзаҳо ва симои чунин ашхосро ҳеҷ гоҳ наметавон аз хотир бурд.

***Муҳаммад Ғоиб***

# МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА БА ДОНИШ, МАЛАКА, МАҲОРАТ ВА РАФТОРИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ОЗМОИШӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали меъёри баҳогузории 10-хола ба дониш, малака, маҳорат ва рафтори хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ (минбаъд-Дастурамал) дар асоси Дастурамал оид ба озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанлагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тибқи талаботи он дониш, малака, маҳорат ва рафтори хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.

2. Дастурамали мазкур барои муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, танҳо дар давраи озмоишӣ барои ин муассисаҳо амалӣ карда мешавад.

3. Дар баҳогузорӣ ба дониш, малака, маҳорат ва рафтори хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ омӯзгор вазифадор аст, ки талаботи дастурамалро риоя намояд.

4. Баҳои хонандаро дар озмунҳо, олимпиадаҳо ва аттестатсия комиссияи ваколатдор тибқи санадҳои дар ин самт амалкунанда муайян менамояд. Барои баҳои 1 (пасттар) ва 2 (паст), инчунин 10 (аъло) тариқи хаттӣ хулоса навишта мешавад.

5. Меъёри баҳогузорӣ ба дониш, малака, маҳорат ва рафтори хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ тибқи муқаррароти “Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дастурамал оид ба озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанлагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда мешаванд.

## 2. БАҲОГУЗОРӢ ДАР ЖУРНАЛИ СИНФӢ, РӮЗНОМАЮ ДАФТАРҲОИ КОРИИ ХОНАНДАГОН

6. Дар журнали синфии муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дар давраи озмоишӣ баҳои хонанда дар шакли рақамӣ (1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10) гузошта мешавад.

7. Дар рӯзномаю дафтари кории хонанда баҳо ба таври зайл гузошта мешавад: 10 (аъло), 9 (олӣ), 8 (хубтар), 7 (хуб), 6 (кофӣ), 5 (қаноатбахш), 4 (кам), 3 (нокофӣ), 2 (паст), 1 (пасттар)

## 3. БАҲОГУЗОРӢ БА КӮШИШУ ҒАЙРАТ

8. Кӯшишу ғайрати хонандагон дар асоси формулаи зерин ҳисоб карда шуда

$$КҒ = \frac{ҲҶБ}{МФО}$$

чунин (аъло, хуб, миёна ва паст) муайян карда мешавад.

Дар ин ҷо:

КҒ- кӯшишу ғайрат,

ҲҶБ – Ҳосили ҷамъи баҳоҳои ҷамъбастӣ,

МФО– Миқдори фанҳои омӯхташаванда.

9. Баҳогузорӣ ба рафтори хонандагон дар шакли намунавӣ, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш муайян карда мешавад.

10. Ҳангоми баҳогузорӣ ба рафтори хонанда одобу ахлоқ, эҳтиром, тарбия, иштирок ба корҳои синфию беруназсинфӣ ва ҷамъиятӣ ба инобат гирифта мешавад.

## 4. БАҲОГУЗОРӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДА

11. Ба дониши хонандагон дар синфҳои 1 муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ баҳо гузошта намешавад.

12. Аз фанни **забони модарӣ** дар синфҳои 2-4 баҳо ба дониш, малака ва маҳорати хонанда дар асоси ҷавоб ба саволҳо ва иҷрои супоришҳои матни китоби дарсӣ гузошта мешавад. Баҳо ба малакаҳои хониш ва фаҳмидани мазмуни матн ва ба назар гирифтани ғалатҳои имлоӣ вобаста ба азхудкунии талаботи барномаи таълимӣ гузошта мешавад.

**13. Меъёри баҳогузорӣ ба дониши хаттӣ (диктанти санҷишӣ) аз фанни забони модарӣ дар синфҳои 2-4**

| Хол | Миқдори хатогиҳои имлоӣ | Миқдори хатогиҳои китобатӣ | Риояи қоидаҳои навиштан |
|---|---|---|---|
| 10 | 0 | 0 | Ислоҳ дар кори хаттӣ мушоҳида нашавад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | Ҳусни хатти хонанда зебо, тоза ва ба қоидаҳои хатнависӣ ҷавоб дода тавонад. |
| **9** | **1** | **1** | Дар кори хаттӣ ислоҳ мушоҳида нашавад. Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя гардидааст. |
| **8** | **2** | **1** | Дар кори хаттӣ 1 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. |
| **7** | **3** | **2** | Дар кори хаттӣ 2 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад |
| **6** | **4** | **2** | Дар кори хаттӣ 3 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |
| **5** | **5** | **3** | Дар кори хаттӣ 4 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |
| **4** | **6** | **3** | Дар кори хаттӣ 5 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |
| **3** | **6** | **4** | Дар кори хаттӣ 6 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |
| **2** | 7 | 4 | Дар кори хаттӣ 7 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |
| **1** | Зиёда аз 7 | Зиёда аз 4 | Дар кори хаттӣ зиёда аз 7 ислоҳ вуҷуд дошта бошад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардида бошад. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардида бошад. |

*Эзоҳ: ғалатҳои имлоӣ ва китобатие, ки хусусияти якхела доранд, як ғалат ҳисобида мешаванд (масалан, агар калимаи «ҳавлӣ»-ро хонанда дар шакли “ҳавли” чанд маротибае, ки навишта бошад, як ғалат ҳисобида мешавад).*

**14. Меъёри баҳодиҳӣ ба дониши шифоҳӣ**

| Хол | Меъёрҳо | Фоизи иҷрои амал |
|---|---|---|
| **10** | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса, татбиқ ва эҷодкорӣ карда тавонад. | 91-100 |
| **9** | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса ва татбиқ карда метавонад, вале эҷодкорӣ карда наметавонад. | 81-90 |
| **8** | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса карда, бо кумаки омӯзгор татбиқ мекунад. | 71-80 |
| **7** | Кӯшиш, мушоҳида ва хулоса карда метавонад, вале қисман татбиқ карда метавонад. | 61-70 |
| **6** | Кӯшиш, мушоҳида карда, бо кумаки омӯзгор хулоса карда метавонад. Татбиқ карда наметавонад. | 51-60 |
| **5** | Кӯшиш, мушоҳида карда метавонад, вале хулоса ва татбиқ карда наметавонад. | 41-50 |
| **4** | Кӯшиш карда метавонад, бо кумаки омӯзгор мушоҳида карда, хулоса ва татбиқ карда наметавонад. | 31-40 |
| **3** | Кӯшиш карда метавонад, мушоҳида, хулоса, ва татбиқ карда наметавонад. | 21-30 |
| **2** | Танҳо бо кумаки омӯзгор кӯшиш карда метавонад. | 11-20 |
| **1** | Кӯшиш, мушоҳида ва татбиқ карда наметавонад. | 1-10 |

***Эзоҳ: дар ҷавобҳои шифоҳии хонанда талаботи зерин ба инобат гирифта мешавад:***

- *пуррагӣ ва дурустии ҷавоб;*
- *мантиқ ва пайдарҳамии ифода;*
- *равшанӣ ва дурустии ифода;*
- *ба назар гирифтани меъёри сухан (пастию баландӣ, оҳанг, задаи мантиқӣ);*
- *маҳорати гӯш кардани дигарон;*
- *риояи меъёрҳои забони адабӣ ва одоби сухан.*

15. Аз фанни **математика** баҳо ба дониш, малака ва маҳорати хонанда барои иҷрои супоришҳои шифоҳӣ ва хаттӣ тибқи талаботи барномаи таълимӣ гузошта мешавад.

**16. Меъёри баҳогузорӣ аз фанни математика дар синфҳои 2-4**

| Хол | Меъёрҳои арзёбии шакли шифоҳӣ | Риояи талабот ва қоидаҳои иҷрои амалҳои математикӣ | Фоизи иҷрои амал |
|---|---|---|---|
| 10 | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса, татбиқ ва эҷодкорӣ карда тавонад. | Роҳи ҳалро пайдарпай навишта ғалатиислоҳкарда надорад. | 91-100 |
| 9 | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса ва татбиқ карда метавонад, вале эҷодкорӣ карда наметавонад. | Аз шарти масъала додашударо навишта, пайдарпайии ҳалро нишон дода, ғалат надорад. Роҳи ҳал навишта нашудааст. | 81-90 |
| 8 | Кӯшиш, мушоҳида, хулоса карда, бо кумаки омӯзгор татбиқ мекунад. | Роҳи ҳал, пайдарпайии ҳал риоя гардида, аммо шумораи ғалатҳо ба назар мерасад. | 71-80 |
| 7 | Кӯшиш, мушоҳида ва хулоса карда метавонад, вале қисман татбиқ карда метавонад. | Дар ҳисоббарории ҳал ба хатогӣ роҳ додааст. | 61-70 |
| 6 | Кӯшиш, мушоҳида карда, бо кумаки омӯзгор хулоса карда метавонад. Татбиқ карда наметавонад. | Дар тартиби иҷрои амалҳои арифметикӣ ва ҳисоббарории ҳал ба хатогӣ роҳ додааст. | 51-60 |
| 5 | Кӯшиш, мушоҳида карда метавонад, вале хулоса ва татбиқ карда наметавонад. | Усули ҳал дуруст аст, аммо дар иҷрои амал хато карда, ҷавобашро нодуруст баровардааст. | 41-50 |
| 4 | Кӯшиш карда метавонад, бо кумаки омӯзгор мушоҳида карда, хулоса ва татбиқ карда наметавонад. | Дар ҳалли мисолу масъалаҳо бо сабаби партофтани иҷрои ягон амал ва интихоби нодурусти онҳо ҷавобро нодуруст баровардааст. | 31-40 |
| 3 | Кӯшиш карда метавонад, мушоҳида, хулоса, ва татбиқ карда наметавонад. | Дар ҳалли мисолу масъалаҳо бо сабаби партофтани иҷрои ягон амал, интихоби нодурусти амалҳо ва рақамҳо ҷавобро нодуруст баровардааст. | 21-30 |
| 2 | Танҳо бо кумаки омӯзгор кӯшиш карда метавонад. | Мисолу масъалаҳо нодуруст ҳал гардидааст. | 11-20 |
| 1 | Кӯшиш, мушоҳида ва татбиқ карда наметавонад. | Барои ҳалли мисолу масъалаҳо кӯшиш накардааст | 1-10 |

17. Баҳо ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони синфҳои 2-4 аз фанни “Санъат ва меҳнат” мутобиқи барномаи таълимӣ бо риояи талабот: медонад, мефаҳмад, метавонад ва истифода мебарад, ба ҳарду фан як баҳо гузошта мешавад.

18. Баҳогузорӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ вобаста ба дараҷаи донишҳо оид ба машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳои серҳаракат, тарзу усулу амалҳои ҳаракатдор азхуд намудани хонандагон ва инчунин аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои нормативҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

Аз фанни тарбияи ҷисмонӣ ҳангоми баҳо додан дараҷаи инкишофи ҷисмонӣ, вазъи саломатии хонанда ба назар гирифта шуда, дар раванди баҳогузорӣ аз фанни мазкур ин меъёр риоя мегардад.

**19. Меъёри баҳогузорӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои 2-4**

| Хол | Миқдори хатогиҳои дониши варзишӣ | Миқдори хатогиҳо ҳангоми машқ | Риояи қоидаҳо ва иҷрои машқҳо | Фоизи иҷрои супоришҳои таълимӣ |
|---|---|---|---|---|
| 10 | 0 | 0 | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро баҳри ҳаёти | 91-100 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | солим пурра дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро пурра медонад ва риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо дар сатҳи зарурӣ иҷро менамояд. | |
| **9** | **1** | **1** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро медонад ва риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро менамояд | 81-90 |
| **8** | **2** | **1** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро медонад ва риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро менамояд | 71-80 |
| **7** | **3** | **2** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро хуб медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмонро бахри ҳаёти солим дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро медонад ва риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро менамояд | 61-70 |
| **6** | **4** | **2** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим қисман дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро то андозае медонад ва риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро менамояд | 51-60 |
| **5** | **5** | **3** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро қисман медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим каме дарк менамояд;<br>- речаи рӯзро медонад ва қисман риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо кофӣ иҷро менамояд. | 41-50 |
| **4** | **6** | **4** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро то дараҷае медонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмонро бахри ҳаёти солим каме дарк менамояд;<br>- речаи рузро медонад ва каме риоя менамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро менамояд. | 31-40 |
| **3** | **7** | **5** | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро хуб намедонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим дарк наменамояд;<br>- речаи рӯзро пурра намедонад ва риоя наменамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро карда наметавонад. | 21-30 |
| **2** | 8 | 7 | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро намедонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим дарк наменамояд;<br>- речаи рӯзро намедонад ва риоя наменамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро карда наменамояд. | 11-20 |
| **1** | 9 | 10 | - қоидаҳои тарбияи ҷисмро намедонад;<br>- моҳияти фанни тарбияи ҷисмониро бахри ҳаёти солим дарк наменамояд;<br>- речаи рӯзро намедонад ва риоя наменамояд;<br>- машқҳои варзиширо иҷро карда наменамояд. | 1-10 |

20. Баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фанни табиатшиносӣ дар синфҳои 2-4 дар асоси маводи омӯхташуда, бо назардошти қобилиятҳои фикрӣ, зеҳнӣ, хулосабарорӣ ва мушоҳидакории хонандагон муайян карда меашвад. Дар вақти баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон риоя намудани талаботи ***медонад, мефаҳмад, метавонад ва истифода мебарад*** зарур аст.

21. Дар зинаи якуми таҳсилот (синфҳои 2-4) дар асоси талаботи бандҳои 12, 13, 14, 15 ва 16 вобаста ба фанҳои таълимӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

22. Баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда дар синфҳои зинаи дуюм (синфҳои 5-9)-и муассисаҳои таълимии озмоишӣ вобаста ба гурӯҳи фанҳо муайян карда мешаванд.

23. Баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда дар муассисаҳои озмоишӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешаванд.

а) Шифоҳӣ (саволу ҷавоб, саволнома)
б) Хаттӣ (ҳалли мисолу масъалаҳо, супоришҳои хаттӣ, тестҳо)

24. Дар фанҳои гурӯҳи филологӣ дониш, малака ва маҳорати хонанда ба таври шифоҳӣ мутобиқи барномаи таълимӣ, дар асоси талаботи ягона баҳогузорӣ карда мешавад, ки барои инкишофи нутқи хонандагон хеле муҳим мебошад. Баҳогузорӣ ба ҷавоби хонанда бо назардошти мураттабу мантиқан дуруст будани онҳо гузошта мешавад.

25. Ҳангоми баҳо додан ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон аз фанҳои гуруҳи филологӣ чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:

- мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;
- дараҷаи фаҳмиши хонанда;
- тарзи баён;
- барои тасдиқи фикри гуфташуда мисолҳо овардан;
- риояи меъёри забони адабӣ дар вақти ҷавоб;
- аз дарсҳои гузашта бохабар буда, барномаи таълимиро аз худ карда бошад;
- дар вақти ҷавоби савол озодона ва асоснок фикри худро баён карда тавонад;
- фикри худро тасдиқ карда тавониста, дар мубоҳисаи мавзуъ иштирок намояд.

26. Дар фанҳои гурӯҳи филологӣ арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанда тариқи хаттӣ талаботи зерин риоя карда мешавад:

а) **баҳо ба диктанти санҷишӣ**:диктанти санҷишӣ бо мақсади арзёбии саводнокии хонанда гирифта мешавад ва ба он дар дафтари хонанда ва журнали синфӣ як баҳо гузошта мешавад.

Ҳаҷм (шумораи калимаҳо)-и диктанти санҷишӣ барои ҳар як синф ва мавзӯъ пешакӣ тибқи талаботи Стандарт ва барномаи фанни таълимӣ муқаррар карда мешаванд

б) **баҳо ба нақли хаттӣ**: нақли хаттӣ бо мақсади арзёбии саводнокӣ, меҳнати мустақилонаи эҷодии хонанда гирифта мешавад ва ба он дар дафтари хонанда ва журнали синфӣ ду баҳо гузошта мешавад, ки баҳои якум ба мазмуни матн ва баҳои дуюм ба саводнокии хонанда гузошта мешавад.

Баҳо аз нақли хаттӣ дар дафтар ва журнали синфӣ тариқи рақамӣ бо каср (дроб) гузошта мешавад.

Интихоби мавзуъ ҳаҷм ва мундариҷаи нақли хаттӣ ва талаботи он мувофиқи тақозои мавзӯъҳои барномаи таьлимӣ ва синну соли хонанда мувофиқи муқаррароти стандарт ва барномаи фанни таълимӣ муқаррар карда мешавад.

в) **баҳо ба эссе**: эссе бо мақсади арзёбии мушоҳида, андеша, мулоҳизаи инфиродии хонанда доир ба мавзуъҳои алоҳида гирифта мешавад ва ба он дар дафтари хонанда ва журнали синфӣ ду баҳо гузошта мешавад, ки баҳои якум ба мазмуни матн ва баҳои дуюм ба саводнокии хонанда дахл дорад.

Баҳо аз эссе дар дафтар ва журнали синфӣ тариқи рақамӣ бо каср гузошта мешавад.

Интихоби мавзуъ, ҳаҷм ва мундариҷаи эссе ва талаботи он мувофиқи талаботи мавзӯъҳои барномаи таьлимӣ ва синну соли хонанда мувофиқи муқаррароти стандарт ва барномаи фанни таълимӣ аз тарафи омӯзгор муқаррар карда мешавад.

г) **баҳо ба иншо**. Иншо 3 хел мешавад: мавзуӣ, озод ва хонагӣ. Меъёри баҳогузорӣ ба иншои хонандагон дар асоси меъёрҳои баҳогузорӣ ба иншои хонандагон муайян карда мешавад.

Баҳо аз иншо дар дафтар ва журнали синфӣ тариқи рақамӣ бо каср гузошта мешавад.

Дар ҳолати дар муддати 90 дақиқа навиштани иншои синфӣ баҳо дар 2 хоначаи журнали синфӣ бе каср гузошта мешавад. Баҳои иншои синфӣ бошад дар журнали синфӣ дар як хоначаи саҳифаи тарафи рости журнали синфӣ барои баҳогузорӣ ҷудошуда тариқи рақамӣ бо каср гузошта мешавад.

***27. Меъёрҳои баҳогузорӣ ба саводнокӣ аз натиҷаи кори хаттии хонандагон барои гурӯҳи фанҳои филологӣ дар синфҳои 5-9***

**Меъёри баҳогузорӣ ба дониши хаттӣ (диктанти санҷишӣ)**

| Хол | Миқдори хатоҳои имлоӣ | Миқдори хатоҳои китобатӣ | Риояи қоидаҳои навиштан |
|---|---|---|---|
| 10 | 0 | 0 | Ислоҳ дар кори хаттӣ мушоҳида нашавад.<br>Ҳусни хати хонанда зебо, тоза ва ба қоидаҳои хатнависӣ ҷавоб дода тавонад. |
| 9 | 1 | 2 | Ислоҳ дар кори хаттӣ мушоҳида нашавад.<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя гардида бошад. |
| 8 | 2 | 3 | Дар кори хаттӣ 1 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. |
| 7 | 3 | 4 | Дар кори хаттӣ 2 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **6** | **4** | **4** | Дар кори хаттӣ 3 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |
| **5** | **5** | **4** | Дар кори хаттӣ 4 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |
| **4** | **5** | **5** | Дар кори хаттӣ 5 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |
| **3** | **6** | **6** | Дар кори хаттӣ 6 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |
| **2** | 7 | 6 | Дар кори хаттӣ 7 ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |
| **1** | Аз 7 зиёд | Аз 6 зиёд | Дар кори хаттӣ аз 7 зиёд ислоҳ вуҷуд дорад:<br>Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст.<br>Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст |

Эзоҳ: ғалатҳои имлоӣ ва китобатие, ки хусусияти якхела доранд, як ғалат ҳисобида мешаванд (масалан, агар калимаи «мафҳум»-ро хонанда дар шакли "мавҳум" чанд маротибае, ки навишта бошад, як ғалат ҳисобида мешавад).

*Чор галати ислоҳшудаи якхела дар диктанти санҷишӣ як галат ҳисоб карда мешавад ва баҳо ба миқдори як хол паст мегардад.*

*Ёридиҳандаҳо (пешоянду пайвандак…) низ ба миқдори умумии калимаҳои диктант дохил мешаванд.*

***Меъёри баҳогузорӣ ба диктант***

Ҳаҷми диктант аз ҷиҳати миқдори калима ба таври зайл муқаррар шудааст:

| Синфҳо | Миқдори калимаи диктант | Ҳаҷми диктанти луғавӣ |
|---|---|---|
| V | 100-110 | 10-15 |
| VI | 110-120 | 15-20 |
| VII | 120-130 | 20-25 |
| VIII | 130-140 | 25-30 |
| IX | 140-160 | 30-40 |
| X | 160-190 | 40-50 |
| XI | 180-200 | 50-65 |

Миқдори намунавии калимаҳои нақли хаттӣ

| Синфҳо | Миқдори калима |
|---|---|
| V | 100-150 |
| VI | 150-200 |
| VII | 200-250 |
| VIII | 250-300 |
| IX | 300-400 |

Теъдоди намунавии саҳифаҳои иншои дар синф иҷрошаванда

| Синфҳо | Теъдоди саҳифа |
|---|---|
| V | 0,5-1,0 саҳ. |
| VI | 1,0-1,5 саҳ. |
| VII | 1,5-2,0 саҳ. |
| VIII | 2,0-2,5 саҳ. |
| IX | 2,5-3,0 саҳ. |

***Меъёри баҳогузорӣ ба нақли хаттӣ***

| Хол | Миқдори хатоҳои имлоӣ | Миқдори хатоҳои китобатӣ | Риояи қоидаҳои навиштан | Меъёри баҳо ба мазмун |
|---|---|---|---|---|
| **10** | **0** | **0** | Ислоҳ дар кори хаттӣ мушоҳида нашавад.<br>Ҳусни хати хонанда | Мазмуни кор ба мавзуи асосӣ пурра мутобиқат мекунад.<br>Далелҳо беғалат бошанд. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | зебо, тоза ва ба қоидаҳои хатнависӣ ҷавоб дода тавонад. | Бо хатти зебо навишта шуда бошад ва ислоҳ дида нашавад. Кор аз ҷиҳати луғат бой, мавқеи истеъмоли калимаҳо ва ҷумлабандӣ дуруст аст. |
| 9 | 1 | 2 | Ислоҳ дар кори хаттӣ мушоҳида нашавад. Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя гардидааст. | Рафти баёни мазмун пайдарпай аст (хоҳ нақша дошта бошад, хоҳ не). Мавқеи истеъмоли калимаҳо ва ягонагии услубу бадеият дуруст аст. |
| 8 | 2 | 2 | Дар кори хаттӣ 1 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. | Мазмуни кор ба мавзуи асосӣ мутобиқат кунад. Мазмуни кор асосан дуруст бошад ҳам, баъзе далелҳояш чандон аниқ нестанд. Услуби кор аз ҷиҳати бадеият қонеъкунанда аст. |
| 7 | 2 | 3 | Дар кори хаттӣ 2 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мазмуни кор аз мавзуи асосӣ каме фарқ мекунад. Кор аз ҷиҳати луғат фарогир буда, мавқеи истеъмоли баъзе калимаҳо нодуруст аст. Рафти баёни мазмун аз ҷиҳати пайдарҳамӣ ва тартиб каме ғалат дорад. |
| 6 | 5 | 5 | Дар кори хаттӣ 3 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мазмуни кор ба мавзуи асосӣ қисман мутобиқат мекунад. Умуман, ду нуқсони мазмунӣ ва саҳви гуфтор дорад. |
| 5 | 4 | 5 | Дар кори хаттӣ 4 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Рафти баёни мавзуъ пайдарпай буда, вале аз ҷиҳати фарогирии луғат кофӣ набуда, ҷумлабандӣ якранг аст. Баъзе калимаҳо бемавқеъ истифода шудаанд. |
| 4 | 5 | 6 | Дар кори хаттӣ 5 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мазмуни кор ба мавзуи асосӣ мутобиқат мекунад. Баъзе далелҳо ғалат буда, рафти баёни фикр дар ҳамаи қисматҳои кор риоя нашудааст. |
| 3 | 5 | 7 | Дар кори хаттӣ 6 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Фикрҳо байни худ алоқа дошта бошанд ҳам, вале кор мувофиқи нақша нест. Нақл бо ҷумлаҳои якранги хеле кӯтоҳ навишта шудааст. Кор аз ҷиҳати луғат чандон кофӣ набуда, бемавқеъ истифода шудани калимаҳо дида мешавад. |
| 2 | 7 | 9 | Дар кори хаттӣ 7 ислоҳ вуҷуд дорад: | Ягонагии услуб вайрон шуда, нақл аз ҷиҳати луғат кофӣ нест. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Истифодаи бемавқеи калимаҳо зиёд дида мешавад. |
| 1 | Аз 7 зиёд | Аз 9 зиёд | Дар кори хаттӣ аз 7 зиёд ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мазмуни нақли хаттӣ бо мавзуи он мутобиқат намекунад. |

***Меъёри баҳогузорӣ ба эссе ва иншо***

| Хол | Миқдори хатоҳои имлоӣ | Миқдори хатоҳои китобатӣ | Риояи қоидаҳои навиштан | Меъёри баҳо ба мазмун |
|---|---|---|---|---|
| 10 | 0 | 0 | Ислоҳ дар эссе ва иншо мушоҳида нашавад. Ҳусни хати хонанда зебо, тоза ва ба қоидаҳои хатнависӣ ҷавоб дода метавонад. | Мавзуъро бевосита ва комилан дар бар гирифта, маводи бадеиро пурра фаҳмида ва дониста, ба ҳодисаи баёншаванда баҳо дода тавониста ва мустақилонаю мураттаб фикр ронда бошад. Бо забони фаҳмо ва равшан навишта бошад; Хулосаи дуруст баровардa бошад. Фикрашро бо далелҳо исбот карда бошад. |
| 9 | 1 | 1 | Ислоҳ дар эссе ва иншо мушоҳида нашавад. Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя гардидааст. | Дар иншо ва эссе ғалатҳои грамматикӣ содир накарда, мазмуни иншо ва эссеро ба мавзуъ мувофиқат мекунад. |
| 8 | 2 | 1 | Дар эссе ва иншо 1 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. | Маводи бадеиро нағз азхуд карда, фикрашро мураттаб бо далелҳо исбот карда тавониста бошад. Хулосаи иншо ва эссе мушаххас бошад. Аз хулоса маҳорати иншо ва эссенависии хонанда аён гардад. |
| 7 | 2 | 3 | Дар эссе ва иншо 2 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Меъёри забони адабӣ риоя шуда бошад. Дар баёни фикр ба ягон ғалат роҳ надода бошад. Хулосаи хонанда ҷандон эътимодбахш нест. |
| 6 | 3 | 4 | Дар эссе ва иншо 3 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мавзуьро баён намуда, хулоса надорад. Дар баёни мақсад ва овардани далелҳо саҳв кардааст. Мазмуни иншо ва эссе ба мавзуи онҳо мувофиқат кунад ҳам, баъзе далелҳо аниқ нестанд. |
| 5 | 4 | 3 | Дар эссе ва иншо 4 ислоҳ вуҷуд дорад: | Ҳаҷми иншо ва эссе ба талабот ҷавобгӯй бошад ҳам, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | далелҳо аниқ нестанд. Баъзе калимаҳо бемавқеъ истифода шудаанд. |
| 4 | 5 | 6 | Дар эссе ва иншо 5 ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Хонанда мавзуъро баён намуда бошад ҳам, хулосаи амиқ набаровардааст. Иншо ва эссе фарогири калимаҳои зиёд буда, дар навишти баъзе калимаҳо ба ғалатҳо роҳ додааст. Дар баёни мақсад аз далелҳо истифода бурда, дар овардани далелҳо саҳв кардааст. |
| 3 | 5 | 7 | Дар эссе ва иншо 6 ислоҳ вуҷуд дорад. Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мазмуни иншо ва эссе ба мавзуъ мувофиқ бошад ҳам, бемавқеъ истифода бурдани калимаҳо дида мешавад. Ҳаҷми кор ба талабот ҷавобгӯ нест. |
| 2 | 7 | 9 | Дар эссе ва иншо 7 ислоҳ вуҷуд дорад. Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мавуъро тамоман нафаҳмида, бе алоқаю пайдарҳамӣ фикрашро ифода карда бошад. Мазмуни иншо ва эссе ба мавзуъ мувофиқ нест. |
| 1 | **Аз 7 зиёд** | **Аз 9 зиёд** | Дар эссе ва иншо аз 7 зиёд ислоҳ вуҷуд дорад: Унсурҳои навиштани ҳарф ва пайвасти онҳо риоя нагардидааст. Масофаи байни калимаҳо риоя нагардидааст | Мавзуъро тамоман нафаҳмида, бе алоқаю пайдарҳамӣ фикрашро ифода кардааст. |

***Меъёри баҳогузорӣ ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон***

| **Хол** | **Меъёр ба арзёбии шифоҳӣ** | **Фоизи иҷрои супориши шифоҳӣ** |
|---|---|---|
| **10** | а) мавзуи омӯхтаашро пурра баён кунад, доир ба истилоҳ (термин)-ҳои забон ва адабиёт маълумоти саҳеҳу боварибахш диҳад; б) мавзуъро хуб бониста, фикри худро бо мисолҳо асоснок карда тавонад; | 91-100 |
| **9** | а) тарзи баёнаш мураттаб бошад, фикри худро бо далелҳо асоснок карда тавонад, вале нутқаш ба меъёри забони адабӣ мувофиқат накунад; б) ҳангоми баёни мавзуъ ба саросемагӣ роҳ диҳад. | 81-90 |
| **8** | Хонанда дар ҷавоб ҳамаи талаботи барои баҳои 9-хол пешниҳодшударо қонеъ гардонад, вале як-ду ғалат содир намуда, худаш ислоҳ кунад ва дар мураттабии баён ба 1-2 ғалат роҳ диҳад. | 71-80 |
| **7** | Маводро пурра баён намояд ҳам, нутқаш ба меъёри забони адабӣ чандон мувофиқат накунад; | 61-70 |
| **6** | Мафҳумҳо ва қоидаҳоро дақиқ маънидод карда тавонад, барои исботи фикраш далел оварда наметавонад. | 51-60 |
| **5** | Мулоҳизаҳои худро дар доираи забони адабӣ баён карда тавонад, вале дар бобати аз худ овардани мисолҳо душворӣ мекашад; | 41-50 |
| **4** | а) мавзуъро медонад, вале фикрашро бо далелҳо баён карда наметавонад; б) дар нутқаш ғалатҳои услубӣ дида шавад. | 31-40 |
| **3** | а) мавзуъро дониста, номураттаб баён кунад, дар тарзи баён ғалатҳо дошта бошад. | 21-30 |
| **2** | Хонанда қисми зиёди мавзуи омӯхташудаи фаслро надонад, дар шарҳи | 11-20 |

| | | |
|---|---|---|
| | мафҳум ва маънидоди қоида ғалат содир кунад, моҳияти масъаларо нодуруст шарҳ диҳад ва тарзи баёнаш номураттабу беэътимод бошад. | |
| 1 | Комилан надонистани мавод аниқ гардад. Баҳо на барои ҷавоби яклаҳзаина, балки ҳамчун ҷамъбаст барои ҳамаи ҷавобҳои дар раванди дарс дода гузошта шавад. | 1-10 |

28. Дар гурӯҳи фанҳои ҷамъиятӣ арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанда тариқи шифоҳӣ ва тестӣ қобилияту маҳорати зеҳнию маърифатӣ, малакаҳои коммуникативии хонанда ба инобат гирифта мешавад. Меъёри баҳогузорӣ дар ин раванд дар асоси талаботи баҳогузорӣ, ки дар Стандарт ва барномаи таълимӣ оварда шудааст, муайян карда мешавад.

29. Дар баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон тавассути саволномаҳои тестӣ аз гурӯҳи фанҳои ҷамъиятӣ вобаста ба шумораи саволҳои тестӣ ва дар муқоиса ба эквиваленти (мутобиқ) фоизи холи ба дастовардаи хонанда, ки дар ҷадвали замимаи 1 оварда шудааст, муайян карда мешавад.

***30. Меъёрҳои баҳогузорӣ барои гурӯҳи фанҳои ҷомеашиносӣ дар синфҳои 5-9***

| Хол | Меъёрҳо | Фоизи иҷрои супоришҳо |
|---|---|---|
| 10 | Супоришро иҷро карда, ҳодисаро пурра таҳлил кунад. Дар асоси далелу ҷузъҳои алоҳидаи дониш хулосаҳои назариявӣ барорад. | 91-100 |
| 9 | Барои иҷрои супориш кӯшиш намуда, ҳодисаро таҳлил кунад. Аксарияти нуктаю далелҳои ба масъала ва ё мавзуъ дахлдоштаро пайдо карда тавонад ҳам, хулосаҳои назариявиро бо кумаки омӯзгор барорад. | 81-90 |
| 8 | Барои иҷрои супориш кӯшиш намуда, ҳодисаро қисман таҳлил кунад. Дар асоси далелу ҷузъҳои алоҳидаи дониш хулосаҳои назариявӣ бароварда тавонад ҳам, ба манбаъҳои додашуда ба таври бояду шояд такя карда, хулосаҳои нопурра барорад. | 71-80 |
| 7 | Барои иҷрои супориш кӯшиш кунад, ҳодисаро қисман таҳлил ва хулоса карда тавонад. Ба манбаъҳои додашуда такя карда бошад ҳам, хулосабарории умумӣ, ноқис ё нодуруст мебошад. | 61-70 |
| 6 | Барои иҷрои супориш кӯшиш кунад ҳам, ҳодисаро таҳлил ва хулоса карда натавонад. | 51-60 |
| 5 | Супоришҳоро айнан азёд карда бошад ҳам, хулоса ва таҳлил карда натавонад. | 41-50 |
| 4 | Барои иҷрои супориш кӯшиш кунад ҳам, бе кумаки омӯзгор онро иҷро карда натавонад. | 31-40 |
| 3 | Кушиш кунад ҳам, ба саволу супориш оид ба мавзуъ ҷавоб дода натавонад. | 21-30 |
| 2 | Кӯшиш накунад, малакаҳои фикрӣ, тафаккури таҳлилӣ ва малакаҳои иртиботӣ (коммуникативӣ) надорад. | 11-20 |
| 1 | Кушиш накунад ва малакаҳои тафаккури таҳлилӣ ва зеҳнӣ надорад. | 1-10 |

31. Арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанда тариқи хаттӣ, шифоҳӣ ва тестӣ дар гурӯҳи фанҳои математикӣ азхудкунии маводи назариявӣ ва маҳорати татбиқ кардани он дар амал, рушди қобилияти эҷодӣ, тафаккури мантиқӣ ва мукаммалӣ дар азхудкунии барномаи таълимӣ ба эътибор гирифта мешавад. Меъёри баҳогузорӣ дар ин раванд дар асоси талаботи баҳогузорӣ, ки дар Стандарт ва барномаи таълимӣ оварда шудааст, муайян карда мешавад.

32. Дар баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда тавассути ҳалли мисолу масъалаҳои ба тариқи хаттӣ пешниҳодгардида ҳалли дуруст ва хусусияти хатоҳо муайян карда мешавад.

33. Дар баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон тавассути саволномаҳои тестӣ аз гурӯҳи фанҳои математикӣ вобаста ба шумораи саволҳои тестӣ ва дар муқоиса ба эквиваленти (мутобиқ) фоизи гирифтаи хонанда, ки дар ҷадвали замимаи 1 оварда шудааст, муайян карда мешавад.

***34. Баҳогузорӣ ба ҷавобҳои шифоҳии хонанда барои фанҳои гурӯҳи фанҳои математикӣ дар синфҳои 5-9***

| Хол | Меъёри баҳо ба ҷавоби шифоҳии хонанда | Фоизи иҷрои супориши шифоҳии хонанда |
|---|---|---|
| 10 | - мазмуни мавзуъро, ки мувофиқан дар ҳаҷми барномаи таълимӣ ва | 91-100 |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | китоби дарсӣ пешниҳод шудааст, баён намояд;<br>- аз истилоҳот ва рамзҳои математикӣ аниқ истифода бурда, маводро бо пайдарпайии муайяни мантиқӣ бошуурона баён намояд;<br>-расм, нақша, ҷадвал ва графикӣ ба ҷавоб вобастаро дуруст тасвир намояд;<br>- маҳорати бо мисолҳои мушаххас фаҳмондани назарияро нишон диҳад, дар вазъияти нав ин мисолҳоро ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ истифода барад;<br>- ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб диҳад. | |
| 9 | - мазмуни мавзуъро, ки мувофиқан дар ҳаҷми барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ пешниҳод шудааст, баён намояд;<br>- аз истилоҳот ва рамзҳои математикӣ аниқ истифода бурда, маводро бо пайдарпайии муайяни мантиқӣ бошуурона баён намояд;<br>- расм, нақша, ҷадвал ва графики ба ҷавоб вобастаро дуруст тасвир намояд;<br>- маҳорати бо мисолҳои мушаххас фаҳмондани назарияро нишон диҳад, дар вазъияти нав ин мисолҳоро ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ истифода барад;<br>- ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб надиҳад. | 81-90 |
| 8 | - дар баён норасогии на чандон калон, ки мазмуни математикии ҷавобро вайрон мекунад, роҳ додааст;<br>- ҳангоми шарҳи мазмуни асосии ҷавоб ба як камбудие роҳ дода, онро мувофиқи эроди омӯзгор ислоҳ кардааст;<br>- дар ҷавоби саволҳои иловагӣ ё дар ҳисоббарориҳо хато ё камбудӣ содир карда, мувофиқи эроди омӯзгор ба осонӣ ислоҳ кардааст. | 71-80 |
| 7 | - дар баён норасогии на чандон калон, ки мазмуни математикии ҷавобро вайрон мекунад, роҳ додааст;<br>- ҳангоми шарҳи мазмуни асосии ҷавоб ба як камбудие роҳ дода, онро мувофиқи эроди омӯзгор ислоҳ кардааст;<br>- дар ҷавоби саволҳои иловагӣ ё дар ҳисоббарориҳо хато як ё ду камбудӣ содир карда, мувофиқи эроди омӯзгор ба осонӣ ислоҳ кардааст. | 61-70 |
| 6 | - мазмуни мавод нопурра ва бетартиб баён шуда бошад, вале дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъд аз худ намудани маводи барнома кифоя бошад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо ва таърифҳо, истифодаи истилоҳҳо, нақшаҳо, ҳисоббароriҳо мушкилие пайдо ё хатогиҳо содир шуда бошанду бо ёрии саволҳои ёрирасони омӯзгор ислоҳ шуда бошанд;<br>- хонанда дар вақти иҷрои супоришҳои амалӣ назарияро дар вазъияти нав татбиқ карда натавонад, лекин оид ба ин мавзуъ супоришро иҷро карда бошад;<br>- ҳангоми донистани маводи назариявӣ ошкор шавад, ки малакаю маҳоратҳои асосӣ нокифоя ташаккул ёфтаанд. | 51-60 |
| 5 | - мазмуни мавод нопурра баён шуда бошад, вале хонанда дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъд аз худ намудани маводи барнома кифоя бошад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо ва таърифҳо, истифодаи истилоҳот, нақшаҳо, ҳисоббарориҳо мушкилӣ пайдо ё хатоӣ содир шуда бошаду ислоҳ карда натавонад;<br>- дар вақти иҷрои супоришҳо назарияро дар амал татбиқ карда натавонад;<br>- ҳангоми донистани маводи назариявӣ ошкор шавад, ки малакаю маҳоратҳои асосӣ нокифоя ташаккул ёфтаанд. | 41-50 |
| 4 | - мазмуни асосии маводи таълимиро фаҳмонда натавонад;<br>- қисми муҳимми маводи таълимиро надонад ё нафаҳмад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо ва таърифҳо, истифодаи истилоҳ, расмҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва графикҳо, дар ҳисоббарориҳо хатоӣ содир карда, бо эродҳои (саволҳои) омӯзгор ислоҳ нашуда бошанд. | 31-40 |
| 3 | - мазмуни асосии маводи таълимиро нафаҳмад;<br>- қисми муҳими маводи таълимиро надонад;<br>- дар шарҳи мафҳум ва таърифҳо, истифодаи истилоҳ, расмҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва графикҳо, дар ҳисоббарориҳо хато карда, онҳоро ислоҳ карда натавонад. | 21-30 |
| 2 | Маводи таълимиро надонад, нафаҳмида бошад ва ба саволҳои | 11-20 |

| | | |
|---|---|---|
| | гузошташуда доир ба мавзуъ ҷавоб дода натавонад | |
| 1 | Маводи таълимиро умуман сарфаҳм наравад. Ба саволҳои гузошташуда доир ба мавзуъ умуман ҷавоб дода натавонад | 1-10 |

**Баҳогузорӣ *ба корҳои хаттии хонанда***

| Хол | Меъёри баҳо ба супориши хаттии хонанда | Фоизи иҷрои супориши шифоҳии хонанда |
|---|---|---|
| **10** | - мисолу масъалаҳои пешниҳод гардидаро бо нишон додани роҳи ҳал пурра иҷро карда бошад;<br>- дар муҳокимаронихои мантиқӣ ва асосоноккунихои ҳал норасоӣ ва хато мавҷуд набошад;<br>- дар ҳалли мисолу масъалаҳо хатоҳои математикӣ мавҷуд набошанд. | 91-100 |
| **9** | - кор пурра иҷро шуда бошад ҳам, роҳи ҳалли онҳо нишон дода нашудааст;<br>- дар ҳал хатоҳои математикӣ мавҷуд набошад | 81-90 |
| **8** | - кор пурра иҷро шуда бошад ҳам, асоснок кардани марҳалаҳои ҳал нокифоя бошад;<br>- дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо ва графикҳо ба як хато ва ду камбудӣ роҳ дода шуда бошад. | 71-80 |
| **7** | - кор пурра иҷро шуда бошад ҳам, асоснок кардани марҳалаҳои ҳал нокифоя бошанд;<br>- дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо ё графикҳо ба 2 хато ва 3 камбудӣ роҳ дода бошад. | 61-70 |
| **6** | - дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо ё графикҳо ба зиёда аз 3 хато ва 3 камбудӣ роҳ дода бошад ҳам, доир ба мавзуъ маҳорат дорад. | 51-60 |
| **5** | - дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо ё графикҳо ба зиёда аз 4 хато ва 4 камбудӣ роҳ дода бошад ҳам, доир ба мавзуъ маҳорат дорад. | 41-50 |
| **4** | - хатоҳои содиркарда нишон диҳанд, ки дониши заруриро доир ба ин мавзуъ надорад. | 31-40 |
| **3** | Хатоҳои дағале содир карда бошад, ки дониши заруриро доир ба ин мавзуъ надорад, | 21-30 |
| **2** | Пурра мавҷуд набудани дониш ва маҳорати ҳатмиро доир ба мавзуъ нишон диҳад ё супоришро мустақилона иҷро накарда онҳоро рӯбардор карда бошад. | 11-20 |
| **1** | Пурра мавҷуд набудани дониш ва маҳорати ҳатмиро доир ба мавзуъ нишон диҳад ё супоришро иҷро накарда бошад. | 1-10 |

*ЭЗОҲ: мисолу масъалаҳо нодуруст ва ё дар раванди ҳал амалҳои математикӣ нодурустиҷро гардида, боиси ҷавоби нодуруст гардида бошад, он хатогии математикӣ дониста мешавад. Дар ҳолати саҳван нодуруст гузоштани амали математикӣ, мувофиқи талабот тасвир кардани нақша ва графикҳо, ки барои ёфтани ҷавоби дуруст монеа намешавад камбудӣ шуморида мешавад.*

***35. Меъёрҳои баҳогузорӣ барои гурӯҳи фанҳои ҷомеашиносӣ дар синфҳои 5-9***

**БАҲОГУЗОРӢ** *БА ҶАВОБҲОИ ШИФОҲИИ ХОНАНДА*

| Хол | Меъёри баҳо ба ҷавоби шифоҳии хонанда | Фоизи иҷрои супориши шифоҳии хонанда |
|---|---|---|
| 10 | - мазмуни мавзуъро мувофиқи ҳаҷм ва талаботи барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ баён намояд;<br>- мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳоро дуруст баён карда тавонад;<br>- доир ба назария ва қонунҳо маълумоти пурра дошта бошад, онҳоро бо мисолҳои мушаххас асоснок карда, дар корҳои амалӣ истифода бурда тавонад;<br>- доир ба бузургиҳо, воҳидҳо ва усули ченкунии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошад;<br>- расм, нақша ва графики ба саволу ҷавоб вобастаро ҳаматарафа дуруст иҷро намуда бошад;<br>- маҳорати бо мисолу масъалаҳои мушаххас фаҳмонидани назарияро нишон диҳад, ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ ин мисолу масъалаҳоро истифода бурда тавонад;<br>- ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб диҳад. | 91-100 |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | - мазмуни мавзуъро мувофиқи ҳаҷм ва талаботи барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ баён намояд;<br>- мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳоро дуруст баён карда тавонад;<br>- доир ба назария ва қонунҳо маълумоти пурра дошта бошад, онҳоро бо мисолҳои мушаххас асоснок карда дар корҳои амалӣ истифода бурда тавонад;<br>- доир ба бузургиҳо, воҳидҳо ва усули ченкунии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошад;<br>- расм, нақша ва графики ба саволу ҷавоб вобастаро ҳаматарафа дуруст иҷро намуда бошад;<br>- маҳорати бо мисолу масъалаҳои мушаххас фаҳмонидани назарияро нишон диҳад, дар вазъияти нав ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ ин мисолу масъалаҳоро истифода барад;<br>- ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб диҳад ҳам, ҷавоби саҳеҳ дида намешавад. | 81-90 |
| 8 | мазмуни мавзуъро мувофиқи ҳаҷм ва талаботи барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ баён намояд;<br>мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳоро дуруст баён карда тавонад;<br>- доир ба назария ва қонунҳо маълумоти пурра дошта бошад, онҳоро бо мисолҳои мушаххас асоснок карда дар корҳои амалӣ истифода бурда тавонад;<br>- доир ба бузургиҳо, воҳидҳо ва усули ченкунии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошад;<br>- расм, нақша ва графики ба саволу ҷавоб вобастаро ҳаматарафа дуруст иҷро намуда бошад;<br>-маҳорати бо мисолу масъалаҳои мушаххас фаҳмонидани назарияро нишон диҳад, дар вазъияти нав ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ ин мисолу масъалаҳоро истифода барад;<br>ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб диҳад.<br>Ҳангоми шарҳу маънидоди мазмуни асосии ҷавоб ба як хатогӣ ва ду камбудӣ роҳ дода бошад ҳам, онро мустақилона ё мувофиқи эроди омӯзгор ислоҳ кунад. | 71-80 |
| 7 | - мазмуни мавзуъро мувофиқи ҳаҷм ва талаботи барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ баён намояд;<br>- мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳоро дуруст баён карда тавонад;<br>- доир ба назария ва қонунҳо маълумоти пурра дошта бошад, онҳоро бо мисолҳои мушаххас асоснок карда дар корҳои амалӣ истифода бурда тавонад;<br>- доир ба бузургиҳо, воҳидҳо ва усули ченкунии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошад;<br>- расм, нақша ва графики ба саволу ҷавоб вобастаро ҳаматарафа дуруст иҷро намуда бошад;<br>-маҳорати бо мисолу масъалаҳои мушаххас фаҳмонидани назарияро нишон диҳад, дар вазъияти нав ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ ин мисолу масъалаҳоро истифода барад;<br>ба саволҳои иловагии омӯзгор мустақилона ҷавоб диҳад.<br>Ҳангоми шарҳу маънидодкунии мазмуни асосии ҷавоб ба як хатогӣ ва ду камбудие роҳ дода шудааст ва хонанда онро мувофиқи эроди муаллим ислоҳ кардааст. | 61-70 |
| 6 | - мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳои маводи таълимиро нопурра баён карда, дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъда аз худ намудани маводи барномаи таълимӣ кифоя бошад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳот ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун мушкилӣ кашида бошад ҳам, бо ёрии саволҳои иловагии омӯзгор онҳо ислоҳ шуда бошанд;<br>- дар иҷрои супоришҳои амалӣ назарияро дар амал татбиқ карда, оид ба мавзуъ супоришро иҷро карда тавонад. | 51-60 |
| 5 | - мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳои маводи таълимиро нопурра баён карда, дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъда аз худ намудани маводи барномаи таълимӣ кифоя бошад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳот ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун мушкилӣ кашида бошад ҳам, бо ёрии саволҳои иловагии омӯзгор онҳо ислоҳ шуда бошанд;<br>- дар иҷрои супоришҳои амалӣ назарияро дар амал татбиқ карда, | 41-50 |

| | | |
|---|---|---|
| | оид ба мавзуъ супоришро иҷро карда натавонад. | |
| 4 | мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳои маводи таълимиро нопурра баён карда, дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъда аз худ намудани маводи барномаи таълимӣ кифоя бошад;<br>Дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳот ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун мушкилӣ кашида бошад ҳам, бо ёрии саволҳои иловагии омӯзгор онҳо ислоҳ шуда бошанд;<br>Дар иҷрои супоришҳои амалӣ назарияро дар амал татбиқ карда, оид ба мавзуъ супоришро иҷро карда натавонад.- мазмуни асосии маводи таълимиро дарк карда ва ё фаҳмонда натавонад;<br>Дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳҳо ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун ба хатоӣ роҳ дода, бо ёрии саволҳои ёрирасони омӯзгор ислоҳ карда натавонад. | 31-40 |
| 3 | мазмуни ҳодисаҳо ва қонуниятҳои маводи таълимиро нопурра баён карда, дар бораи он фаҳмиши умумӣ дошта бошад, ки барои минбаъда аз худ намудани маводи барномаи таълимӣ кифоя бошад;<br>Дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳот ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун<br>мушкилӣ кашида бошад ҳам, бо ёрии саволҳои иловагии омӯзгор онҳо ислоҳ шуда бошанд;<br>Дар иҷрои супоришҳои амалӣ назарияро дар амал татбиқ карда, оид ба мавзуъ супоришро иҷро карда натавонад.- мазмуни асосии маводи таълимиро дарк карда ва ё фаҳмонда натавонад;<br>Дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳҳо ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун ба хатоӣ роҳ дода, бо ёрии саволҳои ёрирасони омӯзгор ислоҳ карда натавонад. | 21-30 |
| 2 | - талаботи баҳогузории банди 3-холаро иҷро карда натавонад;<br>- мазмуни асосии маводи таълимиро дарк карда ва ё фаҳмонда натавонад;<br>- дар шарҳи мафҳумҳо, қонунҳо, таърифҳо, истифодаи истилоҳот ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун ба хатои дағал роҳ дода, бо ёрии саволҳои ёрирасони омӯзгор ислоҳ карда натавонад | 11-20 |
| 1 | - ба саволҳо умуман ҷавоб надиҳад. | 1-10 |

***36. Меъёри баҳогузорӣ ба корҳои амалӣ ва лабораторӣи хонанда***

| Хол | Меъёри баҳогузорӣ ба кори амалӣ ва озмоишии хонанда | Фоизи иҷрои кори амалӣ ва ё озмоишии хонанда |
|---|---|---|
| 10 | - корро пайдарпай ва дар ҳаҷми пурра иҷро карда, ҳангоми гузаронидани таҷриба ва ченкунӣ онро дуруст ба роҳ монад;<br>- таҷҳизоти заруриро мустақилона ҷобаҷо карда, таҷрибаро вобаста ба шартҳое гузаронад, ки қоидаҳои техникаи бехатариро риоя карда, натиҷаҳои дуруст гирифта тавонад;<br>-ҳамаи ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо, графикҳо, ҳисобкуниҳоро дуруст қайд карда бошад; | 91-100 |
| 9 | - корро дар ҳаҷми пурра иҷро намуда, пайдарпайиро ҳангоми гузаронидани таҷриба ва ченкунӣ риоя накардааст;<br>- таҷҳизоти заруриро мустақилона ҷобаҷогузорӣ намуда, таҷрибаро вобаста ба шартҳое гузаронад, ки қоидаҳои техникаи бехатариро риоя карда, натиҷаҳои дуруст гирифта тавонад;<br>- ҳамаи ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо, графикҳо, ҳисобкуниҳоро дуруст қайд карда бошад; | 81-90 |
| 8 | - корро дар ҳаҷми пурра иҷро намуда, пайдарпайиро ҳангоми гузаронидани таҷриба ва ченкунӣ риоя накардааст;<br>- таҷҳизоти заруриро мустақилона ҷобаҷогузорӣ намуда, таҷрибаро вобаста ба шартҳое гузаронад, ки қоидаҳои техникаи бехатариро риоя карда, натиҷаҳои дуруст гирифта тавонад;<br>ҳамаи ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо, графикҳо, ҳисобкуниҳоро қисман қайд карда бошад;<br>Таҷриба вобаста ба шартҳое гузаронидашуда, қисман иҷро нагардида бошад. | 71-80 |
| 7 | - корро қисман иҷро кардааст, вале ҳаҷми кори иҷрошуда имконият | 61-70 |

| | | |
|---|---|---|
| | медиҳад, ки баъзе натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад;<br>- ченкунӣ аниқ нест, ба 3 камбудӣ ва 1 хато роҳ дода шуда бошад.<br>- дар рафти иҷрои таҷриба ба хато роҳ додааст. | |
| 6 | - корро қисман иҷро кардааст, ҳаҷми кори иҷрошуда имконият медиҳад, ки баъзе натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад;<br>- дар рафти иҷрои таҷриба ба хато роҳ додааст. | 51-60 |
| 5 | - корро қисман иҷро накардааст, ҳаҷми кори иҷрошуда имконият медиҳад, ки баъзе натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад;<br>- таҷрибаҳо, ченкуниҳо, ҳисобкуниҳо ва мушоҳидаро нодуруст иҷро кардааст. | 41-50 |
| 4 | - таҷрибаҳо, ченкуниҳо, ҳисобкуниҳо ва мушоҳидаро нодуруст иҷро кардааст.<br>- хулоса нодуруст бароварда шудааст | 31-40 |
| 3 | - корро иҷро накарда, натиҷаи дуруст гирифта натавонад;<br>- таҷрибаҳо, ченкуниҳо, ҳисобкуниҳо ва мушоҳидаро нодуруст иҷро кардааст. | 21-30 |
| 2 | Супоришро рӯбардор карда бошад. | 11-20 |
| 1 | Корро тамоман иҷро накардааст. | 1-10 |

*Эзоҳ: дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ 1-хол кам карда мешавад.*

***37. Меъёри баҳогузорӣ ба корҳои хаттии хонанда***

| **Хол** | **Меъёри баҳо ба супоришҳои хаттии хонанда** | **Фоизи иҷрои супориши хаттии хонанда** |
|---|---|---|
| **10** | - масъалаҳо дуруст, бехато ҳал шуда бошанд;<br>- рафти ҳалли масъалаҳо дуруст, роҳу усулҳои дурусти ҳал интихоб карда шудааст;<br>- ҳамаи амалҳо аз рӯи қоидаи ҳалли масъалаҳо дуруст иҷро шудаанд;<br>- додашудагиҳо, навишти формулаҳо, ёфтани бузургии номаълум ва ҳисобкунии қимати аниқи онҳо дуруст иҷро шудаанд;<br>- ҳамаи навиштаҷоти рафти ҳалли масъалаҳо, нақшаҳо, графикҳо дуруст, эҳтиёткорона системаноку пай дар пай оварда шудаанд;<br>- ҷавоб ба саволгузории масъалаҳо мувофиқи талаби шарти онҳо, дурусту мукаммал дода, санҷиш ва хулоса шудааст. | 91-100 |
| **9** | - масъалаҳо дуруст, бехато ҳал шуда бошанд;<br>- рафти ҳалли масъалаҳо дуруст, роҳу усулҳои дурусти ҳал интихоб нишон дода нашудааст;<br>- ҳамаи амалҳо аз рӯи қоидаи ҳалли масъалаҳо дуруст иҷро шудаанд;<br>- додашудагиҳо, навишти формулаҳо, ёфтани бузургии номаълум ва ҳисобкунии қимати аниқи онҳо дуруст иҷро шудаанд;<br>- ҳамаи навиштаҷоти рафти ҳалли масъалаҳо, нақшаҳо, графикҳо дуруст, эҳтиёткорона системаноку пайдарпай оварда шудаанд;<br>- ҷавоб ба саволгузории масъалаҳо мувофиқи талаби шарти онҳо, дурусту мукаммал дода, санҷиш ва хулоса шудааст. | 81-90 |
| **8** | дар ҳолате гузошта мешавад, ки талабот ба баҳогузории 9-хола иҷро гардида, 2 камбудӣ дорад:<br>- ҳамаи навиштаҷоти рафти ҳалли масъалаҳо, нақшаҳо, графикҳо дуруст, эҳтиёткорона системаноку пайдарпай оварда нашудаанд;<br>- ҷавоб ба саволгузории масъалаҳо мувофиқи талаби шарти онҳо, дурусту мукаммал дода, санҷиш ва хулоса нашудааст. | 71-80 |
| **7** | - талабот ба баҳогузории 8-хола иҷро гардида, 3 камбудӣ дорад:<br>- ҳамаи навиштаҷоти рафти ҳалли масъалаҳо, нақшаҳо, графикҳо дуруст, эҳтиёткорона системаноку пайдарпай оварда нашудаанд;<br>- ҷавоб ба саволгузории масъалаҳо мувофиқи талаби шарти онҳо, дурусту мукаммал дода, санҷиш ва хулоса нашудааст.<br>- дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо, графикҳо ба зиёда аз як хато ва ду-се камбудӣ роҳ дода, доир ба мавзуъҳои омӯхташуда, маълумоти пурра дошта бошад. | 61-70 |
| **6** | - ҳалли масъалаҳо дуруст буда, ба ду хато роҳ додааст;<br>- дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо, графикҳо ба зиёда аз 2 хато ва 2-3 камбудӣ роҳ дода, доир ба мавзуъҳои омӯхташуда, маълумоти пурра | 51-60 |

| | | |
|---|---|---|
| | дошта бошад. | |
| **5** | - ҳалли масъалаҳо дуруст буда, ба 3 хато роҳ додааст;<br>- дар ҳисоббарориҳо, нақшаҳо, графикҳо ба 3 хато ва 2-3 камбудӣ роҳ дода, доир ба мавзуъ маълумоти пурра дошта бошад. | 41-50 |
| **4** | - ҳалли масъалаҳо дуруст буда, он то охир расонида нашудааст;<br>- ба 3 хато роҳ додан аз надоштани маҳорати татбиқи амалии маводи таълимӣ дарак медиҳад. | 31-40 |
| **3** | - ҳалли масъалаҳо дуруст буда, он то охир расонида нашудааст;<br>- чор хатоиои дағал содир карда шуда бошад | 21-30 |
| **2** | - ҳалли масъалаҳои пешниҳодшуда рӯбардор карда бошад; | 11-20 |
| **1** | - ҳалли масъалаҳои пешниҳодшударо умуман иҷро накардааст. | 1-10 |

38. Баҳогузорӣ аз гурӯҳи фанҳои санъат вобаста ба рушду нумуъ, идроки санъат, инкишофи хотира, тасаввур, тафаккуру тахаюли бадеӣ, такомули зебоипарастӣ, шавқу ҳавас ва муҳаббат ба санъат муайян мешавад.

Дар раванди баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз гурӯҳи фанҳои санъат дарки дидану шунидан, маҳорати донистану тавонистан ва тасвир кардану сохтан ба эътибор гирифта мешавад.

39. Баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда аз гурӯҳи фанҳои «Технологӣ» тибқи талаботи Консепсияи касбинтихобкунии ҷавонон дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои барномаи “Технология (Таълими меҳнат)” дар самти интихоби касбу ҳунар, тайёрии иқтисодӣ, унсурҳои менеҷмент, ороишгарӣ, ҳунарҳои халқӣ, ҷорӣ намудани хоҷагидорӣ ва фермерӣ ба инобат гирифта шавад.

40. Баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда аз гурӯҳи фанҳои тарбияи ҷисмонӣ (фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ) дар асоси меъёрҳои хосси ин фанҳо муайян карда мешавад.

## 5. БАҲОГУЗОРӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДА ТАРИҚИ ТЕСТ

41. Баҳогузорӣ тариқи тест ба дониш, малака ва маҳорати хонанда аз ҳамаи фанҳо дар доираи барномаи таълимӣ амалӣ карда мешавад.

42. Саволномаи тестӣ дар шаклҳои пӯшида, кушода ва мувофиқоварӣ бо вариантҳои гуногун таҳия ва пешниҳоди хонанда карда мешавад.

Барои ёфтани ҷавоби тестҳо ба як савол аз фанҳои гуманитарӣ аз 1 то 1,5 дақиқа ва барои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз 2 то 3 дақиқа ба хонанда вақт ҷудо карда мешавад.

43. Барои ҷавоби дурусти тести пӯшида 1 хол, тести кушода 2 хол, тести мувофиқоварӣ 4 хол (барои мувофиқ омадани ҳар як ҷавоб 1 хол) гузошта мешавад. Барои ҷавоби нодуруст хол гузошта намешавад. Саволҳои тестӣ аз рӯйи низоми баҳогузории 10 хола тибқи сутуни 3 ҷадвали дар замимаи 1 буда, фоизи умумии холҳои бадастовардаи хонанда аз рӯйи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ФУХБ = \frac{МХБ * 100}{МХТ}$$

Дар ин ҷо:
ФУХБ – Фоизи умумии холхои бадастоварда;
МХБ – миқдори холҳои бадастоварда;
МХТ – миқдори холҳои тестӣ.

Мисол, дар саволномаҳои тестӣ 10 савол дар шакли пӯшида, 7 савол дар шакли кушода ва 3 савол дар шакли мувофиқоварӣ пешниҳоди хонанда шудааст, ки ҳамагӣ 36 холро ташкил медиҳад. Хонанда дар сурати ба ҳамаи саволҳои тестӣ ҷавоби дуруст ёфтан соҳиби 36 хол (яъне 10х1=10 хол аз саволҳои шакли пӯшида, 7х2=14 хол аз саволҳои шакли кушода, 3х4=12 хол аз саволҳои шакли мувофиқоварӣ) гардид. Дар ин ҳолат хонанда соҳиби холи максималӣ мегардад.

$$ФУХБ = \frac{36 \cdot 100}{36} = 100,$$

яъне хонанда 100% холҳои имконпазирро соҳиб гаштааст

**Замимаи 1**

**Ҷадвали муайян намудани эквиваленти баҳо, холҳо, ва фоизи холҳо дар низоми баҳогузории 10 хола**

| Низоми 10-хола | Муодили ҳарфии холҳо | Муодили фоизи холҳо | Дараҷаи холгузорӣ | Муодили вожагии холгузорӣ | Муодили баҳои анъанавӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | $A_+$ | 91 - 100 | Аъло | Аъло | Аъло |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9 | A | 81 - 90 | | Олӣ | |
| 8 | B+ | 71 - 80 | Хуб | Хубтар | Хуб |
| 7 | B | 61 - 70 | | Хуб | |
| 6 | C+ | 51 - 60 | Миёна | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| 5 | C | 41 - 50 | | Кофӣ | |
| 4 | D | 31 - 40 | | Кам | |
| 3 | FX | 21 - 30 | Паст | Нокифоя | Ғайриқаноатбахш |
| 2 | F | 11 - 20 | | Паст | |
| 1 | | 1 - 10 | | Пасттар | |

**6. ТАРТИБИ АЗ СИНФ БА СИНФ ГУЗАРОНИДАН ВА АТТЕСТАТСИЯИ АЗ СИНФ БА СИНФ ГУЗАРОНДАНИ ХОНАНДАГОН**

44. Масъалаи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 2-3 аз руйи натиҷаи баҳои солонаи аз фанҳои таълимӣ ба даст овардаи он амалӣ карда мешавад.

45. Хонандаи синфҳои 2-8, ки 40 рӯз ва зиёда аз он пай дар пай бесабаб ба дарсҳо иштирок накардааст, такроран ба синфаш мононда шуда, масъалаи аз синф ба синф гузаронидани хонандаеро, ки то 80 рӯз бо сабаби беморӣ ба дарсҳо иштирок накардааст, дар сурати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (хулосаи комиссияи машваратӣ-тиббӣ) Шурои педагогии муассисаи таълимӣ ҳал менамояд.

46. Хонандаи синфҳои 2-3, ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи «паст» ва ё «пасттар» дорад, бо қарори Шурои педагогӣ дар синфаш такроран мононда мешавад.

47. Хонандаи синфҳои 2-3, ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи «нокифоя» дорад, имконият дода мешавад, ки аз арзёбии такрорӣ гузарад. Масъалаи аз синф ба синф гузаронидани хонанда ва ё такроран ба синфаш монондани он вобаста ба натиҷаи арзёбии такрорӣ амалӣ карда мешавад.

48. Масъалаи аз синф ба синф гузаронидани хонандаи синфҳои 4-8 дар асоси баҳои солона ва натиҷаи баҳои аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ҳал карда мешавад.

49. Хонандаи синфҳои 4-8, ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи «паст» ва ё «пасттар» дорад, ба аттестатсия роҳ дода намешавад ва дар синфаш монда мешавад.

50. Ба аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан хонандае роҳ дода мешавад, ки аз фанҳои аттестатсияшаванда баҳои «паст» ва ё «ғайриқаноатбахш» надошта бошад.

51. Хонандаи синфҳои 4-8, ки на зиёда аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи «нокифоя» дорад, бо қарори Шурои педагогӣ ба аттестатсияи такрорӣ аз ҳамон фан мононда мешавад ва масъалаи аз синф ба синф гузаронидан ё монондан дар синфаш вобаста ба натиҷаи аттестатсияи такрорӣ амалӣ карда мешавад.

52. Дар ҳолати аз як фанни таълимӣ баҳои солонаи «паст» ва ё «ғайриқаноатбахш» доштани хонанда, ӯ аз ҳамон фан ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуда, баъди супоридани аттестатсияи такрорӣ аз синф ба синф гузаронида мешавад

53. Дар ҳолати аз аттестатсия баҳои «паст» ва ё «пасттар» гирифтани хонанда ба аттестатсияи такрорӣ мононда мешавад ва масъалаи аз синф ба синф гузаронидани он баъди супоридани аттестатсияи такрорӣ ҳал карда мешавад.

**7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

54. Ҳамаи баҳсҳои асосноки дар ин самт ба миён омада, бо назардошти муҳимият ва қобили қабул дониста шудан, пас аз баррасӣ дар таҳия ва такмили ҳуҷҷати мазкур ба инобат гирифта мешаванд

55. Дар сурати риоя накардани талаботи дастурамали мазкур тибқи тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдор андешида мешавад.

# ДАЪВАТ

## ТАРҒИБИ ОБУНА

**Муштариёни азиз!**

Оё медонед?

Муҳтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст: **ШИНОХТАНИ МАҚОМИ МАОРИФ ЧУН ОМИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ**




Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба муҳтавои он манзури алоқамандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

- маорифи кишвар рушд мекунад;
- сифати таҳсилот боло меравад;
- сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
- идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
- маърифати ҷомеа такмил меёбад...

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҳаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

Нархи солонаи обуна барои соли 2024 дар идора (ё тариқи суратҳисоб) 170 сомонӣ бо назардошти хизматрасонист.

**«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!**